رئاسة الشؤون الدينية
بالمسجد الحرام والمسجد النبوي

тоҷикӣ | طاجيكي | حِرَاسَةُ التَّوحِيدِ

# Ҳифзи тавҳид

Таълиф Аллома Шайх
Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз

حِرَاسَةُ التَّوحِيدِ

# Ҳифзи тавҳид

لِسَمَاحَةِ الشَّيْخِ العَلَّامَةِ
عَبْدِ العَزِيزِ بْنِ عَبْدِ اللهِ بْنِ بَازٍ
رَحِمَهُ اللهُ

Таълиф Аллома Шайх
Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

# Номаи аввал

## Ақидаи дуруст ва он чи мухолифи он аст

Ҳамду ситоиш барои Аллоҳи якто ва дуруду салом бар касе, ки баъд аз ӯ паёмбаре нест ва бар хонадону асҳобаш бод.

Аммо баъд:

Чун эътиқоди дуруст пояи дин ва пояи имон аст, фикр кардам, ки сухан гуфтан дар бораи ин мавзуъ ва китобату таълиф дар баёну тавзеҳи он муҳим аст.

Аз далелҳои шаръии Қуръону Суннат маълум аст, ки амалҳо ва суханҳо дар сурате дуруст ва қобили қабул ҳастанд, ки аз эътиқоди дуруст сарчашма гиранд. Аммо агар эътиқод нодуруст бошад, пас ҳама амалҳо ва суханҳое, ки аз он сарчашма мегирад, ботил аст. Чунончи, Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَمَن يَكۡفُرۡ بِٱلۡإِيمَٰنِ فَقَدۡ حَبِطَ عَمَلُهُۥ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ﴾

(ва ҳар ки ба [аркони] имон куфр биварзад, ҳатман, амалаш табоҳ шудааст ва дар охират аз зиёндидагон хоҳад буд). (Сураи Моида, ояти 5).

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَقَدۡ أُوحِيَ إِلَيۡكَ وَإِلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكَ لَئِنۡ أَشۡرَكۡتَ لَيَحۡبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ ٦٥﴾

(Ба ту ва паёмбарони пеш аз ту ваҳй шудааст, ки: «Агар ширк биварзӣ, [подоши] корҳоят, қатъан, барбод хоҳад рафт ва зиёнкор хоҳӣ шуд»). (Сураи Зумар, ояти 65).

Дар ин маънӣ оятҳо зиёданд. Китоби ошкорбаёни Аллоҳ Таъоло ва суннати Паёмбари амин (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар ин далолат доранд, ки ақидаи дуруст дар шаш амр хулоса мешавад ва онҳо иборатанд аз: Имон ба Аллоҳ ва фариштагони Ӯ ва китобҳои Ӯ ва паёмбарони Ӯ ва рӯзи қиёмат ва тақдири нек ва бад. Ин умури шашгона усули ақидаи дурусте аст, ки китоби Аллоҳ Таъоло бар он нозил шуда ва Аллоҳ Таъоло бар он паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро фиристодааст.

Дар Китобу Суннати саҳеҳ далелҳои фаровоне дар бораи ин шаш асл омадааст. Аз он ҷумла, мисолҳои зеринро метавон зикр кард:

Якум: Далелҳо аз Қуръони Карим; чунончи, Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿لَّيۡسَ ٱلۡبِرَّ أَن تُوَلُّواْ وُجُوهَكُمۡ قِبَلَ ٱلۡمَشۡرِقِ وَٱلۡمَغۡرِبِ وَلَٰكِنَّ ٱلۡبِرَّ مَنۡ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ وَٱلۡكِتَٰبِ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ...﴾

(Некӣ [фақат] ин нест, ки [барои намоз] рӯйи

худро ба сӯйи машриқ ва [ё] мағриб кунед, балки некӣ [рафтори] он касе аст, ки ба Аллоҳ Таъоло ва рӯзи қиёмат ва фариштагону китоби [осмонӣ] ва паёмбарон имон оварда бошад...) (Сураи Бақара, ояти 177).

Инчунин Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло фармуда:

﴿ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ لَا نُفَرِّقُ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّن رُّسُلِهِۦ...﴾

(Расул [-и Аллоҳ Таъоло] ба он чи аз [сӯйи] Парвардигораш бар ӯ нозил шуда, имон овардааст ва муъминон [низ] ҳамагӣ ба Аллоҳ Таъоло ва фариштагону китобҳо ва паёмбаронаш имон овардаанд; [ва суханашон ин аст, ки]: "Миёни ҳеҷ як аз паёмбаронаш [дар имон ба эшон] тафовуте намегузорем...)

(Сураи Бақара, ояти 285).

Худованд мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِي نَزَّلَ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَٱلۡكِتَٰبِ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ مِن قَبۡلُۚ وَمَن يَكۡفُرۡ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ فَقَدۡ ضَلَّ ضَلَٰلَۢا بَعِيدًا ١٣٦﴾

(Эй касоне, ки имон овардаед, ба Аллоҳ Таъоло ва паёмбараш ва китобе, ки бар ӯ нозил кардааст ва [ба ҳар] китобе, ки пеш аз ин фиристодааст, имон биёваред [ва бар он пойдор

бошед] ва ҳар, ки ба Аллоҳ Таъоло ва фариштагони Ӯ ва китобҳову паёмбаронаш ва рӯзи қиёмат куфр биварзад, бе тардид, дар гумроҳии дуру дарозе афтодааст). (Сураи Нисо, ояти 136).

Худованд мефармояд:

﴿أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ مَا فِى ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ ۗ إِنَّ ذَٰلِكَ فِى كِتَٰبٍ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ ۝٧٠﴾

(Оё надонистаӣ, ки Аллоҳ Таъоло он чиро дар осмон ва замин аст медонад? Бе гумон [ҳамаи] инҳо дар китобе [сабт] аст. Мусалламан, ин [кор] бар Аллоҳ Таъоло осон аст).

(Сураи Ҳаҷ, ояти 70).

Дуюм: Далелҳо аз Суннат; аз ҷумла, ҳадиси саҳеҳи машҳур, ки Муслим дар "Саҳеҳ"-аш аз ҳадиси Амирулмуъминин Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳу) ривоят кардааст, ки Ҷабраил (Алайҳи-с-салом) Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро аз имон пурсид, Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«الإِيمَانُ أَنْ تُؤْمِنَ بِاللَّهِ، وَمَلَائِكَتِهِ، وَكُتُبِهِ، وَرُسُلِهِ، وَاليَوْمِ الآخِرِ، وَتُؤْمِنَ بِالقَدَرِ خَيْرِهِ وَشَرِّهِ».

"Имон ин аст, ки имон биёварӣ ба Аллоҳ ва фариштагони Ӯ ва китобҳои Ӯ ва паёмбарони Ӯ ва рӯзи охират ва имон биёварӣ ба тақдири

неку бади он" (1).[1] Ҳадис. Ин ҳадисро Шайхайн – бо ихтилофи андак – аз ҳадиси Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят кардаанд.

Ва аз ин асосҳои шашгона сарчашма мегирад: ҳар он чизе, ки мусалмон бояд ба он эътиқод ва имон дошта бошад, дар робита ба Аллоҳ Таъоло, дар умури охират ва дигар умури ғайбӣ; аз он чизҳое, ки Аллоҳ Таъоло ва Расули Ӯ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз онҳо хабар додаанд.

Баёни асосҳои шашгона чунин аст:

## Асли аввал: Имон ба Аллоҳ Таъоло

Ва он шомили чанд амр аст, аз ҷумла: Имон ба ин ки Ӯ маъбуди барҳақ ва шоистаи ибодат аст ва ҳеҷ касе ҷуз Ӯ ин шоистагиро надорад, зеро Ӯ Офаридгори бандагон ва касе аст, ки ба онон некӣ мекунад ва ононро ризқу рӯзӣ медиҳад ва донандаи ниҳону ошкори онон аст ва қодир ба подош додани фармонбардор ва ҷазо додани гунаҳкорон аст.

Ва Аллоҳ Таъоло инсу ҷинро барои ин ибодат офарид ва онҳоро ба он амр намуд. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا خَلَقْتُ ٱلْجِنَّ وَٱلْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ ۝٥٦ مَآ أُرِيدُ مِنْهُم مِّن رِّزْقٍ وَمَآ أُرِيدُ أَن يُطْعِمُونِ ۝٥٧ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلرَّزَّاقُ ذُو ٱلْقُوَّةِ ٱلْمَتِينُ ۝٥٨﴾

---

[1] Ривояти Муслим, рақами (8).

(Ва ҷинну инсро фақат барои он офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд].

На аз онон рӯзӣ мехоҳам, на ин ки Маро хӯрок диҳанд. 57

[Зеро] Аллоҳ Таъоло аст, ки рӯзирасони неруманд ва барқарор аст).

(Сураи Зориёт, оятҳои 56-58).

Аллоҳ Таъоло инчунин мефармояд:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱعْبُدُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِى خَلَقَكُمْ وَٱلَّذِينَ مِن قَبْلِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ ﴿٢١﴾ ٱلَّذِى جَعَلَ لَكُمُ ٱلْأَرْضَ فِرَٰشًا وَٱلسَّمَآءَ بِنَآءً وَأَنزَلَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ مَآءً فَأَخْرَجَ بِهِۦ مِنَ ٱلثَّمَرَٰتِ رِزْقًا لَّكُمْ ۖ فَلَا تَجْعَلُواْ لِلَّهِ أَندَادًا وَأَنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿٢٢﴾﴾

(Эй мардум, Парвардигори худро парастиш кунед; он касе, ки шумо ва пешиниёни шуморо офарид. Бошад, ки парҳезгор шавед.

Он, ки заминро барои шумо бигустурд ва осмонро [ҳамчун сақфе] болои саратон қарор дод ва аз осмон обе фурӯ фиристод ва ба василаи он анвои меваҳоро ба вуҷуд овард, то рӯзии шумо бошад. Бинобар ин барои Аллоҳ Таъоло ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки [ҳақиқатро] медонед).

(Сураи Бақара, оятҳои 21-22)

Аллоҳ Таъоло паёмбаронро фиристод ва китобҳоро нозил кард, то ин ҳақиқатро баён кунанд ва ба сӯи он даъват кунанд ва аз он чи

хилофи он бошад, ҳушдор диҳанд. Чунончи, Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولًا أَنِ ٱعْبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجْتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَ...﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед»...) (Сураи Наҳл, ояти 36).

Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَآ أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ مِن رَّسُولٍ إِلَّا نُوحِيٓ إِلَيْهِ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّآ أَنَا۠ فَٱعْبُدُونِ ٢٥﴾

(Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: «Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед»).

(Сураи Анбиё, ояти 25).

Ва Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿الر كِتَابٌ أُحْكِمَتْ آيَاتُهُ ثُمَّ فُصِّلَتْ مِنْ لَدُنْ حَكِيمٍ خَبِيرٍ ١ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا اللَّهَ إِنَّنِي لَكُمْ مِنْهُ نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ ٢﴾

(Алиф, лом, ро. Ин [Қуръон] китобест, ки оёти он истеҳком ёфтааст ва сипас аз ҷониби ҳакими огоҳ ба равшанӣ баён шудааст.

[Паёми Паёмбар ин аст] Ки ҷуз Аллоҳро напарастед, [ки] бе тардид, ман аз сӯйи Ӯ бароятон бимдиҳанда ва башоратгар ҳастам). (Сураи Ҳуд, оятҳои 1-2).

Моҳияти аслии ин ибодат: ягона шумурдани

Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар тамоми ибодатҳоест, ки бандагон анҷом медиҳанд; аз ҷумла, дуо, тарс, умед, намоз, рӯза, забҳ, назр ва дигар навъҳои ибодат, аз рӯи таслим ба Ӯ, рағбат ба савоби Ӯ ва тарс аз азоби Ӯ, бо муҳаббати комил ба Ӯ ва фурӯтанӣ дар баробари бузургии Ӯст.

Ва касе, ки дар Қуръони Карим тааммул мекунад, дармеёбад, ки аксари он дар бораи ин асли бузург нозил шудааст, чунонки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّآ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلْكِتَـٰبَ بِٱلْحَقِّ فَاعْبُدِ اللَّهَ مُخْلِصًا لَهُ الدِّينَ ﴿٢﴾ أَلَا لِلَّهِ الدِّينُ الْخَالِصُ وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ أَوْلِيَآءَ مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلْفَىٰٓ إِنَّ ٱللَّهَ يَحْكُمُ بَيْنَهُمْ فِى مَا هُمْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى مَنْ هُوَ كَـٰذِبٌ كَفَّارٌ ﴿٣﴾﴾

(Ин китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, пас, Аллоҳро бо хулуси эътиқод парастиш кун, пас, Аллоҳро бо хулуси эътиқод парастиш кун.

Огоҳ бошед, ки дини холис [ва холӣ аз ширк] аз они Аллоҳ Таъоло аст ва афроде, ки ғайри Аллоҳро [дӯст ва] корсози худ интихоб кардаанд [пиндорашон ин аст, ки]: «Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ Таъоло наздик гардонанд [ва манзалатамонро бештар кунанд]». Аллоҳ Таъоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ

Таъоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард). (Сураи Зумар, ояти 2-3).

Ва Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُ...﴾

(Ва Парвардигорат чунин фармон додааст, ки: «Ҷуз Ӯро напарастед...)

(Сураи Исро, ояти 23).

Ва инчунин Ӯ Таъоло мефармояд:

﴿فَٱدْعُواْ ٱللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْكَٰفِرُونَ ١٤﴾

([Танҳо] Аллоҳро бо хулуси эътиқод бихонед, ҳарчанд кофирон нохушнуд бошанд). (Сураи Ғофир, ояти 14).

Ҳамин тавр, касе, ки дар суннати набавӣ тааммул мекунад, аҳамияти ин асли бузургро низ дармеёбад. Ва аз ҷумлаи он, ривояти дар "Саҳеҳайн" аз Муъоз (разияллоҳу анҳу) аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«حَقُّ اللهِ عَلَى العِبَادِ أَن يَعْبُدُوهُ وَلَا يُشْرِكُوا بِهِ شَيْئًا».

"Ҳаққи Аллоҳ Таъоло бар бандагонаш ин аст, ки танҳо Ӯро ибодат кунанд ва касеро бо Ӯ шарик қарор надиҳанд."[1]

Аз ҷумлаи имон ба Аллоҳ, имон овардан ба ҳама чизҳое, ки Худованд бар бандагонаш воҷиб

---

[1] Ривояти Бухорӣ (2856), Муслим (30).

ва фарз намудааст, аз ҷумла, аркони панҷгонаи зоҳирии Ислом.

Гувоҳӣ додан бар ин ки нест маъбуде барҳақ ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад паёмбари Худо аст, барпо доштани намоз, додани закот, рӯза доштани моҳи Рамазон, ҳаҷҷи Байтуллоҳ-ил-ҳаром барои касе, ки ба он тавоноӣ дорад ва дигар фаризаҳое, ки шариати пок овардааст.

Муҳимтарин ва бузургтарини ин рукнҳо: гувоҳӣ додан бар ин ки нест маъбуди ба ҳақ, ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст. Ва ин шаҳодат тақозо мекунад, ки ибодат танҳо барои Аллоҳи ягона ва нафйи он аз дигарон бошад. Ва ин маънои "Ло илоҳа илло Аллоҳ" аст. Пас, маънояш, чунон ки уламо (раҳимаҳумуллоҳ) гуфтаанд, ин аст, ки: нест маъбуди ба ҳақ, ҷуз Аллоҳ. Бинобар ин, ҳар чизе, ки ғайр аз Аллоҳ ибодат карда мешавад - аз инсон, ё фаришта, ё ҷин, ё ғайри он - маъбуди ботил аст. Ва маъбуди ба ҳақ танҳо Аллоҳи ягона аст, ки шарике надорад. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدْعُونَ مِن دُونِهِۦ هُوَ ٱلْبَٰطِلُ...﴾

(Ин бад-он сабаб аст, ки Аллоҳ Таъоло ҳақ аст ва он чиро, ки [мушрикон] ҷуз ӯ мехонанд, [ҳама] ботил аст...) (Сураи Ҳаҷ, ояти 62).

Ва пештар баён шуд, ки Аллоҳ Таъоло инсу

ҷинро барои ин асли асос офарида, онҳоро ба он амр фармуд ва паёмбаронашро фиристод ва китобҳояшро барои он нозил кард. Пас, бар банда лозим аст, ки дар ин бора хуб биандешад ва амиқ дар борааш фикр кунад, то барояш равшан шавад, ки аксари мусалмонон нисбат ба ин асли бузург ҷоҳил ҳастанд, то ҷое, ки ҳамроҳи Аллоҳ Таъоло ғайри Ӯро ибодат мекунанд ва ҳаққи холиси Ӯро ба дигарон додаанд. Худованд ёридиҳанда аст.

Аз талаботи имон ба Аллоҳ Таъоло ин имон овардан ба ин, ки Аллоҳ Таъоло Офаридгори олам ва Тадбиркунандаи умури онон буда ва касе аст, ки дар миёни онҳо бо илму қудрати Худ чӣ гунае, ки бихоҳад тасарруф мекунад. Ва ин ки Ӯ Молики дунё ва охират ва Парвардигори ҳамаи ҷаҳониён аст. Ҳеҷ Офаридгоре ва Парвардигоре ҷуз Ӯ нест. Ва ин ки Ӯ паёмбаронро фиристод ва китобҳоро нозил кард, барои ислоҳи бандагонаш ва барои даъвати онҳо ба сӯи чизе, ки салоҳи дунё ва охирати онҳоро дар бар гирифтааст. Ва Аллоҳ Таъоло дар ҳамаи ин чизҳо ҳеҷ шарике надорад. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَيۡءٖۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ وَكِيلٞ ٦٢﴾

(Аллоҳ Таъоло офаридгори ҳар чизест ва Ӯ бар ҳама чиз [нигаҳбону] корсоз аст).

(Сураи Зумар, ояти 62).

Инчунин Худованд мефармояд:

﴿إِنَّ رَبَّكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِۖ يُغۡشِي ٱلَّيۡلَ ٱلنَّهَارَ يَطۡلُبُهُۥ حَثِيثٗا وَٱلشَّمۡسَ وَٱلۡقَمَرَ وَٱلنُّجُومَ مُسَخَّرَٰتِۢ بِأَمۡرِهِۦٓۗ أَلَا لَهُ ٱلۡخَلۡقُ وَٱلۡأَمۡرُۗ تَبَارَكَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٥٤﴾

([Эй мардум] Бе гумон, Парвардигори шумо Аллоҳ Таъоло аст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт. [Торикии] Шабро бо [рӯшноии] рӯз мепӯшонад, ки [ҳаряки] он [дигаре]-ро шитобон меҷӯяд ва хуршеду моҳ ва ситорагонро [падид овард], ки [ҳамагӣ] ба фармони Ӯ ба хидмат [-инсон] гумошта шудаанд. Огоҳ бошед! Офариниш ва фармонравоӣ аз они Ӯст. Пурбаракат [-у бузург] аст Аллоҳ Таъолое, ки Парвардигори ҷаҳониён аст). (Сураи Аъроф, ояти 54).

Ва аз ҷумлаи имон ба Аллоҳ Таъоло инчунин имон овардан ба номҳои зебо ва сифатҳои волои Ӯст, ки дар китоби азизаш омадааст ва аз паёмбари аминаш собит шудааст. Ба номҳои зебои Ӯ бояд бидуни таҳриф, таътил, кайфият қоил шудан ва тамсил кардан имон овард.

﴿...لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ﴾

(Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Аллоҳ Таъоло нест ва Ӯ шунаво ва биност). (Сураи Шуро, ояти 11).

Пас воҷиб аст, ки онҳоро ҳамон гуна, ки омадаанд, бидуни қоил шудан ба кайфият пазируфт, бо имон овардан ба маъонии бузурге, ки далолат мекунад сифатҳои Аллоҳ Азза ва Ҷалла ҳастанд. Ва воҷиб аст, ки Ӯ Таъолоро ба тавре, ки лоиқи Ӯст, васф намоем, бидуни ташбиҳи Ӯ бо махлуқоташ дар чизе аз сифатҳояш. Ҳамонгуна, ки Аллоҳ Таъоло мефармояд: Ва Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿فَلَا تَضۡرِبُواْ لِلَّهِ ٱلۡأَمۡثَالَۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ وَأَنتُمۡ لَا تَعۡلَمُونَ ٧٤﴾

(Пас, барои Аллоҳ Таъоло амсол [ва шарикҳое мутааддид] қоил нашавед. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло медонад ва шумо намедонед). (Сураи Наҳл, ояти 74).

Ин эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат аз асҳоби Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва пайравони солеҳи онҳо, дар бораи номҳо ва сифатҳои Аллоҳ аст. Онро Имом Абулҳасани Ашъарӣ (раҳимаҳуллоҳ) дар китоби "Ал-Мақолот" аз асҳоби ҳадис ва аҳли суннат ривоят кардааст. Ва дигар аҳли илму имон низ онро ривоят кардаанд.

Авзоъӣ (раҳимаҳуллоҳ) мегӯяд: (Зуҳрӣ ва Макҳул аз оятҳои сифот пурсида шуданд, онҳо гуфтанд: Сифоти Худовандро чӣ гунае, ки ворид

шудаанд, қабул кунед)[1].

Инчунин Авзоъӣ (раҳимаҳуллоҳ) мегӯяд: (Мо ва тобеъин ҳангоме ки сершумор будем, мегуфтем: Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло бар Арши Худ аст ва ба он чи аз сифатҳо дар суннат омадааст, имон дорем).[2]

Валид ибни Муслим (раҳимаҳуллоҳ) гуфтааст: (Аз Молик, Авзоъӣ, Лайс ибни Саъд ва Суфёни Саврӣ (раҳимаҳумуллоҳ) дар мавриди ривоятҳои воридшуда оиди сифот пурсида шуданд, ҳамаашон гуфтанд: Он сифатҳоро чӣ гунае, ки (дар Қуръон ва Суннат) ворид шудааст, бидуни шарҳи кайфият (чигунагӣ) бипазиред)[3].

Вақте аз Рабиъа ибни Абу Абдурраҳмон - устоди Имом Молик (раҳматуллоҳи алайҳимо) - дар бораи "истиво" пурсида шуд, гуфт: "Истиво маҷҳул нест, аммо дарки кайфияти он ғайри маъқул аст, рисолат аз ҷониби Аллоҳ аст ва аз ҷониби Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

---

[1] Ривояти Лолакоӣ дар "Шарҳи усули эътиқод" (735), ва Ибни Абдулбар дар "Ҷомеъу-л-илм ва фазлиҳи" (1801) инро зикр кардааст, вале бо лафзи "аҳодис" ба ҷои "оёти сифот", ки матнаш чунин аст: "Ин аҳодисро ҳамон гуна, ки омадааст, ривоят кунед ва дар бораи он баҳс накунед".

[2] Ривояти Байҳақӣ дар "Ал-Асмо ва-с-Сифот" (865), Ибни Таймия дар "Ҳамавия" (саҳ. 269) иснодашро саҳеҳ гуфтааст. Ва Заҳабӣ дар "Ъарз (2/223) гуфтааст: "Ровиёнаш имомони сиқа (муътамад) ҳастанд."

[3] Ривояти Лолакоӣ дар "Шарҳи усули эътиқод" (930), Байҳақӣ дар "Асмо ва сифот" (955).

расондан аст ва бар мо тасдиқи он воҷиб аст"[1]. Ва ҳангоме ки Имом Молик аз он пурсида шуд, гуфт: (Истиво маълум аст, чигунагии он номаълум ва имон ба он воҷиб ва суол дар бораи он бидъат аст). Сипас ба суолдиҳанда гуфт: Туро ҷуз марди баде намебинам ва амр кард, ӯро берун карданд[2]. Ва инчунин ба ин маъно аз модари муъминон Умми Салама (разияллоҳу анҳо) ривоят шудааст[3].

Ва Имом Абӯ Абдурраҳмон ибни Муборак (раҳматуллоҳи алайҳ) фармуданд: (Мо Парвардигори поки худро ин гуна мешиносем, ки дар болои осмонҳо бар Арши Худ ва ҷудо аз махлуқоташ аст)[4].

Сухани имомон дар ин мавзуъ хеле зиёд аст, ки наметавон ҳамаи онро дар ин суханронӣ ҷой дод. Аммо ҳар касе мехоҳад назарҳои бештареро дар ин мавзуъ дарёфт кунад, бояд ба китобҳое руҷуъ кунад, ки олимони аҳли суннат дар ин мавзуъ навиштаанд. Аз ҷумла, китоби "Суннат"-и Абдуллоҳ ибни Имом Аҳмад ва китоби "Тавҳид"-и имоми бузургвор, Муҳаммад ибни

---

[1] Ривояти Лолакоӣ дар "Шарҳи усули эътиқод" (665), Байҳақӣ дар "Асмо ва сифот" (868).

[2] Ривояти Лолакоӣ дар "Шарҳи усули эътиқод" (664), Абунуъайм дар "Ҳиляту-л-авлиё" (325/6), Байҳақӣ дар "Ал-Асмо ва-с-сифот" (867).

[3] Ривояти ал-Музаккӣ дар Музаккиёт (29), ва Ибни Батта дар "Ал-Ибона" (120), ва Лолакоӣ дар "Шарҳи усули эътиқод" (663).

[4] Ривояти Доримӣ (67), Байҳақӣ (903).

Хузайма ва китоби "Суннат"-и Абулқосими Лолакоий Табарӣ, китоби "Суннат"-и Абубакр ибни Абуосим ва "Ҷавоби шайхулислом Ибни Таймия ба аҳли Ҳамоҳ (Шаҳре дар Сурияи имрӯза)". Ин як посухи бисёр васеъ ва муфид аст ва ӯ (раҳимаҳуллоҳ) дар ин посухаш эътиқоди аҳли суннатро баён намудааст ва бисёре аз гуфтаҳои онҳоро иқтибос оварда ва далелҳои шаръӣ ва ақлӣ бар дуруст будани гуфтаҳои аҳли суннат ва беэътибор будани гуфтаҳои мухолифонашонро овардааст.

Ҳамин тавр рисолаи ӯ, ки ба номи "Тадмурия" маъруф аст, дар он ин мавзуъро ба таври муфассал шарҳ дода, ақидаи аҳли суннатро бо далелҳои нақлӣ ва ақлӣ баён намуда, ба мухолифон ба тавре посух додааст, ки ҳақро ошкор намуда, ботилро барои ҳар соҳибилме, ки бо нияти нек ва барои шинохти ҳақ ба он бингарад, дар ҳам шикаста аст. Пас, хулосаи ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат дар боби асмо ва сифот ин аст, ки онҳо барои Аллоҳ Таъоло он чиро, ки Ӯ дар китобаш барои Худ исбот кардааст, ё Паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар суннаташ барои Ӯ исбот кардааст, бидуни тамсил собит менамоянд. Ва Ӯро (Субҳонаҳу ва Таъоло) аз мушобиҳат бо махлуқоташ муназзаҳ ва пок донистаанд, танзиҳе, ки аз таътил дур аст. Пас, аз таноқузот

дар амон монданд. Ва бо тавфиқи Аллоҳ ба ҳамаи далелҳо амал карданд. Зеро ин роҳи Аллоҳ Таъоло барои касоне аст, ки ба ҳаққе, ки паёмбаронашро ба он фиристодааст, пойбандӣ мекунанд ва дар ин роҳ тамоми талоши худро ба харҷ медиҳанд ва дар талаби он барои Аллоҳ ихлос мекунанд, то онҳоро ба ҳақ тавфиқ диҳад ва ҳуҷҷаташонро ошкор созад. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿بَلۡ نَقۡذِفُ بِٱلۡحَقِّ عَلَى ٱلۡبَٰطِلِ فَيَدۡمَغُهُۥ فَإِذَا هُوَ زَاهِقٌ...﴾

(Балки Мо ҳақро бар ботил меафканем, пас, онро дар ҳам мешиканад ва ногоҳ он [ботил] нобуд мешавад...) (Сураи Анбиё, ояти 18).

Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَا يَأۡتُونَكَ بِمَثَلٍ إِلَّا جِئۡنَٰكَ بِٱلۡحَقِّ وَأَحۡسَنَ تَفۡسِيرًا ٣٣﴾

(Ва [кофирон] ҳеҷ [эътирозу] масале бароят намеоваранд, магар он ки Мо [низ посухе] бар ҳақ ва хушбаёнтар бароят меоварем).

(Сураи Фурқон, ояти 33).

Аммо касе, ки дар боби асмо ва сифот бо аҳли суннат мухолифат кунад, ҳатман гирифтори мухолифат бо далелҳои нақлӣ ва ақлӣ ва таноқузи ошкор дар ҳама мавридҳое хоҳад шуд, ки исбот ва нафй мекунад. Ва Ҳофиз ибни Касир (раҳимаҳуллоҳ) дар тафсири машҳури худ дар ин мавзуъ сухани неке овардааст ва ин дар

шарҳи ин фармудаи Аллоҳ Азза ва Ҷалла мебошад:

﴿إِنَّ رَبَّكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ...﴾

([Эй мардум] Бе гумон, Парвардигори шумо Аллоҳ Таъоло аст, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш қарор гирифт...) (Сураи Аъроф, ояти 54).

Зикр кардани он дар ин ҷо ба хотири фоидаи бузургаш шоиста аст; ӯ (раҳимаҳуллоҳ) мегӯяд:

Мардум дар ин бора андешаҳои зиёде доранд, ки инҷо ҷои тафсилоти онҳо нест, балки мо ба равиши гузаштагони нек, монанди Молик, Авзоъӣ, Саврӣ, Ал-Лайс ибни Саъд, Шофеъӣ, Аҳмад ибни Ҳанбал ва Исҳоқ ибни Роҳавайҳ ва дигар имомони мусалмонон дар гузашта ва ҳозира амал мекунем. Ақидаи онҳо дар ин бора чунин буд, ки сифоти Худовандро ҳамон тавр, ки дар матн омадааст, бидуни қоил шудан ба чигунагии онҳо, монанд кардан ба махлуқот, ё инкор кардан бояд пазируфт. Ва ҳар он чи дар зеҳни ташбеҳгарон нисбат ба Худованд меояд, аз Ӯ нафй мешавад. Зеро Худованд ҳеҷ шабоҳат ба ҳеҷ махлуқе надорад ва:

﴿...لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ﴾

(Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Аллоҳ Таъоло нест ва Ӯ

шунаво ва биност). (Сураи Шуро, ояти 11). Балки чунон аст, ки имомон гуфтаанд, - аз ҷумлаи онҳо Наъим ибни Ҳаммод Ал-Хузоъӣ, шайхи Бухорӣ, гуфтааст: «Ҳар касе Аллоҳро ба махлуқоташ ташбеҳ кунад, кофир шудааст ва ҳар касе, он чиро, ки Аллоҳ Худро васф кардааст, инкор кунад, кофир шудааст»[1]. Ва дар он чи Аллоҳ Худро ба он тавсиф намудааст ва паёмбараш Ӯро тавсиф кардааст, ҳеҷ ташбиҳе вуҷуд надорад. Пас, ҳар кас он чи дар оятҳои сареҳ ва ахбори саҳеҳ омадааст, барои Аллоҳ Таъоло ба гунае, ки шоистаи ҷалоли Ӯст, собит кунад ва нуқсонҳоро аз Аллоҳ Таъоло дур созад, ба роҳи ҳидоят рафтааст[2]. Поёни сухани Ибни Касир (Худо раҳматаш кунад).

Аз ҷумлаи имон ба Аллоҳ инчунин, эътиқод доштан ба ин ки имон қавл ва амал аст, бо тоат зиёд ва бо маъсият кам мешавад. Ва мусалмонро барои гуноҳони камтар аз ширк ва куфр, монанди зино, дуздӣ, рибохӯрӣ, арақнӯшӣ, нофармонӣ аз падару модар ва дигар гуноҳони кабира такфир кардан ҷоиз нест, модоме ки онҳоро ҳалол надонад. Бинобар ин фармудаи Аллоҳ Таъоло:

---

1 Ривояти Заҳабӣ дар "Улув" (464). Албонӣ дар "Мухтасару-л-улув" (саҳ: 184) гуфтааст: "Ин иснод саҳеҳ аст, риҷолаш сиқа ва маъруф ҳастанд."

2 Тафсири Ибни Касир (3/426, 427).

﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ...﴾

(Бе гумон, Аллоҳ Таъоло ин гуноҳро, ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад ва ғайр аз онро – барои ҳар ки бихоҳад – мебахшад...) (Сураи Нисо, ояти 48). Ва дар аҳодиси мутавотир аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, ки мефармояд:

«إِنَّ اللهَ يُخْرِجُ مِنَ النَّارِ مَنْ كَانَ فِي قَلْبِهِ مِثْقَالُ حَبَّةٍ مِنْ خَرْدَلٍ مِنْ إِيْمَانٍ».

"Ҳамоно, Худованд ҳар касро, ки дар дилаш ба андозаи донаи хардал имон дошта бошад, аз оташ берун мекунад".[1]

## Асли дуввум: Имон ба фариштагон

Ва он ду чизро дар бар мегирад: Амри аввал: Имони куллӣ ба фариштагон. Яъне, имон дошта бошем, ки Аллоҳ фариштаҳое дорад, ки онҳоро барои ибодати Худ халқ кардааст ва онҳоро чунин тавсиф кардааст:

﴿وَقَالُواْ ٱتَّخَذَ ٱلرَّحۡمَٰنُ وَلَدٗاۗ سُبۡحَٰنَهُۥۚ بَلۡ عِبَادٞ مُّكۡرَمُونَ ٢٦ لَا يَسۡبِقُونَهُۥ بِٱلۡقَوۡلِ وَهُم بِأَمۡرِهِۦ يَعۡمَلُونَ ٢٧ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡ وَلَا يَشۡفَعُونَ إِلَّا لِمَنِ ٱرۡتَضَىٰ وَهُم مِّنۡ خَشۡيَتِهِۦ مُشۡفِقُونَ ٢٨﴾

([Мушрикон бо ин тасаввур, ки фариштагон духтарони Аллоҳ Таъоло ҳастанд] гуфтанд: «[Аллоҳи] Раҳмон фарзанде [барои хеш]

---

[1] Ривояти Бухорӣ (22) аз ҳадиси Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу).

баргузидааст». Ӯ муназзаҳ аст [чунин нест, ки мепиндоранд], балки фариштагон бандагони гиромиаш ҳастанд.

Онон ҳаргиз дар сухан бар Ӯ пешӣ намегузинанд ва [пайваста] ба фармонаш амал мекунанд.

[Аллоҳ Таъоло] Гузашта ва ояндаи ононро медонад ва эшон ҷуз барои касе, ки Ӯ писандад, шафоат намекунанд ва худ аз бими Ӯ ҳаросонанд). (Сураи Анбиё, оятҳои 26-28).

Ва онҳо навъҳои гуногун ва зиёданд, аз ҷумла, бардорандагони Арш, нигаҳбонони биҳишт ва дӯзах, ҳифзи аъмоли бандагон. Амри дуввум: Имон ба фариштагон ба таври муфассал, яъне имон овардан ба он фариштагоне, ки Аллоҳ ва Расулаш онҳоро ном бурдаанд; монанди Ҷабраил, масъули ваҳй, Микоил, масъули борон, Молик, нигаҳбони дӯзах ва Исрофил, масъули дамидани Сур ҳастанд. Чунон ки зикри онҳо дар ҳадисҳои саҳеҳ омадааст, аз ҷумла ҳадисе, ки дар "Саҳеҳ"-и Муслим аз Оиша (разияллоҳу анҳо) собит шудааст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«خُلِقَتِ الـمَلَائِكَةُ مِن نُورٍ، وَخُلِقَ الجَانُّ مِنْ مَارِجٍ مِنْ نَارٍ، وَخُلِقَ آدَمُ مِمَّا وُصِفَ لَكُم».

«Фариштагон аз нур офарида шудаанд ва

ҷинҳо аз шуълаи дурахшони бедуди оташ ва Одам аз он чизе, ки бар шумо васф шудааст, офарида шудааст».[1] Ин ҳадисро Муслим дар "Саҳеҳ"-аш ривоят кардааст.

## Асли севум: Имон ба китобҳо, ки он низ ду чизро дар бар мегирад:

Амри аввал: Имон овардан ба китобҳо ба таври умум, яъне ба ин ки Аллоҳ Таъоло китобҳоро бар паёмбарон ва расулонаш нозил кардааст, барои баён кардани ҳаққи Худ ва даъват ба сӯи он. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿لَقَدۡ أَرۡسَلۡنَا رُسُلَنَا بِٱلۡبَيِّنَٰتِ وَأَنزَلۡنَا مَعَهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡمِيزَانَ لِيَقُومَ ٱلنَّاسُ بِٱلۡقِسۡطِ...﴾

(Мо паёмбарони хешро бо нишонаҳои равшан фиристодем ва ҳамроҳашон китобу мизон [-и ташхиси ҳақ аз ботил] нозил кардем, то мардум ба адолат бархезанд...) (Сураи Ҳадид, ояти 25). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿كَانَ ٱلنَّاسُ أُمَّةٗ وَٰحِدَةٗ فَبَعَثَ ٱللَّهُ ٱلنَّبِيِّـۧنَ مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ وَأَنزَلَ مَعَهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ لِيَحۡكُمَ بَيۡنَ ٱلنَّاسِ فِيمَا ٱخۡتَلَفُواْ فِيهِ...﴾

([Дар оғоз] мардум як уммат буданд [аммо дар амри дин ихтилоф карданд]; он гоҳ Аллоҳ

[1] Ривояти Муслим, рақами (2996), аз ҳадиси Оиша (разияллоҳу анҳо).

Таъоло паёмбаронро башоратбахшу бимдиҳанда барангехт ва ҳамроҳ бо онон китоб [-и осмонӣ]-ро ба ҳақ нозил кард, то миёни мардум дар он чи ихтилоф доштанд, доварӣ кунанд...) (Сураи Бақара, ояти 213).

Амри дуввум: Имон овардан ба китобҳо ба таври муфассал. Яъне, ба он китобҳое, ки Аллоҳ номбар кардааст, имон оварем, монанди Таврот, Инҷил, Забур ва Қуръон. Ва эътиқод дорем, ки Қуръон беҳтарини онҳо ва хотимадиҳандаи онҳост, бар онҳо бартарӣ дорад ва онҳоро тасдиқ мекунад, ва он китобест, ки бар тамоми уммат воҷиб аст, ки аз он пайравӣ намуда, бар асоси он ва ҳамроҳ бо он чи аз суннати саҳеҳи Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ворид шудааст, доварӣ кунанд. Зеро Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро паёмрасон барои инсу ҷин қарор додааст ва ин Қуръонро бар ӯ нозил кардааст, то тибқи он дар миёни онҳо доварӣ кунад ва онро шифое барои он чи дар дилҳост ва баёнгари ҳама чиз ва ҳидояту раҳмат барои муъминон қарор додааст. Дар ин бора Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿وَهَٰذَا كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ مُبَارَكٞ فَٱتَّبِعُوهُ وَٱتَّقُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ١٥٥﴾

(Ва ин [Қуръон] ки нозил кардем, китоби

пурбаракат аст, аз он пайравӣ кунед ва парво намоед, бошад, ки мавриди раҳмат қарор гиред). (Сураи Анъом, ояти 155). Инчунин Аллоҳ Субҳонаҳу мефармояд:

﴿...وَنَزَّلْنَا عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ تِبْيَٰنًا لِّكُلِّ شَيْءٍ وَهُدًى وَرَحْمَةً وَبُشْرَىٰ لِلْمُسْلِمِينَ﴾

(ва Мо ин китоб [Қуръон] - ро бар ту нозил кардем, ки равшангари ҳама чиз аст ва барои мусалмонон раҳнамуд ва раҳмату башорат аст). (Сураи Наҳл, ояти 89). Ва дар ояти дигар низ мефармояд:

﴿قُلْ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا ٱلَّذِي لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ يُحْيِۦ وَيُمِيتُ ۖ فَـَٔامِنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِ ٱلنَّبِيِّ ٱلْأُمِّيِّ ٱلَّذِي يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ وَكَلِمَٰتِهِۦ وَٱتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ ﴿١٥٨﴾﴾

(Бигӯ: «Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ Таъоло ба сӯйи ҳамаи шумо ҳастам. Ҳамон [Парвардигоре], ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст, маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест; зинда мекунад ва мемиронад, пас, ба Аллоҳ Таъоло ва фиристодааш – он паёмбари дарснохондае, ки ба Аллоҳ Таъоло ва суханонаш бовар дорад, имон биёваред ва аз Ӯ пайравӣ кунед, бошад, ки ҳидоят шавед»). (Сураи Аъроф, ояти 158). Ва дар ин маънӣ оятҳо зиёданд.

## Асли чаҳорум: Имон ба паёмбарон

Он низ шомили ду чиз аст: Амри аввал: Имон овардан ба паёмбарон ба таври куллӣ ва он чунин аст, ки имон дорем, Аллоҳ Таъоло ба сӯи бандагонаш паёмбарони башоратдиҳанда ва бимдиҳанда ва даъваткунанда ба сӯи ҳақ фиристодааст. Пас, ҳар ки даъвати онҳоро пазируфт, саодатманд мешавад ва ҳар ки бо онҳо мухолифат кард, пушаймон ва ноумед мешавад. Охирин ва беҳтарини паёмбарон, Паёмбарамон Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст. Аллоҳ Таъоло дар ин бора мефармояд:

﴿وَلَقَدۡ بَعَثۡنَا فِي كُلِّ أُمَّةٖ رَّسُولًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجۡتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَ...﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед»...) (Сураи Наҳл, ояти 36). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿رُّسُلٗا مُّبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى ٱللَّهِ حُجَّةُۢ بَعۡدَ ٱلرُّسُلِ...﴾

(Паёмбароне [фиристодем], ки башоратбахшу бимдиҳанда буданд, то барои мардум пас аз [биъсати] паёмбарон дар муқобили Аллоҳ Таъоло [ҳеҷ баҳона ва] ҳуҷҷате набошад...) (Сураи Нисо, ояти 165). Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿مَّا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَآ أَحَدٍ مِّن رِّجَالِكُمْ وَلَٰكِن رَّسُولَ ٱللَّهِ وَخَاتَمَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ...﴾

(Муҳаммад ҳаргиз падари ҳеҷ яки аз мардони шумо нест; балки расули Аллоҳ Таъоло ва хотами паёмбарон аст...)

(Сураи Аҳзоб, ояти 40).

Амри дуюм: Имон ба паёмбарон ба таври муфассал. Яъне, ба таври муфассал ва муайян имон овардан ба он паёмбароне, ки Аллоҳ номашонро зикр кардааст, ё ном бурданашон аз Расулуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, монанди Нӯҳ, Ҳуд, Солеҳ, Иброҳим ва дигарон, (Дуруду саломи Аллоҳ бар онҳо ва бар олу пайравонашон бод).

## Асли панҷум: Имон ба рӯзи қиёмат.

Ва он дар бар мегирад:

Имон ба ҳамаи он чи Аллоҳ ва Паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз рӯйдодҳои баъд аз марг хабар додаанд, монанди фитнаи қабр, азоби қабр ва неъматҳо ва он чизе, ки рӯзи қиёмат рух медиҳад аз сахтиҳо ва даҳшатҳо, гузаштани пул, тарозӯ, ҳисобу подош ва паҳн кардани дафтари аъмол дар байни мардум, ки баъзеҳо ба дасти рост ва баъзеҳо онро ба дасти чап ё аз пушт мегиранд.

Инчунин шомили имон овардан ба ҳавзи Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва имон ба биҳишту дӯзах ва дидани муъминон

парвардигорашонро рӯзи қиёмат ва сухан гуфтанаш бо бандагонаш ва дигар чизҳое, ки дар Қуръони Карим ва суннати саҳеҳ аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ворид шудааст, мебошад. Пас, ба ҳамаи инҳо имон овардан ва тасдиқ кардан ба тарзе, ки Аллоҳ Таъоло ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намудааст, бар банда воҷиб аст.

## Асли шашум: Имон ба қадар.

Имон ба тақдир чаҳор чизро дар бар мегирад:

Амри якум: Имон доштан ба ин ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло аз он чи буд ва он чи дар оянда мешавад, огоҳ аст ва аз аҳволи бандагонаш, ризқу рӯзӣ, умри онҳо, амалҳо ва дигар корҳояшон огоҳ аст. Ҳеҷ чиз аз Ӯ пӯшида нест. Чунон ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿...وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٞ﴾

(ва бидонед, ки Аллоҳ Таъоло ба ҳама чиз доност). (Сураи Бақара, ояти 231). Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿...لِتَعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ وَأَنَّ ٱللَّهَ قَدۡ أَحَاطَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عِلۡمَۢا﴾

(...то бидонед, ки Аллоҳ Таъоло бар ҳар чиз тавоност ва ин ки илми Аллоҳ Таъоло бар ҳама чиз иҳота дорад). (Сураи Талоқ, ояти 12).

Дуввум: Имон доштан ба ин ки Аллоҳ Таъоло

ҳар он чиро, ки тақдир намудааст ва ҳукм кардааст, навиштааст. Чунон ки Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿قَدۡ عَلِمۡنَا مَا تَنقُصُ ٱلۡأَرۡضُ مِنۡهُمۡۖ وَعِندَنَا كِتَٰبٌ حَفِيظُۢ ٤﴾

(Бе тардид, зарроте, ки замин аз бадани онон мекоҳад, [ҳамаро] медонем; ва китобе нигоҳбон дар ихтиёр дорем [ки ҳарчи бар онон муқаддар гашта, дар он сабт аст]). (Сураи Қоф, ояти 4). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَكُلَّ شَيۡءٍ أَحۡصَيۡنَٰهُ فِيٓ إِمَامٖ مُّبِينٖ﴾

(...ва ҳама чизро дар Китоби равшан [Лавҳ-ул-маҳфуз] ба шумор овардаем). (Сураи Ёсин, ояти 12). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿أَلَمۡ تَعۡلَمۡ أَنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ مَا فِي ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِۚ إِنَّ ذَٰلِكَ فِي كِتَٰبٍۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٞ ٧٠﴾

(Оё надонистаӣ, ки Аллоҳ Таъоло он чиро дар осмон ва замин аст медонад? Бе гумон [ҳамаи] инҳо дар китобе [сабт] аст. Мусалламан, ин [кор] бар Аллоҳ Таъоло осон аст).

(Сураи Ҳаҷ, ояти 70).

Севум: Имон ба машиат ва иродаи нофизи Аллоҳ Таъоло. Чунон ки ҳар он чи Ӯ бихоҳад мешавад ва ҳар он чи нахоҳад намешавад. Чунон ки Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿...إِنَّ ٱللَّهَ يَفۡعَلُ مَا يَشَآءُ﴾

(Бе тардид, Аллоҳ Таъоло ҳар чи бихоҳад анҷом медиҳад). (Сураи Ҳаҷ, ояти 18). Ва Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿إِنَّمَآ أَمۡرُهُۥٓ إِذَآ أَرَادَ شَيۡـًٔا أَن يَقُولَ لَهُۥ كُن فَيَكُونُ ﴿٨٢﴾﴾

(Фармони Ӯ чун чизеро ирода кунад, танҳо ин аст, ки ба он мегӯяд: «Мавҷуд шав»; пас, [бедиранг] мавҷуд мешавад). (Сураи Ёсин, ояти 82). Аллоҳ Субҳонаҳу мефармояд:

﴿وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿٢٩﴾﴾

(Ва шумо [чизеро] намехоҳед, магар он ки Парвардигори ҷаҳониён [ирода кунад ва] бихоҳад). (Сураи Таквир, ояти 29).

Чаҳорум: Имон ба ин ки Аллоҳ Таъоло ҳамаи махлуқотро офаридааст. Ҳеҷ офаринандае ҷуз Ӯ нест. Ва ҳеҷ парвардигоре ҷуз Ӯ нест. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَيۡءٖۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ وَكِيلٞ ﴿٦٢﴾﴾

(Аллоҳ Таъоло офаридгори ҳар чизест ва Ӯ бар ҳама чиз [нигаҳбону] корсоз аст). (Сураи Зумар, ояти 62). Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱذۡكُرُواْ نِعۡمَتَ ٱللَّهِ عَلَيۡكُمۡۚ هَلۡ مِنۡ خَٰلِقٍ غَيۡرُ ٱللَّهِ يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِۚ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ فَأَنَّىٰ تُؤۡفَكُونَ ﴿٣﴾﴾

(Эй мардум, неъмати Аллоҳро бар худ ба ёд

оваред. Оё офаринандае ҷуз Аллоҳ Таъоло ҳаст, ки шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ диҳад? Ҳеҷ маъбуде ҷуз Ӯ нест. Пас, чи гуна [аз ҳақ] мунҳариф мешавед?). (Сураи Фотир, ояти 3).

Имон ба тақдир: ҳамаи ин чаҳор чизро дар бар мегирад, чуноне ки эътиқоди Аҳли суннат ва ҷамоат аст. Бар хилофи аҳли бидъат, ки бархе аз ин умурро инкор мекунанд.

Аз ҷумлаи умури муҳими ақидаи дурусти Аҳли суннат ин аст: Муҳаббат ва буғзу бадбинӣ ба хотири Аллоҳ ва дӯстиву душманӣ низ ба хотири Аллоҳ. Ва ин ҳамон ақидаи валоъ ва бароъ (дӯстӣ ва ҷудоӣ ба хотири Аллоҳ) аст ва он аз ҷумлаи имон ба Аллоҳ Таъоло мебошад.

Муъмин муъминонро дӯст медорад ва бо онҳо дӯстӣ мекунад ва кофиронро бад мебинад ва бо онон душманӣ мекунад. Ва дар сафи пеши муъминони ин уммат асҳоби Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) қарор доранд (чунон ки ин назди Аҳли суннат ва ҷамоат собит шудааст). Пас, онҳоро дӯст медоранд ва аз онҳо пуштибонӣ мекунанд ва бар ин боваранд, ки онҳо беҳтарин мардум баъд аз паёмбаронанд. Бар асоси гуфтаи Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам), ки мефармояд:

«خَيْرُ الْقُرُونِ قَرْنِي ثُمَّ الَّذِينَ يَلُونَهُمْ ثُمَّ الَّذِينَ يَلُونَهُم».

"Беҳтарини аср, асри ман аст, сипас касоне,

ки баъд аз онҳо меоянд ва сипас касоне, ки баъд аз онҳо меоянд."[1] Саҳеҳ будани ин ривоят мавриди иттифоқ аст.

Ва бар ин боваранд, ки беҳтарини онҳо Абубакри Сиддиқ, сипас Умари Форуқ, сипас Усмони Зиннурайн, сипас Алӣи Муртазо (разияллоҳу анҳум аҷмаъин) ҳастанд. Сипас боқимондаи даҳ ёри биҳиштӣ, сипас боқимондаи саҳобаҳо (разияллоҳу анҳум аҷмаъин). Дар бораи ихтилофоте, ки байни саҳоба рӯй додааст, сукут мекунанд ва бар ин боваранд, ки онҳо иҷтиҳод карданд. Пас, кадоме аз онҳо дуруст бошад ду аҷр ва кадоме хато карда бошад, як аҷр мегирад.

Муъминон аҳли байти Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дӯст медоранд ва аз онҳо пуштибонӣ мекунанд. Ва ҳамсарони Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) модарони муъминонро дӯст медоранд ва аз онҳо пуштибонӣ мекунанд ва аз ҳамаи онҳо розӣ ҳастанд. Ва аз роҳу равиши рофизиҳо, ки нисбат ба ёрони Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) кина меварзанд ва онҳоро дашном медиҳанд ва дар робита бо аҳли байт зиёдаравӣ намуда, онҳоро аз ҷойгоҳе, ки Худованд ба онон

[1] Ривояти Бухорӣ (3651), Муслим (2533), аз ҳадиси Абдуллоҳ ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу).

додааст, болотар мебардоранд, эълони бароат мекунанд. Чунон ки аз равиши носибиён, ки бо кирдору гуфтори худ аҳли байтро меозоранд, эълони бароат мекунанд.

Пас, ҳамаи он чизе, ки зикр кардем, аз ақидаи дуруст аст, ки Аллоҳ Таъоло Паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро барои он фиристодааст. Ва ин ҳамон эътиқоди дурусте аст, ки бояд ба он эътиқод кард, ба он чанг зад, бар он пойдорӣ варзид ва аз мухолифати он ҳазар намуд. Ва он ақидаи гурӯҳи наҷотёфтаи Аҳли суннат ва ҷамоат аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи онҳо чунин гуфтааст:

«لَا تَـزَالُ طَائِفَةٌ مِنْ أُمَّتِي ظَاهِرِينَ عَلَى الحَقِّ، لَا يَضُرُّهُمْ مَنْ خَذَلَهُمْ، حَتَّى يَأْتِيَ أَمْرُ اللهِ وَهُمْ كَذَلِكَ».

«Ҳамеша гурӯҳе аз уммати ман бар ҳақ ва пирӯз хоҳанд буд ва ҳар ки онҳоро тарк кунад, ба онҳо осебе намерасонанд, то ин ки амри Аллоҳ фаро расад ва онҳо бар ҳамин ҳолат боқӣ мемонанд»[1]. Ва дар ривояти дигар омадааст:

«لَا تَزَالُ طَائِفَةٌ مِنْ أُمَّتِي عَلَى الحَقِّ مَنْصُورَةٌ».

"Ҳамеша гурӯҳе аз уммати ман бар ҳақ ва

[1] Ривояти Муслим, рақами (1920), аз ҳадиси Савбон (разияллоҳу анҳу).

пирӯз хоҳанд буд." (16)[1] Ва Паёмбар (Алайҳи-с-салоту ва-с-салом) мефармояд:

«افْتَرَقَتِ اليَهُودُ عَلَى إِحْدَى وَسَبْعِينَ فِرْقَةً، وَافْتَرَقَتِ النَّصَارَى عَلَى اثْنَتَيْنِ وَسَبْعِينَ فِرْقَةً، وَسَتَفْتَرِقُ هَذِهِ الأُمَّةُ عَلَى ثَلَاثٍ وَسَبْعِينَ فِرْقَةً كُلُّهَا فِي النَّارِ إِلَّا وَاحِدَةً فَقَالَ الصَّحَابَةُ: مَنْ هِيَ يَا رَسُولَ اللهِ؟ قَالَ: مَنْ كَانَ عَلَى مِثْلِ مَا أَنَا عَلَيْهِ وَأَصْحَابِي».

"Яҳуд ба ҳафтоду як гурӯҳ ҷудо шуданд, насрониҳо низ ба ҳафтоду ду гурӯҳ, аммо ин уммат (мусалмонон) ба ҳафтоду се фирқа тақсим мешаванд, ба ҷуз як гурӯҳ боқӣ ҳама дар оташанд. Саҳоба пурсиданд, ки эй Расули Худо, он (гурӯҳе, ки ба оташ намеравад) кадом гурӯҳ аст? Фармуданд: "Касоне, ки бар роҳу равиши ман ва асҳобам бошанд".[2]

## Эътиқодоти мухолифи ақидаи дуруст

Касоне, ки аз ин эътиқоди дуруст мунҳариф шудаанд ва роҳи мухолифи онро пеш гирифтаанд, анвоъи зиёданд. Аз ҷумла, бархе онҳо бутҳо, ҳайкалҳо, фариштаҳо, авлиё, ҷинҳо, дарахтҳо, сангҳо ва дигар чизҳоро мепарастанд. Онҳо даъвати паёмбаронро напазируфтанд,

---

1 Ривояти Ибни Моҷаҳ, рақами (3952), Ибни Ҳиббон (6714) ва Ҳоким (8653) онро саҳеҳ гуфтаанд.

2 Ривояти Тирмизӣ, рақами (2641), аз ҳадиси Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳу). Муновӣ дар "Файз-ул-қадир" (5/347) гуфтааст: "Дар санади он Абдурраҳмон ибни Зиёди Африқӣ аст, Заҳабӣ гуфтааст: «Ӯро заиф гуфтаанд»". Ва Албонӣ онро дар "Саҳеҳ-ул-ҷомеъ" бо рақами (5343) саҳеҳ гуфтааст.

балки хилофи онҳо амал карданд ва бо онҳо душманӣ карданд, чунон ки Қурайш ва қабилаҳои дигари араб бо Паёмбарамон Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чунин рафтор карданд. Аз маъбудҳои худ барои рафъи ниёзҳояшон ва шифои беморонашон ва пирӯзӣ бар душманонашонро талаб мекарданд. Ва барои онҳо қурбонӣ ва назр мекарданд. Пас ҳангоме ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин амали онҳоро инкор кард ва онҳоро амр кард, ки ин амалҳоро танҳо ва холисона барои Аллоҳ анҷом диҳанд, ҳайрон шуданд ва ӯро инкор карда гуфтанд:

﴿أَجَعَلَ ٱلۡأٓلِهَةَ إِلَٰهٗا وَٰحِدًاۖ إِنَّ هَٰذَا لَشَيۡءٌ عُجَابٞ ۝٥﴾

(Оё ба ҷойи маъбудони мухталиф маъбуде ягона қарор додааст? Воқеан, кори аҷибе аст). (Сураи Сод, ояти 5).

Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пайваста онҳоро ба сӯи Аллоҳ даъват мекард ва аз ширк бимашон медод ва ҳақиқати он чиро, ки ба он даъват мекарданд, барояшон баён мекард, то ин ки Худованд баъзе аз онҳоро ҳидоят кард. Сипас гурӯҳ-гурӯҳ ба дини Аллоҳ даромаданд ва дини Аллоҳ бо даъвати пайваста ва ҷиҳоди тӯлонии Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва саҳобагонаш (разияллоҳу анҳум) ва пайравони неки онҳо бар дигар динҳо ғолиб

омад. Сипас шароит дигар шуд ва ҷаҳолат бар бештари махлуқот ғалаба кард ва аксари онон ба дини ҷоҳилият баргаштанд, дар мавриди анбиё ва авлиё зиёдаравӣ карданд, онҳоро дуо карда, аз онҳо ёрӣ мехостанд ва бо ин амалҳояшон дар анвоъи мухталифи ширк воқеъ шуданд. Маънои "Ло илоҳа илло Аллоҳ"-ро, чуноне ки кофирони араб дарк карда буданд, инҳо ба он андоза дарк накарданд. Аллоҳ мададрасон аст.

Ва ин ширк дар миёни мардум то замони мо ба сабаби густариши ҷаҳолат ва фосилаи тӯлонӣ аз даврони нубувват идома дорад.

Ва шубҳаи ин мутаахирон монанди ҳамон шубҳаи пешиниён аст, ки мегӯянд:

﴿...هَٰٓؤُلَآءِ شُفَعَٰٓؤُنَا عِندَ ٱللَّهِ...﴾

(Ин бутҳо [воситаҳо ва] шафоатгарони мо назди Аллоҳ Таъоло ҳастанд). (Сураи Юнус, ояти 18). Аллоҳ Таъоло аз забони онҳо мегӯяд:

﴿...مَا نَعۡبُدُهُمۡ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلۡفَىٰٓ...﴾

(... Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ Таъоло наздик гардонанд [ва манзалатамонро бештар кунанд] ...). (Сураи Зумар, ояти 3). Аллоҳ Таъоло ин шубҳаро ботил дониста ва баён намудааст, ки ҳар касе ғайри Ӯро ибодат мекунад, ҳар ки бошад, ба Ӯ ширк

оварда ва кофир шудааст. Ҳамон гуна ки мефармояд:

﴿وَيَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُمۡ وَلَا يَنفَعُهُمۡ وَيَقُولُونَ هَٰٓؤُلَآءِ شُفَعَٰٓؤُنَا عِندَ ٱللَّهِ...﴾

(Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ Таъоло чизҳоеро мепарастанд, ки на ба онон зиёне мерасонанд ва на судашон мебахшад ва мегӯянд: «Ин бутҳо [воситаҳо ва] шафоатгарони мо назди Аллоҳ Таъоло ҳастанд...) (Сураи Юнус, ояти 18). Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар посухи онҳо гуфт:

﴿قُلۡ أَتُنَبِّـُٔونَ ٱللَّهَ بِمَا لَا يَعۡلَمُ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ سُبۡحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ١٨﴾

([Эй паёмбар] Бигӯ: «Оё [ба гумони худ] Аллоҳ Таъолоро аз чизе [шарике] огоҳ месозед, ки дар осмонҳо ва замин [барояш қоилед ва худ] намедонад?» Ӯ муназзаҳ аст ва аз ончи бо вай шарик месозанд, бартар аст).

(Сураи Юнус, ояти 18).

Аллоҳ Таъоло дар ин оят баён намудааст, ки парастиши ғайри Ӯ, чи паёмбарон, авлиё ва ё ғайра ширки акбар аст. Ҳарчанд касоне, ки ба ин корҳо даст мезананд, ин амалашонро дигар чиз биноманд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ أَوۡلِيَآءَ مَا نَعۡبُدُهُمۡ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلۡفَىٰٓ...﴾

( ... ва афроде, ки ғайри Аллоҳро [дӯст ва] корсози худ интихоб кардаанд [пиндорашон ин аст, ки]: «Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ Таъоло наздик гардонанд [ва манзалатамонро бештар кунанд].» (Сураи Зумар, ояти 3). Сипас Аллоҳ Таъоло дар посухи онҳо фармуд:

﴿...إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ بَيۡنَهُمۡ فِي مَا هُمۡ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي مَنۡ هُوَ كَٰذِبٞ كَفَّارٞ﴾

(Аллоҳ Таъоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард). (Сураи Зумар, ояти 3).

Ҳамин тавр Аллоҳ Таъоло равшану ошкор баён мекунад, ки ибодат кардани ғайри Ӯ ба воситаи дуо, тарс, умед ва амсоли он, куфр варзидан ба Аллоҳ Таъоло аст. Ва дурӯғтарин суханонашон ин аст, ки мегӯянд, худоёнашон онҳоро ба Аллоҳ наздик мекунанд.

Аз ҷумлаи эътиқодоти куфромезе, ки зидди ақидаи саҳеҳ ва мухолифи он чизест, ки паёмбарон (алайҳиму-с-салоту ва-с-салом) овардаанд, эътиқодоте мебошанд, ки атеистони ин давру замон—аз пайравони Маркс ва Ленин ва дигар даъватгарони илҳод ва куфр—ба он бовар доранд. Хоҳ онро сотсиализм

номанд, ё коммунизм, ё баъсият ва ё бо номҳои дигар. Зеро аз асосҳои бунёдии ин гурӯҳи атеистон он аст, ки вуҷуди Худоро инкор мекунанд ва ҳаётро танҳо модда мешуморанд.

Инчунин аз усулҳои асосии онҳо инкори охират, биҳишту дӯзах ва кофир шудан ба ҳама динҳо аст. Ҳар кас, ки китобҳои онҳоро мутолиа кунад ва эътиқодоти онҳоро биомӯзад, инро ба яқинан дарк мекунад. Ҷои шакке нест, ки ин эътиқод мухолифи тамоми динҳои осмонӣ буда, пайравони онҳоро ба бадтарин оқибатҳо дар дунё ва охират мерасонад.

Аз ҷумлаи он эътиқодоте, ки мухолифи ҳақ аст, эътиқоди бархе аз суфиҳо аст. Онҳо бар ин назаранд, ки баъзешонро, ки авлиё меноманд, дар тадбири умури олам бо Аллоҳ шарик ҳастанд ва дар умури ҷаҳон тасарруф доранд. Онҳоро "меҳтарон ва мудаббирон", "меххҳои рӯи замин" ва "наҷотбахшҳо" ва дигар номҳое меноманд, ки онҳоро ҳамчун худоёни худ ихтироъ кардаанд. Ин ширк дар рубубият ва яке аз зишттарин навъҳои ширк ба Аллоҳ Таъоло аст.

Ҳар касе, ки дар бораи ширки мушрикони гузаштаи аҳли ҷоҳилият андеша намуда, онро бо ширки роиҷ дар миёни мушрикони имрӯзӣ муқоиса кунад, дармеёбад, ки ширки мушрикони имрӯзӣ бузургтар ва зишттар аст.

Баёни он чунин аст: Кофирони араб дар замони ҷоҳилият бо ду амр фарқ доштанд: Амри якум: Онҳо дар рубубият ширк намеоварданд, балки ширкашон танҳо дар ибодат буд, зеро онҳо рубубиятро танҳо барои Аллоҳ Азза ва Ҷалла эътироф доштанд, чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَئِن سَأَلۡتَهُم مَّنۡ خَلَقَهُمۡ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ...﴾

(Агар аз мушрикон бипурсӣ, чи касе ононро офаридааст, мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ...) (Сураи Зухруф, ояти 87). Инчунин дар ояти дигар Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلۡ مَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ أَمَّن يَمۡلِكُ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَمَن يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَمَن يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَۚ فَسَيَقُولُونَ ٱللَّهُۚ فَقُلۡ أَفَلَا تَتَّقُونَ ٣١﴾

([Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Кист, ки аз осмону замин ба шумо рӯзӣ мебахшад? Ё кист, ки бар гӯшҳо ва дидагон ҳоким аст? Ва кист, ки [мавҷуди] зиндаро аз [модаи] беҷон берун меоварад ва [модаи] беҷони мурдаро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад? Ва кист, ки кори [ҷаҳону ҷаҳониён]-ро тадбир мекунад»? Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ Таъоло». Пас, бигӯ: «Оё парво намекунед»?) (Сураи Юнус, ояти 31). Ва дар ин маънӣ оятҳо хеле зиёд аст.

Амри дуввум ин аст, ки ширки онҳо дар ибодат доимӣ набуд, балки танҳо дар замони рафоҳият ва осоиштагӣ буд. Аммо дар ҳолати сахтӣ ва душворӣ танҳо ва холисона Аллоҳро ибодат мекарданд. Чунон ки Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿فَإِذَا رَكِبُواْ فِي ٱلۡفُلۡكِ دَعَوُاْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ فَلَمَّا نَجَّىٰهُمۡ إِلَى ٱلۡبَرِّ إِذَا هُمۡ يُشۡرِكُونَ ٦٥﴾

(Вақте [мушрикон] дар киштӣ савор мешаванд, Аллоҳро бо ихлос мехонанд, аммо чун ононро ба хушкӣ мерасонад ва [аз хатари ғарқ шудан] мераҳонад, он гоҳ [боз ҳам] ширк меварзанд). (Сураи Анкабут, ояти 65).

Мушрикони ин аср дар ду замина аз мушрикони қаблӣ бартарӣ доранд: Ҷанбаи аввал: Ширки баъзеи онҳо дар рубубият аст. Ҷанбаи дуввум: Ширки онҳо дар рафоҳияту осоиштагӣ ва душворию сахтӣ аст. Ва ҳар касе бо онҳо омехта шуда ва аҳволи онҳоро омӯхтааст, инро хуб медонад ва шоҳиди корҳое шудааст, ки дар назди қабри Ҳусайн ва Бадавӣ ва ғайри онҳо дар Миср чӣ корҳо мекунанд. Ва назди қабри Айдарус дар Адан, Ҳодӣ дар Яман, Ибни Арабӣ дар Шом ва шайх Абдулқодири Гилонӣ дар Ироқ ва дигар қабрҳои машҳуре, ки оммаи мардум дар ҳаққи онҳо зиёдаравӣ карда ва бисёре аз ҳуқуқи Аллоҳро ба онҳо ихтисос

доданд. Ва теъдоди каме аз мардум инро инкор мекунанд ва тавҳиди ҳақиқиро барояшон баён мекунанд. Тавҳидеро, ки Аллоҳ Таъоло ба он Паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва пеш аз ӯ дигар паёмбарон (Алайҳиму-с-салоту ва-с-салом)-ро фиристодааст. Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун.

Аз ҷумлаи ақидаҳое, ки мухолиф ва зидди ақидаи дуруст дар асмо ва сифот аст, ин эътиқоди бидъаткорон, аз қабили Ҷаҳмия, Муътазила ва касоне аст, ки дар инкори номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло ва инкор кардани сифатҳои камол ва васфи Аллоҳ Азза ва Ҷалла бо сифатҳои маъдумот, ҷимодот ва мустаҳилот аз онҳо пайравӣ мекунанд, ки Аллоҳ Таъоло аз он чи мегӯянд, муназзаҳ ва беҳтару болотар аст.

Дар зумраи он гурӯҳе, ки баъзе аз сифатҳоро инкор ва баъзеи дигарро исбот мекунанд, Ашъариҳо шомил мешаванд. Ин гурӯҳ дар он сифатҳое, ки (барои Худо) исбот кардаанд, ногузир ба ҳамон чизе гирифтор мешаванд, ки аз он дар сифатҳое, ки инкор кардаанд, фирор намуда, далелҳои онро таъвил карда буданд. Ҳамин тавр онҳо дар ин замина мухолифи далелҳои нақлӣ ва ақлӣ амал карда, дучори таноқузи ошкор гардиданд.

Аммо аҳли суннат ва ҷамоат барои Аллоҳ

Таъоло ҳамон номҳо ва сифатҳоеро раво медонанд, ки Аллоҳ Таъоло барои Худаш онро раво донистааст, ё Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ному сифатҳоеро, ки ба ваҷҳи камол барои Худованд собит сохтааст. Онҳо Ӯро аз ҳар гуна шабоҳат ва монандӣ ба махлуқоташ пок ва муназзаҳ сохтаанд. Танзиҳе, ки аз ҳар гуна осори инкор ва таътил дур аст. Пас, бо ҳама далелҳо амал карданд, чизеро таҳриф ва таъвил накарданд ва аз таноқузот ва зиддиятҳое, ки дигарон ба он дучор шуданд, дар амон монданд - тавре ки қаблан шарҳ дода шуд.

Ин роҳи наҷот ва саодатмандӣ дар дунё ва охират аст. Ва ин роҳи росте аст, ки гузаштагони ин уммат ва имомонаш аз он пайравӣ кардаанд. Охирини ин уммат бо ҳамон чизе, ки гузаштагони солеҳашон пайравӣ кардаанд, яъне пайравӣ аз Қуръон ва Суннат ва тарки он чи хилофи онҳо аст, солеҳ мешавад. Аз Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мехоҳем, ки умматро ба роҳи рост баргардонад ва дар миёни онҳо даъватгарони роҳи ростинро бештар гардонад ва пешвоёну олимони онро тавфиқ диҳад, то бо ширк мубориза баранд, онро аз байн бибаранд ва аз василаҳои он мардумро барҳазар доранд... Худованд шунаво ва наздик аст. Ва Аллоҳ Таъоло тавфиқ диҳанда аст, Ӯ барои мо кофист ва беҳтарин корсоз аст ва ҳеҷ

тавоноӣ ва нерӯе нест, магар бо Ӯ. Ва саллаллоҳу ва саллама ъало абдиҳи ва расулиҳи, набийино Муҳаммад ва олиҳи ва асҳобиҳи.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

## Рисолаи дувум:

## Дар баёни ҳукми кумак хостан аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

Алҳамду лиллоҳи вас-салоту вас-салому ало расулиллоҳи ва ало олиҳи ва асҳобиҳи ва ман иҳтадо биҳудоҳ.

Аммо баъд:

Рӯзномаи «ал-Муҷтамаъ»-и Кувайтӣ дар шумораи 15-уми худ, ки санаи 19/4/1390 ҳ. нашр шудааст, абётеро зери унвони «Дар ёдбуди мавлуди Паёмбари гиромӣ» мунташир намуд. Ин абёт дар худ маънои кумакхоҳӣ ва нусратталабиро аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бар мегирифт, то умматро дарёбад, пирӯз гардонад ва аз парокандагиву ихтилофе, ки дар он воқеъ шудааст, наҷот диҳад. Ин абёт бо имзои касе навишта шуданд, ки худро «Омина» номидааст.

Дар поён бахше аз матни абёти навишташуда оварда мешавад:

Эй Расули Худо, оламеро дарёб... ки ҷангро меафрӯзад ва аз шӯълааш месӯзад.

Эй Расули Худо, умматеро дарёб... ки дар зулмоти шак гумроҳияш тӯл кашидааст.

Эй Расули Худо, ба доди уммате бирас, ки дар

сарсониҳои андӯҳ роҳашро гум кардааст.

То ҷое, ки гуфт:

Нусратро бишитобон, ҳамчуноне ки онро дар рӯзи Бадр шитоб додӣ, он ҳангом ки ба сӯи Худо нидо кардӣ.

Пас хорӣ ба нусрати бошукӯҳ мубаддал гашт... Ҳамоно аз они Аллоҳ Таъолост лашкарҳое, ки онҳоро намебинӣ.

Ин нависанда ҳамин гуна фарёд ва кумакхоҳии худро ба Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) равона намуда, аз ӯ барои уммат пирӯзии зудҳангомро талаб мекунад, дар ҳоле ки фаромӯш кардааст - ё аз он ғофил аст - ки пирӯзӣ танҳо ба дасти Худост, на ба дасти Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва на дигар махлуқот. Чунонки Худованди Мутаъол дар китоби равшани Худ фармудааст:

﴿...وَمَا النَّصْرُ إِلَّا مِنْ عِنْدِ اللَّهِ الْعَزِيزِ الْحَكِيمِ﴾

(ва [-гарна] пирӯзӣ ҷуз аз ҷониби Аллоҳи шикастнопазиру ҳаким нест). (Сураи Оли Имрон, ояти 126). Ва Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу мефармояд:

﴿إِنْ يَنْصُرْكُمُ اللَّهُ فَلَا غَالِبَ لَكُمْ وَإِنْ يَخْذُلْكُمْ فَمَنْ ذَا الَّذِي يَنْصُرُكُمْ مِنْ بَعْدِهِ...﴾

(Агар Аллоҳ Таъоло шуморо ёрӣ кунад, ҳеҷ

кас бар шумо пирӯз нахоҳад шуд ва [аммо] агар шуморо ба худ вогузорад, кист, ки пас аз Ӯ ёриатон кунад...) (Сураи Оли Имрон, ояти 160).

Ва ин амали дуо ва талаби ёрӣ, анҷом додани як навъе аз ибодат барои ғайри Аллоҳ Таъоло аст. Бо далели нас ва иҷмоъ собит шудааст, ки ин кор ҷоиз нест ва Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло махлуқотро офаридааст, то Ӯро ибодат кунанд ва паёмбаронро фиристод ва китобҳоро нозил кард, то он ибодатро баён кунанд ва ба сӯи он даъват намоянд. Чунончи, Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ ۝٥٦﴾

(Ва ҷинну инсро фақат барои ин офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд]). (Сураи Зориёт, ояти 56). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولًا أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ...﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед...) (Сураи Наҳл, ояти 36). Дар ҷои дигар Худованд мефармояд:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رَسُولٍ إِلَّا نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدُونِ ۝٢٥﴾

(Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро

нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: «Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед»). (Сураи Анбиё, ояти 25). Боз Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿الر كِتَابٌ أُحْكِمَتْ آيَاتُهُ ثُمَّ فُصِّلَتْ مِنْ لَدُنْ حَكِيمٍ خَبِيرٍ ۝١ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا اللَّهَ إِنَّنِي لَكُمْ مِنْهُ نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ ۝٢﴾

(Алиф, лом, ро. Ин [Қуръон] китобест, ки оёти он истеҳком ёфтааст ва сипас аз ҷониби ҳакими огоҳ ба равшанӣ баён шудааст).

([Паёми Паёмбар ин аст] Ки ҷуз Аллоҳро напарастед, [ки] бе тардид, ман аз сӯйи Ӯ бароятон бимдиҳанда ва башоратгар ҳастам). (Сураи Ҳуд, оятҳои 1, 2).

Пас, Аллоҳ Таъоло дар ин оятҳои муҳкам возеҳ баён намуда, ки Ӯ инсу ҷинро танҳо барои он офаридааст, то Ӯро ба ягонагӣ ва бе шарик ибодат намоянд. Ва баён намуда, ки паёмбарон (алайҳимуссалом)-ро фиристод, то ба ин ибодат амр кунанд ва аз зидди он наҳй намоянд. Ва Аллоҳ Таъоло фармудааст, ки оятҳои китобашро муҳкам (дақиқу устувор) гардонида ва онҳоро ба таври муфассал баён намудааст, то ғайри Ӯ (Субҳонаҳу) ибодат карда нашавад.

Маълум аст, ки ибодат ин тавҳиди Аллоҳ ва итоат аз Ӯст, бо иҷрои амрҳояш ва дурӣ ҷустан аз наҳйҳояш. Ва Аллоҳ Таъоло дар оятҳои зиёде ба ин амр карда ва хабар додааст, аз ҷумла ин

фармудаи Ӯ Таъоло:

﴿وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ حُنَفَاءَ...﴾

(Ва эшон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд, дар ҳоле ки дини худро барои ӯ холис гардонанд [ва аз ширку бутпарастӣ] ба тавҳид рӯ оваранд... (Сураи Байина, ояти 5). Ва фармудаи Ӯ Таъолост:

﴿وَقَضَى رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا إِيَّاهُ...﴾

(Ва Парвардигорат чунин фармон додааст, ки: «Ҷуз Ӯро напарастед...)

(Сураи Исро, ояти 23). Худованд мефармояд:

﴿إِنَّآ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ بِٱلْحَقِّ فَٱعْبُدِ ٱللَّهَ مُخْلِصًا لَّهُ ٱلدِّينَ ۝٢ أَلَا لِلَّهِ ٱلدِّينُ ٱلْخَالِصُ ۚ وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُوا۟ مِن دُونِهِۦٓ أَوْلِيَآءَ مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلْفَىٰٓ إِنَّ ٱللَّهَ يَحْكُمُ بَيْنَهُمْ فِى مَا هُمْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى مَنْ هُوَ كَٰذِبٌ كَفَّارٌ ۝٣﴾

(Ин китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, пас, Аллоҳро бо хулуси эътиқод парастиш кун, 2)

(Огоҳ бошед, ки дини холис [ва холӣ аз ширк] аз они Аллоҳ Таъоло аст ва афроде, ки ғайри Аллоҳро [дӯст ва] корсози худ интихоб кардаанд [пиндорашон ин аст, ки]: «Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ Таъоло наздик гардонанд [ва манзилатамонро бештар кунанд]». Аллоҳ Таъоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ

Таъоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард, 3).

(Сураи Зумар, оятҳои 2-3).

Ва дар ин маънӣ оятҳо зиёданд ва ҳамаи онҳо ба зарурати ихлос дар ибодат танҳо барои Худованд ва тарк кардани ибодати ғайри Ӯ, аз паёмбарон ва дигарон далолат мекунанд.

Ва шакке нест, ки дуо аз муҳимтарин ва ҷомеътарин навъҳои ибодат аст, пас воҷиб аст, ки он танҳо барои Аллоҳ холис гардонида шавад. Чунончи, Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿فَادْعُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ وَلَوْ كَرِهَ الْكَافِرُونَ ﴿١٤﴾﴾

([Танҳо] Аллоҳро бо хулуси эътиқод бихонед, ҳарчанд кофирон нохушнуд бошанд). (Сураи Ғофир, ояти 14). Ва Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿وَأَنَّ الْمَسَاجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدْعُوا مَعَ اللَّهِ أَحَدًا ﴿١٨﴾﴾

(Ва ин ки масоҷид аз они Аллоҳ Таъоло аст, пас, касеро бо Аллоҳ Таъоло [ба парастишу ёрихоҳӣ] нахонед). (Сураи Ҷин, ояти 18). Ин дастур дар бораи ягона донистани Аллоҳ дар дуо, ҳамаи махлуқотро, аз ҷумла паёмбарон ва ғайри онҳоро дар бар мегирад. Худованд мефармояд:

﴿وَلَا تَدْعُ مِنْ دُونِ اللَّهِ مَا لَا يَنْفَعُكَ وَلَا يَضُرُّكَ فَإِنْ فَعَلْتَ فَإِنَّكَ إِذًا مِنَ

﴿ٱلظَّٰلِمِينَ۝١٠٦﴾

(Ва ба ҷойи Аллоҳ Таъоло, чизеро, ки суду зиёне ба ту намерасонад, [ба парастишу ниёзхоҳӣ] махон, ки агар чунин кунӣ, он гоҳ ҳатман, аз ситамгорон [-и мушрик] хоҳӣ буд). (Сураи Юнус, ояти 106). Ва ин хитоб ба Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст ва маълум аст, ки Аллоҳ субҳонаҳу ӯро аз ширк нигоҳ доштааст, балки мақсад аз он ҳушдор додани дигарон аст. Сипас Аллоҳ Таъоло фармуд:

﴿وَلَا تَدْعُ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَنفَعُكَ وَلَا يَضُرُّكَ فَإِنْ فَعَلْتَ فَإِنَّكَ إِذًا مِنَ الظَّالِمِينَ۝١٠٦﴾

(Ва ба ҷойи Аллоҳ Таъоло, чизеро, ки суду зиёне ба ту намерасонад, [ба парастишу ниёзхоҳӣ] махон, ки агар чунин кунӣ, он гоҳ ҳатман, аз ситамгорон [-и мушрик] хоҳӣ буд). (Сураи Юнус, ояти 106). Ин хитобест ба Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва мақсуд аз он ҳушдор додани дигарон аст. Зеро маълум аст, ки Аллоҳи Субҳонаҳу ва Таъоло паёмбарашро аз ширк ҳифз кардааст.

Сипас Аллоҳ Таъоло дар наҳй ва ҳушдор сахтгирӣ намуда, чунин фармудааст:

﴿...فَإِنْ فَعَلْتَ فَإِنَّكَ إِذًا مِنَ الظَّالِمِينَ﴾

(...агар чунин кунӣ, он гоҳ ҳатман, аз

ситамгорон [-и мушрик] хоҳӣ буд). Ва зулм, вақте ки ба таври умумӣ зикр мешавад, мақсад аз он ширки акбар аст. Чунки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَالْكَافِرُونَ هُمُ الظَّالِمُونَ﴾

(...ва кофирон [ба сабаби куфрашон] ҳамон ситамгоронанд). (Сураи Бақара, ояти 254). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...إِنَّ الشِّرْكَ لَظُلْمٌ عَظِيمٌ﴾

(...яқинан, ширк ситами бузургест) (Сураи Луқмон, ояти 13). Пас агар Сарвари фарзандони Одам (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ба ғайри Аллоҳ дуо мекард, аз ҷумлаи золимон мешуд, пас ҳоли ғайри ӯ чӣ гуна хоҳад буд?

Пас, аз ин оятҳо ва ғайри онҳо маълум мешавад, ки дуо кардан ба ғайри Аллоҳ – аз қабили мурдагон, дарахтон, бутҳо ва ғайра – ширк ба Аллоҳ ва мухолифи тавҳиди Ӯ дар ибодат аст; ибодате, ки ҳадаф аз офариниши инсу ҷин, фиристодани паёмбарон ва нозил кардани китобҳост. Инчунин мухолифи маънои "Ло илоҳа иллаллоҳ" аст, ки ибодатро аз ғайри Аллоҳ нафй намуда, онро танҳо барои Аллоҳи ягона исбот мекунад, чуноне ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلۡحَقُّ وَأَنَّ مَا يَدۡعُونَ مِن دُونِهِۦ هُوَ ٱلۡبَٰطِلُ وَأَنَّ ٱللَّهَ هُوَ

ﭐلۡعَلِيُّ ٱلۡكَبِيرُ﴿٦٢﴾

(Ин бад-он сабаб аст, ки Аллоҳ Таъоло ҳақ аст ва он чиро, ки [мушрикон] ҷуз ӯ мехонанд, [ҳама] ботил аст ва Аллоҳ Таъоло баландмартабаи бузург аст).

(Сураи Ҳаҷ, ояти 62).

Ин асли дин ва асоси имон аст ва ибодатҳо танҳо баъд аз сиҳати ин асл сиҳат меёбанд. Чунончи, Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَقَدْ أُوحِيَ إِلَيْكَ وَإِلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكَ لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ وَلَتَكُونَنَّ مِنَ الْخَاسِرِينَ﴿٦٥﴾﴾

(Ба ту ва паёмбарони пеш аз ту ваҳй шудааст, ки: «Агар ширк биварзӣ, [подоши] корҳоят, қатъан, барбод хоҳад рафт ва зиёнкор хоҳӣ шуд»). (Сураи Зумар, ояти 65). Дар ҷои дигар Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿...وَلَوْ أَشْرَكُوا لَحَبِطَ عَنْهُمْ مَا كَانُوا يَعْمَلُونَ﴾

(...ва агар ширк меварзиданд, он чи [аз аъмоли нек] ки анҷом дода буданд, табоҳ мешуд). (Сураи Анъом, ояти 88).

Аз он чи гузашт, маълум мешавад, ки дини Ислом ва шаҳодати "Ло илоҳа иллаллоҳ" ду асли бузург доранд:

Якум: ин ки ба ҷуз Аллоҳи ягона, ки шарике надорад, каси дигаре парастида нашавад. Пас,

ҳар касе, ки мурдагонро, аз қабили паёмбарон ва дигарон, бихонад, ё бутҳо, дарахтон, сангҳо ва ё дигар махлуқотро бихонад, ё аз онҳо мадад талабад, ё бо қурбониҳову назрҳо ба онҳо наздикӣ ҷӯяд, ё барои онҳо намоз бихонад ва ё ба онҳо саҷда кунад, пас онҳоро ғайр аз Аллоҳ парвардигор қарор додааст ва онҳоро барои Ӯ (Субҳонаҳу ва Таъоло) шарик гардонидааст ва маънои «Ло илоҳа иллаллоҳ»-ро нақз ва нафй кардааст.

Дуюм: Аллоҳ Таъолоро фақат бо шариати паёмбар ва расулаш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ибодат кардан. Пас, ҳар касе дар дин чизеро ихтироъ кунад, ки Аллоҳ ба он иҷозат надодааст, маънои шаҳодати "Муҳаммад Расули Аллоҳ аст"-ро таҳаққуқ набахшидааст ва амалаш ба ӯ нафъ намерасонад ва аз ӯ пазируфта намешавад. Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳу мефармояд:

﴿وَقَدِمْنَا إِلَى مَا عَمِلُوا مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَاهُ هَبَاءً مَنْثُورًا﴿٢٣﴾﴾

(Ва ба [баррасии] корҳояшон мепардозем ва ҳамаро [ҳамчун] ғуборе пароканда месозем). (Сураи Фурқон, ояти 23). Ва мақсад аз амалҳои дар оят зикршуда, амалҳои касест, ки бар ширк ба Худованди Азза ва Ҷалла вафот кардааст.

Ҳамчунин ба он амалҳои бидъат низ дохил мешаванд, ки Аллоҳ ба онҳо иҷозат надодааст

ва онҳо рӯзи қиёмат ба ғубори пароканда табдил меёбанд, зеро бо шариати поки Ӯ мувофиқат намекунанд, чуноне, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«مَنْ أَحْدَثَ فِي أَمْرِنَا هَذَا مَا لَيْسَ مِنْهُ فَهُوَ رَدٌّ».

"Ҳар ки ба ин кори мо (шариати исломӣ) чизи наве дохил кунад, ки аз он нест, он амр мардуд аст". Саҳеҳ будани ин ривоят мавриди иттифоқ аст.

Хулосаи калом ин аст, ки ин нависанда кумакхоҳӣ ва дуои худро ба Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) равона карда, аз Парвардигори оламиён рӯй гардонидааст, ҳамон Парвардигоре, ки пирӯзӣ, зиён ва фоида дар дасти Ӯст ва чизе аз инҳо дар дасти ғайри Ӯ нест.

Ва шаке нест, ки ин зулми бузург буда, оқибати вазнин дорад. Ва Аллоҳ Таъоло ба дуо кардан ба сӯи Худ амр фармуда, ба касе, ки Ӯро бихонад, ваъдаи иҷобат додааст ва касеро, ки аз он саркашӣ мекунад, ба ворид шудан ба ҷаҳаннам таҳдид кардааст. Чунончи, Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ إِنَّ الَّذِينَ يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِي سَيَدْخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ ۝٦٠﴾

(Парвардигоратон фармуд: «Маро бихонед,

то [дуои] шуморо иҷобат кунам. Касоне, ки аз ибодати Ман саркашӣ мекунанд, ба зудӣ бо хорӣ ба ҷаҳаннам ворид мешаванд»). (Сураи Ғофир, ояти 60). Яъне: Хору залилон. Пас ин ояти карима далолат бар он мекунад, ки дуо ибодат аст ва ҳар касе, ки аз он саркашӣ мекунад, ҷойгоҳаш ҷаҳаннам аст. Пас, агар ин ҳоли касе бошад, ки аз рӯй овардан ба Аллоҳ саркашӣ мекунад, ҳоли касе, ки ғайри Ӯро дуо мекунад ва аз Ӯ рӯй мегардонад, чӣ гуна хоҳад буд, дар ҳоле ки Ӯ Таъоло Қариб, Молики ҳар чиз ва Қодир бар ҳар чиз аст, чуноне, ки Ӯ фармудааст:

﴿وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ فَلْيَسْتَجِيبُوا لِي وَلْيُؤْمِنُوا بِي لَعَلَّهُمْ يَرْشُدُونَ ١٨٦﴾

(Ва [эй паёмбар] чун бандагонам дар бораи Ман аз ту бипурсанд, [ба онон] бигӯ: Ман наздикам ва дуои дуокунандаро – ҳангоме ки маро бихонад – иҷобат мекунам, пас, [онон фақат] бояд даъвати Маро бипазиранд ва ба Ман имон биёваранд; бошад, ки роҳ ёбанд). (Сураи Бақара, ояти 186). Ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси саҳеҳ фармуданд, ки дуо ҳамон ибодат аст ва ба писари амакашон Абдуллоҳ ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) фармуданд:

«احْفَظِ اللهَ يَحْفَظْكَ، احْفَظِ اللهَ تَجِدْهُ تُجَاهَكَ، إِذَا سَأَلْتَ فَاسْأَلِ اللهَ، وَإِذَا اسْتَعَنْتَ فَاسْتَعِنْ بِاللهِ».

"(Ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Худо туро нигоҳ дорад; (ҳудуди) Худоро нигоҳ дор, то Ӯро дар рӯ ба рӯят биёбӣ. Ҳар гоҳ чизе талаб кунӣ, аз Худо талаб кун, ҳар гоҳ ёрӣ биҷӯӣ аз Худо ёрӣ биҷӯ". Ривояти Тирмизӣ ва дигарон.

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَنْ مَاتَ وَهُوَ يَدْعُو لِلَّهِ نِدًّا؛ دَخَلَ النَّارَ».

"Ҳар кас дар ҳоле бимирад, ки барои Аллоҳ ҳамтое (шарик) қарор додааст, ба ҷаҳаннам дохил мешавад". Ривояти Бухорӣ. Ва дар Саҳеҳайн аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки ӯ пурсида шуд: Кадом гуноҳ бузургтар аст? Фармуданд:

«أَنْ تَجْعَلَ لِلَّهِ نِدًّا وَهُوَ خَلَقَكَ».

«Ин ки барои Аллоҳ ҳамтое қарор диҳӣ, ҳол он ки Ӯ туро офаридааст». Ҳамто, ба Худо монанд ва шарик қарор додан аст. Пас ҳар касе, ки аз ғайри Аллоҳ дуо талаб кунад, ё аз ӯ мадад талабад, ё барои ӯ назр кунад, ё барои ӯ қурбонӣ кунад, ё навъе аз ибодатро барои ӯ анҷом диҳад, ӯро шарики Худованд қарор додааст, хоҳ паёмбар бошад, ё валӣ, ё фаришта, ё ҷин, ё бут, ё

ғайри инҳо аз махлуқот.

Дар ин ҷо шояд касе бигӯяд: Пас, ҳукми дархост кардан аз шахси зиндаи ҳозир ва ёрӣ ҷустан аз ӯ дар корҳои моддие, ки ба анҷоми онҳо тавоноӣ дорад, чист? Ҷавоб: Ин амал аз ҷумлаи ширк набуда, балки аз корҳои оддии ҷоиз дар байни мусалмонон мебошад. Чунон ки Аллоҳ Таъоло дар қиссаи Мӯсо (алайҳиссалом) мефармояд:

﴿...فَاسْتَغَاثَهُ الَّذِى مِنْ شِيعَتِهِ عَلَى الَّذِى مِنْ عَدُوِّهِ...﴾

(... он ки аз дӯстони ӯ буд, алайҳи душманаш аз Мӯсо ёрӣ хост ...). (Сураи Қасас, ояти 15). Инчунин Аллоҳ Таъоло дар қиссаи Мӯсо низ мефармояд:

﴿فَخَرَجَ مِنْهَا خَائِفًا يَتَرَقَّبُ...﴾

(Пас, Мӯсо бо тарсу нигаронӣ аз шаҳр берун рафт...) (Сураи Қасас, ояти 21), Ҳамчунин инсон дар ҷанг аз ёрони худ ёрӣ мехоҳад ва дар дигар умуре, ки ба мардум пеш меояд ва дар онҳо ба ҳамдигар муҳтоҷ мешаванд.

Аллоҳ Таъоло паёмбарашро (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) амр фармуд, ки ба умматаш хабар диҳад, ки ӯ барои ҳеҷ кас молики ҳеҷ фоида ва зараре нест. Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар ин маврид мефармояд:

﴿قُلْ إِنَّمَا أَدْعُو رَبِّي وَلَا أُشْرِكُ بِهِ أَحَدًا ۝٢١ قُلْ إِنِّي لَا أَمْلِكُ لَكُمْ ضَرًّا وَلَا

﴿رَشَدًا ﴿٢٢﴾﴾

([Эй паёмбар, ба онҳо] Бигӯ: «Ман танҳо Парвардигорамро мехонам ва касеро бо Ӯ шарик намесозам».

Бигӯ: «Бе гумон, ман наметавонам ба шумо зиёне бирасонам ва на хайру суде»). (Сураи Ҷин, оятҳои 21-22). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلْ لَا أَمْلِكُ لِنَفْسِي نَفْعًا وَلَا ضَرًّا إِلَّا مَا شَاءَ اللَّهُ وَلَوْ كُنْتُ أَعْلَمُ الْغَيْبَ لَاسْتَكْثَرْتُ مِنَ الْخَيْرِ وَمَا مَسَّنِيَ السُّوءُ إِنْ أَنَا إِلَّا نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ لِقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ﴿١٨٨﴾﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ман молики суду зиёни хештан нестам, магар ончиро, ки Аллоҳ Таъоло бихоҳад ва агар ғайбро медонистам, хайр [-у суди] бисёре [барои худ] фароҳам месохтам ва ҳеҷ бадӣ [ва зиёне] ба ман намерасид. Ман [касе] нестам, магар бимдиҳанда ва башоратбахш [-и дилсӯз] барои гурӯҳе, ки имон доранд). (Сураи Аъроф, ояти 188).

Ва дар ин маънӣ оятҳо зиёданд.

Ва маълум аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) танҳо Парвардигорашро дуо мекард. Чуноне ки аз ӯ собит шудааст, ки дар рӯзи Бадр аз Аллоҳ мадад металабид ва бар душманаш аз Ӯ нусрат мехост ва дар ин амр пофишорӣ намуда, мефармуд: «Эй Парвардигори ман! Он чиро, ки ба ман ваъда додаӣ, бароварда соз». То ҷое, ки Сиддиқи

Акбар, Абубакр (разияллоҳу анҳу) гуфт: «Эй Расули Худо, басанда аст, зеро Аллоҳ он чиро, ки ба ту ваъда додааст, ҳатман иҷрокунанда аст». Ва Аллоҳ Таъоло дар ин бора ин қавли Худро нозил кард:

﴿إِذۡ تَسۡتَغِيثُونَ رَبَّكُمۡ فَٱسۡتَجَابَ لَكُمۡ أَنِّي مُمِدُّكُم بِأَلۡفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُرۡدِفِينَ۝٩﴾

([Рӯзи Бадрро ба ёд оваред] Он гоҳ ки аз Парвардигоратон фарёдрасӣ [ва ёрӣ] мехостед ва Ӯ [дархости] шуморо пазируфт [ва фармуд]: «Бе гумон, шуморо бо ҳазор фаришта, ки паёпай фуруд меоянд, ёрӣ мекунам»). (Сураи Анфол, ояти 9). Пас, Аллоҳи Мутаъол дар ин оятҳо ёрӣ хостани онҳоро ёдовар шуда, хабар дод, ки дуояшонро пазируфта, бо фариштагон ёриашон кардааст, то ба нусрат мужда диҳад ва дилҳояшонро ором созад. Ҳамчунин баён намуд, ки нусрат аз ҷониби фариштагон нест, балки танҳо аз ҷониби Ӯст. Аллоҳи Мутаъол дар ин бора низ чунин фармуд:

﴿وَمَا النَّصْرُ إِلَّا مِنْ عِنْدِ اللَّهِ...﴾

(...ва [-гарна] пирӯзӣ ҷуз аз ҷониби Аллоҳ Таъоло нест). (Сураи Оли Имрон, ояти 126). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَقَدْ نَصَرَكُمُ اللَّهُ بِبَدْرٍ وَأَنْتُمْ أَذِلَّةٌ فَاتَّقُوا اللَّهَ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ۝١٢٣﴾

(Ва [эй муъминон] бе гумон, Аллоҳ Таъоло шуморо дар [ҷанги] Бадр дар ҳоле ёрӣ кард, ки [ба сабаби камбуди афрод ва аслиҳа] нотавон будед; пас, аз Аллоҳ Таъоло парво кунед; бошад, ки сипос гузоред). (Сураи Оли Имрон, ояти 123). Худованд дар ин оят баён медорад, ки Ӯ Субҳонаҳу ёридиҳандаи онҳо дар рӯзи Бадр аст. Ва аз ин маълум мешавад, ки он чи аз силоҳу қувват ба онҳо ато кард ва мададе, ки бо фариштагон ба онҳо расонид, ҳамаи инҳо сабабҳои пирӯзӣ, шодмонӣ ва оромӣ буданд, аммо пирӯзӣ аз худи инҳо нест, балки он танҳо аз сӯи Аллоҳ аст. Пас чӣ гуна ин нависандазан ё амсоли ӯ ҷуръат мекунад, ки аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мадад ва нусрат бихоҳад ва аз Парвардигори оламиён, ки Молики ҳар чиз ва бар ҳар чиз Тавоност, рӯй гардонад?

Шакке нест, ки ин аз қабиҳтарин ҷаҳолат, балки аз бузургтарин ширк аст. Пас, бар ин нависанда воҷиб аст, ки ба даргоҳи Аллоҳ Субҳонаҳу тавбаи насӯҳ кунад. Ва тавбаи насӯҳ аз чанд умур иборат аст: Аввал: Пушаймонӣ аз гуноҳи содиркардааш. Дуюм: Даст кашидан аз он гуноҳ. Саввум: Тасмими қатъӣ барои барнагаштан ба он, барои бузургдошти Аллоҳ ва ихлос ба Ӯ ва итоат аз амри Ӯ ва парҳез аз он чӣ Ӯ манъ кардааст.

Ин аст тавбаи насӯҳ. Чаҳорум: Ин амр ба бадӣ дар ҳаққи махлуқот ихтисос дошта, он боз гардондани ҳақ ба аҳли он, ё талаби ҳалолият кардан аз ӯ мебошад.

Ва Аллоҳ бандагонашро ба тавба амр кардааст ва ба онҳо қабули онро ваъда додааст, чунон ки Ӯ фармудааст:

﴿...وَتُوبُوا إِلَى اللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ﴾

(Ва эй муъминон, ҳамагӣ ба сӯи Аллоҳ Таъоло тавба кунед; бошад, ки растагор гардед). (Сураи Нур, ояти 31). Ва Худованд дар ҳаққи насоро мефармояд:

﴿أَفَلَا يَتُوبُونَ إِلَى اللَّهِ وَيَسْتَغْفِرُونَهُ وَاللَّهُ غَفُورٌ رَحِيمٌ ۝٧٤﴾

(Оё ба сӯйи Аллоҳ Таъоло бознамегарданд ва аз Ӯ талаби омурзиш намекунанд? Ва Аллоҳ Таъоло омурзандаи меҳрубон аст). (Сураи Моида, ояти 74). Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَالَّذِينَ لَا يَدْعُونَ مَعَ اللَّهِ إِلَٰهًا آخَرَ وَلَا يَقْتُلُونَ النَّفْسَ الَّتِي حَرَّمَ اللَّهُ إِلَّا بِالْحَقِّ وَلَا يَزْنُونَ وَمَنْ يَفْعَلْ ذَٰلِكَ يَلْقَ أَثَامًا ۝٦٨ يُضَاعَفْ لَهُ الْعَذَابُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ وَيَخْلُدْ فِيهِ مُهَانًا ۝٦٩ إِلَّا مَنْ تَابَ وَآمَنَ وَعَمِلَ عَمَلًا صَالِحًا فَأُولَٰئِكَ يُبَدِّلُ اللَّهُ سَيِّئَاتِهِمْ حَسَنَاتٍ وَكَانَ اللَّهُ غَفُورًا رَحِيمًا ۝٧٠﴾

(Ва касоне ҳастанд, ки бо Аллоҳ Таъоло маъбуде дигар намехонанд ва касе, ки Аллоҳ Таъоло [куштанашро] ҳаром кардааст, ҷуз ба

ҳақ намекушанд ва зино намекунанд. Ва ҳар ки ин [гуноҳон]-ро муртакиб шавад, кайфари гуноҳи [хеш]-ро мебинад, 68.

Рӯзи қиёмат азобаш дучандон мегардад ва бо хорӣ дар он [азоб] ҷовидон мемонад, 69.

Магар касе, ки тавба кунад ва имон оварад ва коре шоиста анҷом диҳад. Пас, инонанд, ки Аллоҳ Таъоло бадиҳояшонро ба некиҳо табдил мекунад ва Аллоҳ Таъоло ҳамвора омурзгору меҳрубон аст, 70). (Сураи Фурқон, оятҳои 68-70). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَهُوَ الَّذِى يَقْبَلُ التَّوْبَةَ عَنْ عِبَادِهِ وَيَعْفُو عَنِ السَّيِّئَاتِ وَيَعْلَمُ مَا تَفْعَلُونَ﴿٢٥﴾﴾

(Ӯст, ки тавбаи бандагонашро мепазирад ва аз бадиҳо дармегузарад ва он чи мекунед, медонад). (Сураи Шуро, ояти 25).

Ва дар ривояти саҳеҳ аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омадааст, ки фармуданд:

«الإِسْلَامُ يَهْدِمُ مَا كَانَ قَبْلَهُ، وَالتَّوْبَةُ تَجُبُّ مَا كَانَ قَبْلَهَا».

"Ислом гуноҳони қабл аз худро нобуд мекунад ва тавба гуноҳони қабл аз худро дур месозад".

Ин суханҳои кӯтоҳро ба хотири бузург будани хатари ширк, ки бузургтарин гуноҳ маҳсуб мешавад ва аз тарси фирефта шудан ба навиштаҳои ин нависанда ва ба хотири воҷиб будани насиҳат барои Аллоҳ ва бандагонаш,

навиштаам. Аз Худованд мехоҳам, ки онро судманд гардонад ва ҳоли мо ва тамоми мусалмононро ислоҳ кунад ва бар ҳамаи мо лутф намуда, ба фаҳми дин ва собитқадамӣ бар он муваффақ гардонад. Мо ва мусалмононро аз шарри нафсҳоямон ва бадии аъмоламон паноҳ диҳад. Ҳамоно Ӯ соҳиби ин кор ва Тавоно бар он аст.

Ва саллалоҳу ва саллама ва борака ъало абдиҳи ва расулиҳи набийино Муҳаммад ва олиҳи ва асҳобиҳи.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحمَنِ الرَّحِيمِ

# НОМАИ СЕЮМ

## Дар баёни ҳукми кумак хостан аз ҷин ва шайтонҳо ва назр кардан барои онҳо

Аз Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз ба ҳар касе аз мусалмонон, ки инро мебинад, Худованд ман ва эшонро ба пойбандӣ ба динаш ва собитқадамӣ бар он тавфиқ диҳад, Омин.

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ.

Аммо баъд:

Баъзе бародарон аз ман дар бораи он амалҳое, ки баъзе ҷоҳилон анҷом медиҳанд, пурсиданд; аз қабили дуо кардан ба ғайри Аллоҳ Субҳонаҳу ва ёрӣ хостан аз ғайри Ӯ дар корҳои муҳим; монанди дуо кардан ба ҷинҳо ва кумак хостан аз онҳо, назр ва қурбонӣ кардан барои онҳо. Аз ҷумлаи (амалҳои ношоистаи онҳо) инчунин гуфтани ин суханашон аст: (Эй ҳафтгона). Яъне: ҳафт нафар аз сардорони ҷин, ӯро бигиред, устухонҳояшро бишканед, хунашро бинӯшед, ӯро мусла кунед, эй ҳафтгона, бо ӯ чунин кунед. Ё ин гуфтори баъзеи онҳо: «Эй ҷинҳои зуҳр, эй ҷинҳои аср, ӯро бигиред». Ва ин амал дар баъзе минтақаҳои ҷанубӣ хеле зиёд дида мешавад. Ба ин амр

инчунин дохил мешавад: дуои мурдагон, аз қабили паёмбарону солеҳон ва ғайра, хостан, аз малоика хостан ва аз онҳо талаби ёрӣ намудан. Пас, ҳамаи ин ва монанди он аз ҷониби бисёре аз касоне, ки худро ба Ислом мансуб медонанд, аз рӯи ҷаҳл ва тақлид ба гузаштагони худ сар мезанад. Ва баъзан баъзеи онҳо дар ин масъала саҳлангорӣ карда, бо ин гуфторашон чунин истидлол мекунанд: «Ин чизест, ки бар забон ҷорӣ мешавад, мо онро қасд намекунем ва ба он эътиқод надорем».

Ва низ баъзе дӯстон аз ҳукми издивоҷ бо касе, ки ба ин корҳо шинохта шудааст ва аз забҳкардаи онҳо, ҷаноза хондан бар онҳо, намоз гузоштан аз паси онҳо, пурсиданд. Инчунин дар бораи ҳукми бовар кардан ба фолбиноне пурсиданд, ки ба муҷарради дастрасӣ ба салла, эзор ва руймоли бемор ва монанди инҳо, иддио мекунанд, ки аз беморӣ ва сабабҳои он огоҳанд.

Ҷавоби ин пурсишҳо: Ҳамду ситоиш барои Аллоҳи якто ва дуруду салом бар касе, ки баъд аз ӯ паёмбаре нест ва бар хонадону асҳобаш ва пайравони онҳо то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд:

Худованд Субҳонаҳу ва Таъоло инсу ҷинро барои он офаридааст, ки танҳо Ӯро ибодат кунанд ва дуо, ёрӣ хостан, забҳ, назр ва дигар ибодатҳоро хоси Ӯ гардонанд. Ва паёмбаронро

барои ҳамин фиристода, ба онҳо амр намуд ва китобҳои осмониро, ки бузургтарини онҳо Қуръони Карим аст, барои баёни ин амр, даъват ба сӯи он ва барҳазар доштани мардум аз ширк овардан ба Худо ва ибодати ғайри Ӯ нозил кард. Ва ин асли аслҳо ва асоси миллату дин аст ва он маънои шаҳодати "Ло илоҳа иллаллоҳ" аст ва ҳақиқаташ ин аст, ки: нест маъбуди ба ҳақ ҷуз Аллоҳ. Пас он улуҳият ва ибодатро барои ғайри Аллоҳ нафй мекунад ва он (ибодат)-ро танҳо барои Аллоҳи ягона исбот менамояд, на барои ғайри Ӯ аз соири махлуқот. Ва далелҳо бар ин аз Қуръони Карим ва суннати Паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бисёр аст. Аз ҷумла Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ۝٥٦﴾

(Ва ҷинну инсро фақат барои ин офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд]). (Сураи Зориёт, ояти 56). Худованд мефармояд:

﴿وَقَضَى رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا إِيَّاهُ...﴾

(Ва Парвардигорат чунин фармон додааст, ки: «Ҷуз Ӯро напарастед...) (Сураи Исро, ояти 23). Дар ояти дигар мефармояд:

﴿وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ حُنَفَاءَ...﴾

(Ва эшон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд, дар ҳоле ки дини худро барои ӯ холис гардонанд [ва аз ширку бутпарастӣ] ба тавҳид рӯ оваранд...) (Сураи Байина, ояти 5). Ва ояти дигар:

﴿وَقَالَ رَبُّكُمُ ادْعُونِي أَسْتَجِبْ لَكُمْ إِنَّ الَّذِينَ يَسْتَكْبِرُونَ عَنْ عِبَادَتِي سَيَدْخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ ﴿٦٠﴾﴾

(Парвардигоратон фармуд: «Маро бихонед, то [дуои] шуморо иҷобат кунам. Касоне, ки аз ибодати Ман саркашӣ мекунанд, ба зудӣ бо хорӣ ба ҷаҳаннам ворид мешаванд». (Сураи Ғофир, ояти 60). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ...﴾

(Ва [эй паёмбар] чун бандагонам дар бораи Ман аз ту бипурсанд, [ба онон] бигӯ: Ман наздикам ва дуои дуокунандаро – ҳангоме ки маро бихонад – иҷобат мекунам...)

(Сураи Бақара, ояти 186).

Худованд дар ин оятҳо баён фармуда, ки инсонҳо ва ҷинҳоро барои ибодаташ офаридааст ва ба бандагонаш дар Қуръони Карим ва аз забони Паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) амр ва васият намудааст, ки ба ҷуз Парвардигорашон касеро ибодат накунанд.

Аллоҳ Таъоло возеҳ сохт, ки дуо ибодати

бузург аст ва ҳар кас аз он саркашӣ кунад, вориди ҷаҳаннам мешавад. Ӯ ба бандагонаш фармуд, ки танҳо Ӯро бихонанд ва хабар дод, ки Ӯ наздик аст ва дуояшонро иҷобат мекунад. Пас, бар ҳамаи бандагон воҷиб аст, ки дуоро хоси Парвардигорашон гардонанд, зеро он навъе аз ибодат аст, ки барои он офарида шудаанд ва ба он амр шудаанд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلْ إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ ﴿١٦٢﴾ لَا شَرِيكَ لَهُ وَبِذَلِكَ أُمِرْتُ وَأَنَا أَوَّلُ الْمُسْلِمِينَ ﴿١٦٣﴾﴾

(Бигӯ: Бе тардид, намозам ва қурбониҳои ман ва зиндагӣ ва маргам ҳама барои Аллоҳ Таъоло – Парвардигори ҷаҳониён аст, 162.

[Ҳам Ӯ ки] Шарике надорад ва ба ин [яктопарастӣ холисона] дастур ёфтаам ва ман нахустин мусалмон аз ин қавм ҳастам, 163). (Сураи Анъом, оятҳои 162, 163).

Пас, Аллоҳ Паёмбарашро (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) амр фармуд, ки ба мардум хабар диҳад, ки намозаш, қурбонияш, зиндагияш ва маргаш хоси Аллоҳ, Парвардигори оламиён аст, ки ҳеҷ шарике надорад. Бинобар ин, ҳар кас барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ кунад, ба Аллоҳ ширк овардааст, ҳамчуноне, ки барои ғайри Аллоҳ намоз бихонад, зеро Аллоҳи Пок намоз ва забҳро қарини якдигар қарор дод ва хабар дод, ки он ду танҳо барои Аллоҳ аст, ки шарике

надорад. Пас, ҳар касе барои ғайри Аллоҳ, аз ҷинҳо, малоика, мурдагон ва ғайра, бо мақсади наздик шудан ба онҳо қурбонӣ кунад, монанди касе аст, ки барои ғайри Аллоҳ намоз хондааст. Ва дар ҳадиси саҳеҳ омадааст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«لَعَنَ اللهُ مَنْ ذَبَحَ لِغَيْرِ اللهِ».

"Аллоҳ лаънат кардааст касеро, ки барои ғайр аз Аллоҳ забҳ мекунад". Ва Имом Аҳмад бо санади ҳасан аз Ториқ ибни Шиҳоб (разияллоҳу анҳу) ривоят кардааст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудааст:

«مرَّ رَجُلَانِ عَلَى قَومٍ لَهُم صَنَمٌ لَا يَجُوزُهُ أَحَدٌ حَتَّى يُقرِّبَ لَهُ شَيئًا، فَقَالُوا لِأَحَدِهِمَا: قَرِّبْ. قَالَ: لَيسَ عِندِي شَيءٌ أُقَرِّبُهُ، قَالُوا: قَرِّبْ وَلَوْ ذُبَابًا، فَقَرَّبَ ذُبَابًا، فَخَلُّوا سَبِيلَهُ، فَدَخَلَ النَّارَ، وَقَالُوا لِلآخَرِ: قَرِّبْ. قَالَ: مَا كُنْتُ لِأُقَرِّبَ لِأَحَدٍ شَيْئًا دُونَ اللهِ جَلَّ جَلَالُهُ، فَضَرَبُوا عُنُقَه، فَدَخَلَ الجَنَّةَ».

"Ду мард аз назди қавме гузаштанд, ки буте доштанд ва ҳеҷ кас аз канори он намегузашт, магар ин ки барои он чизеро қурбонӣ мекард. Ба яке аз онҳо гуфтанд: «Қурбонӣ кун». Гуфт: «Чизе надорам, ки қурбонӣ кунам». Гуфтанд: «Қурбонӣ кун, агарчи магасе бошад». Пас ӯ магасеро қурбонӣ кард ва онҳо роҳашро боз карданд, пас ба дӯзах даромад. Ва ба дигаре гуфтанд: «Қурбонӣ кун». Гуфт: «Ман барои ҳеҷ

кас ғайри Аллоҳи Азза ва Ҷалла чизеро қурбонӣ намекунам». Пас гарданашро заданд ва ӯ ба биҳишт даромад".

Пас, агар касе, ки ба бут ва амсоли он бо магас ва монанди он наздикӣ меҷӯяд, мушрик бошад ва сазовори дохил шудан ба оташи дӯзах гардад. Пас, ҳоли касе, ки ҷинҳо, малоика ва авлиёро мехонад, чӣ гуна аст? Ва ҳоли касе, ки аз онҳо ёрӣ металабад, барои онҳо назр мекунад ва бо қурбониҳо ба онҳо наздикӣ меҷӯяд ва бо ин амал умеди ҳифзи мол, шифои мариз ва саломатии чорпоёну кишташро дорад, чӣ гуна аст?! Ва ҳоли касе, ки ин корро аз тарси шарри ҷинҳо ё монанди он анҷом медиҳад, чӣ гуна аст?! Шакке нест, ки ҳар кас ин корҳоро анҷом диҳад, нисбат ба он марде, ки магасро барои бут қурбонӣ кард, ба мушрик будан ва вориди оташи дӯзах шудан сазовортар аст.

Инчунин Худованд мефармояд:

﴿إِنَّآ أَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ فَٱعۡبُدِ ٱللَّهَ مُخۡلِصٗا لَّهُ ٱلدِّينَ ٢ أَلَا لِلَّهِ ٱلدِّينُ ٱلۡخَالِصُۚ وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ أَوۡلِيَآءَ مَا نَعۡبُدُهُمۡ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلۡفَىٰٓ إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ بَيۡنَهُمۡ فِي مَا هُمۡ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي مَنۡ هُوَ كَٰذِبٞ كَفَّارٞ ٣﴾

(Ин китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, пас, Аллоҳро бо хулуси эътиқод парастиш кун, 2.

Огоҳ бошед, ки дини холис [ва холӣ аз ширк] аз они Аллоҳ Таъоло аст ва афроде, ки ғайри

Аллоҳро [дӯст ва] корсози худ интихоб кардаанд [пиндорашон ин аст, ки]: «Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ Таъоло наздик гардонанд [ва манзалатамонро бештар кунанд]». Аллоҳ Таъоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард, 3).

(Сураи Зумар, оятҳои 2-3). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَيَعْبُدُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُمْ وَلَا يَنْفَعُهُمْ وَيَقُولُونَ هَؤُلَاءِ شُفَعَاؤُنَا عِنْدَ اللَّهِ قُلْ أَتُنَبِّئُونَ اللَّهَ بِمَا لَا يَعْلَمُ فِي السَّمَاوَاتِ وَلَا فِي الْأَرْضِ سُبْحَانَهُ وَتَعَالَى عَمَّا يُشْرِكُونَ ۝١٨﴾

(Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ Таъоло чизҳоеро мепарастанд, ки на ба онон зиёне мерасонанд ва на судашон мебахшад ва мегӯянд: «Ин бутҳо [воситаҳо ва] шафоатгарони мо назди Аллоҳ Таъоло ҳастанд». [Эй паёмбар] Бигӯ: «Оё [ба гумони худ] Аллоҳ Таъолоро аз чизе [шарике] огоҳ месозед, ки дар осмонҳо ва замин [барояш қоилед ва худ] намедонад?» Ӯ муназзаҳ аст ва аз ончи бо вай шарик месозанд, бартар аст).

(Сураи Юнус, ояти 18).

Аллоҳ Таъоло дар ин ду оят хабар медиҳад,

ки мушрикон ғайри Ӯ аз миёни махлуқот авлиёеро гирифтаанд ва онҳоро дар баробари Ӯ ба воситаи тарс, умед, қурбонӣ, назр, дуо ва амсоли он ибодат мекунанд ва иддао доранд, ки он авлиё ибодаткунандагони худро ба Аллоҳ наздик месозанд ва дар назди Ӯ барояшон шафоат мекунанд. Сипас Аллоҳ Таъоло онҳоро таксиб намуда, ботил будани ақидаашонро ошкор сохт ва онҳоро дурӯғгӯ, кофир ва мушрик номид ва Худро аз ширки онҳо пок ва муназзаҳ гардонид. Ӯ Таъоло мефармояд:

﴿...سُبْحَانَهُ وَتَعَالَى عَمَّا يُشْرِكُونَ﴾

(Поку муназзаҳ аст Аллоҳ Таъоло ва аз он чи бо вай шарик месозанд, бартар аст). (Сураи Наҳл, ояти 1). Пас, аз ин маълум мешавад, ки ҳар касе фариштае, ё паёмбаре, ё ҷине, ё дарахте, ё сангеро васила қарор диҳад ва ӯро ҳамроҳ бо Худо бихонад, аз ӯ ёрӣ бихоҳад ва бо назру забҳ ба ӯ наздикӣ ҷӯяд, ба умеди шафоати ӯ дар назди Худо ва наздик шудан ба Ӯ (тавассути вай), ё ба умеди шифои бемор, ё нигаҳдории мол, ё саломатии шахси ғоиб, ё монанди инҳо; пас, ба ин ширки бузург ва балои вазнин гирифтор шудааст, ки Аллоҳ дар бораи он чунин мегӯяд:

﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يَغْفِرُ أَنْ يُشْرَكَ بِهِ وَيَغْفِرُ مَا دُونَ ذَلِكَ لِمَنْ يَشَاءُ وَمَنْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ

﴿فَقَدِ افْتَرَىٰ إِثْمًا عَظِيمًا ۝٤٨﴾

(Бе гумон, Аллоҳ Таъоло ин гуноҳро, ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад ва ғайр аз онро – барои ҳар ки бихоҳад – мебахшад; ва ҳар ки ба Аллоҳ Таъоло ширк варзад, яқинан, гуноҳи бузург ба гардан гирифтааст). (Сураи Нисо, ояти 48). Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...إِنَّهُ مَنْ يُشْرِكْ بِاللَّهِ فَقَدْ حَرَّمَ اللَّهُ عَلَيْهِ الْجَنَّةَ وَمَأْوَاهُ النَّارُ وَمَا لِلظَّالِمِينَ مِنْ أَنْصَارٍ﴾

(Бе тардид, ҳар ки ба Аллоҳ Таъоло ширк оварад, Аллоҳ Таъоло биҳиштро бар ӯ ҳаром кардааст ва ҷойгоҳаш дӯзах аст ва ситамгорон ҳеҷ ёваре надоранд). (Сураи Моида, ояти 72).

Ва шафоат дар рӯзи қиёмат фақат барои аҳли тавҳид ва ихлос аст, на барои аҳли ширк, чуноне ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) вақте аз ӯ пурсиданд: «Эй Паёмбари Худо, хушбахттарини мардум ба шафоати ту кист?», фармуданд:

«مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ خَالِصًا مِنْ قَلْبِهِ».

"Ҳар касе аз самими қалб ва холисона "Ло илоҳа иллаллоҳ" гӯяд." Инчунин Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«لِكُلِّ نَبِيٍّ دَعْوَةٌ مُسْتَجَابَةٌ، فَتَعَجَّلَ كُلُّ نَبِيٍ دَعْوَتَهُ، وَإِنِّي اخْتَبَأْتُ دَعْوَتِي شَفَاعَةً

لِأُمَّتِي يَومَ القِيَامَةِ، فَهِيَ نَائِلَةٌ إِنْ شَاءَ اللهِ مَن مَاتَ مِنْ أُمَّتِي لَا يُشْرِكُ بِاللهِ شَيْئًا».

«Ҳар паёмбаре дуои мустаҷобе дорад, пас ҳар паёмбаре дар дуои худ шитоб кард ва ман дуои худро барои шафоати умматам дар рӯзи қиёмат захира намудам. Пас он, иншоаллоҳ, ба ҳар касе аз умматам, ки дар ҳоле бимирад, ки ба Аллоҳ чизеро шарик намеоварад, хоҳад расид».

Мушрикони собиқ имон доштанд, ки Аллоҳ Парвардигор, Холиқ ва Ризқдиҳандаи онҳост, вале ба паёмбарон, авлиё, фариштагон, дарахтон, сангҳо ва монанди инҳо тавассул меҷустанд ва умед доштанд, ки онҳо дар назди Аллоҳ шафоаташон кунанд ва онҳоро ба Ӯ наздик созанд, чунон ки дар оятҳо гузашт. Вале, Аллоҳ онҳоро ба ин сабаб маъзур надонист, балки дар китоби бузургаш ин амали онҳоро инкор кард ва онҳоро кофирону мушрикон номид. Ва даъвои онҳоро, ки ин маъбудон барояшон шафоат мекунанд ва онҳоро ба Аллоҳ наздик мекунанд, дурӯғ баровард. Паёмбари Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) низ онҳоро маъзур надонист, ҳатто барои он ки ибодатҳоро барои Аллоҳи ягона холисона анҷом диҳанд, мутобиқи фармудаи Худованд ба хотири ин ширк бо онҳо ҷангид. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَقَاتِلُوهُمْ حَتَّى لَا تَكُونَ فِتْنَةٌ وَيَكُونَ الدِّينُ لِلَّهِ...﴾

(Ва бо онҳо биҷангед, то фитнаи [ширк] боқӣ намонад ва дин [холисона] аз они Аллоҳ Таъоло гардад...) (Сураи Бақара, ояти 193). Ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«أُمِرْتُ أَنْ أُقَاتِلَ النَّاسَ حَتَّى يَشْهَدُوا أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَأَنَّ مُحَمَّدًا رَسُولُ اللهِ، وَيُقِيمُوا الصَّلَاةَ، وَيُؤْتُوا الزَّكَاةَ، فَإِذَا فَعَلُوا ذَلِكَ عَصَمُوا مِنِّي دِمَاءَهُم وَأَمْوَالَهُمْ إِلَّا بِحَقِّ الإِسْلَامِ، وَحِسَابُهُم عَلَى اللهِ».

«Амр шудаам, ки бо мардум биҷангам, то гувоҳӣ диҳанд, ки маъбуде ба ҳақ нест ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва намоз барпо доранд ва закот бидиҳанд. Пас, вақте чунин карданд, ҷон ва молашонро аз ман ҳифз кардаанд, магар ба ҳаққи Ислом ва ҳисобашон бар Аллоҳ аст». Ва маънои фармудаи Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам):

«حَتَّى يَشْهَدُوا أَن لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ»

«То гувоҳӣ диҳанд, ки нест маъбуде барҳақ магар Аллоҳ», яъне, то ин ки ибодатро танҳо хоси Аллоҳ гардонанд ва ба ғайр аз Ӯ чизеро ибодат накунанд.

Ва чун мушрикон аз ҷинҳо метарсиданд ва ба онҳо паноҳ мебурданд, Худованди Мутаъол ин ояти худро нозил кард:

﴿وَأَنَّهُ كَانَ رِجَالٌ مِنَ الْإِنْسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِنَ الْجِنِّ فَزَادُوهُمْ رَهَقًا۝٦﴾

(Ва ин ки мардоне аз одамиён ба мардоне аз

ҷинниён паноҳ мебурданд ва [бад-ин васила] бар гумроҳӣ ва саркашии эшон меафзуданд). (Сураи Ҷин, ояти 6). Муфассирон дар тафсири ояти карима чунин фармуданд:

﴿...فَزَادُوهُمْ رَهَقًا﴾

([бад-ин васила] бар гумроҳӣ ва саркашии эшон меафзуданд). Яъне: ҷинҳо тарсу ҳаросро бар инсонҳо афзоиш медоданд, зеро ҷинҳо, вақте инсонҳоро мебинанд, ки ба онҳо паноҳ мебаранд, худро бузург шумурда, такаббур мекунанд ва дар он ҳангом тарсу ҳароси онҳоро бештар мегардонанд, то ин ки ибодат ва паноҳ бурдан ба онҳоро афзун намоянд.

Ва Худованд бар ивази паноҳ бурдан ба ҷинҳо, барои мусалмонон паноҳ бурдан ба Худаш ва калимоти комилашро муқаррар кард. Аллоҳ Таъоло дар ин маврид чунин мефармояд:

﴿وَإِمَّا يَنزَغَنَّكَ مِنَ الشَّيْطَانِ نَزْغٌ فَاسْتَعِذْ بِاللَّهِ إِنَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ۝٢٠٠﴾

(Ва агар васвасае аз сӯйи шайтон туро барангезонд, ба Аллоҳ Таъоло паноҳ бибар, [ки] бе тардид, Ӯ шунавову доност). (Сураи Аъроф, ояти 200). Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу мефармояд:

﴿قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ الْفَلَقِ ۝١﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори сапедадам паноҳ мебарам). Ва аз Паёмбар

(Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, ки фармуданд:

«مَنْ نَزَلَ مَنْزِلًا فَقَالَ: (أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللهِ التَّامَّاتِ مِنْ شَرِّ مَا خَلَقَ)؛ لَم يَضُرَّهُ شَيءٌ حَتَّى يَرْتَحِلَ مِنْ مَنْزِلِهِ ذَلِكَ».

"Ҳар ки ба манзиле фуруд омад ва ин дуоро бигӯяд: "Аъузу бикалимотиллоҳи-т-томмоти мин шарри мо халақ" (Тарҷума: Паноҳ мебарам ба калимаҳои комили Аллоҳ аз он чи офаридааст), то тарк кардани он манзил чизе ба ӯ зарар намерасонад".

Шахсе, ки хоҳони наҷот ва ҳифзи дини худ бошад ва бихоҳад, ки аз ширки хурду бузург дар амон бошад, аз ин оятҳо ва ҳадисҳои боло пай мебарад, ки дил бастан ба мурдагон, малоика, ҷин ва дигар махлуқот ва аз онҳо ҳоҷат хостану ба онҳо паноҳ бурдан ва монанди ин корҳо, аз амалҳои аҳли ҷоҳилияти мушрикон ва аз қабеҳтарин навъи ширк ба Аллоҳи Пок аст. Пас, зарур аст, ки шахс чунин корҳоро тарк карда, аз онҳо парҳез намояд ва мусалмонон якдигарро ба тарки он тавсия диҳанд ва касе, ки ин корҳоро анҷом медиҳад, амалашро инкор намуда, ӯро боз доранд.

Ва аммо касе аз мардум, ки бо ин аъмоли ширкӣ шинохта шудааст, издивоҷ бо ӯ, хӯрдани забҳкардааш, хондани намози ҷаноза бар ӯ ва дар пушти ӯ намоз гузоридан ҷоиз нест, то он ки

аз ин амалҳояш ба сӯи Аллоҳ Субҳонаҳу ошкоро тавба кунад ва дуову ибодатро барои Аллоҳи ягона холис гардонад. Дуо ибодат аст, балки мағзи он аст, чуноне ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«الدُّعَاءُ هُوَ العِبَادَةُ».

"Дуо ҳамон ибодат аст". Ва дар лафзи дигар аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст, ки фармуданд:

«الدُّعَاءُ مُخُّ العِبَادَةِ».

"Дуо мағзи ибодат аст". Аммо дар бораи издивоҷ бо мушрикон: Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَا تَنكِحُوا الْمُشْرِكَاتِ حَتَّىٰ يُؤْمِنَّ وَلَأَمَةٌ مُّؤْمِنَةٌ خَيْرٌ مِّن مُّشْرِكَةٍ وَلَوْ أَعْجَبَتْكُمْ وَلَا تُنكِحُوا الْمُشْرِكِينَ حَتَّىٰ يُؤْمِنُوا وَلَعَبْدٌ مُّؤْمِنٌ خَيْرٌ مِّن مُّشْرِكٍ وَلَوْ أَعْجَبَكُمْ أُولَٰئِكَ يَدْعُونَ إِلَى النَّارِ وَاللَّهُ يَدْعُو إِلَى الْجَنَّةِ وَالْمَغْفِرَةِ بِإِذْنِهِ وَيُبَيِّنُ آيَاتِهِ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ ﴿٢٢١﴾﴾

(Ва [эй муъминон] бо занони мушрик то имон наёвардаанд, издивоҷ накунед; ва бе гумон канизи муъмин, аз зани [озоди] мушрик беҳтар аст; агарчи [зебоӣ ё дороиаш] мавриди писандатон воқеъ гардад; ва [занони мусулмонро] ба издивоҷи мардони мушрик дарнаёваред, магар он ки имон биёваранд; ва

ҳатман бардаи муъмин аз марди [озоди] мушрик беҳтар аст; агарчи шефтаи [дорой ва мавқеияти] ӯ шуда бошед. Онон ба сӯйи оташ [-и дузах] даъват мекунанд ва Аллоҳ Таъоло ба фармон [ва тавфиқ]-и хеш ба сӯйи биҳишт ва омурзиш даъват мекунанд ва оёт [-у аҳкоми] худро барои мардум равшан месозад; бошад, ки панд гиранд). (Сураи Бақара, ояти 221). Пас Аллоҳи Субҳон мусалмононро аз издивоҷ бо занони мушрика, аз ҷумлаи парастандагони бутҳо, ҷинҳо, малоика ва ғайри онҳо манъ кард, то замоне ки имон биёваранд ва ибодатро танҳо барои Аллоҳи ягона холис гардонанд ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар он чи овардааст, тасдиқ намоянд ва аз роҳи ӯ пайравӣ кунанд. Ва аз ба шавҳар додани занони мусалмон ба мардони мушрик манъ кард, то замоне ки имон биёваранд ва ибодатро танҳо барои Аллоҳи ягона холис гардонанд ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро тасдиқ намоянд ва аз ӯ пайравӣ кунанд.

Аллоҳ Таъоло хабар додааст, ки канизи муъмина аз зани озоди мушрик беҳтар аст, агарчи бо зебой ва хушсуханиаш бинанда ва шунавандаи суханашро ба ҳайрат оварад. Ва ғуломи муъмин аз марди озоди мушрик беҳтар аст, агарчи бо зебой, фасоҳат, шуҷоат ва ғайра шунаванда ва бинандаашро ба ҳайрат оварад.

Сипас сабабҳои ин бартариро бо ин фармудаи Худ баён намуд:

﴿...أُولَئِكَ يَدْعُونَ إِلَى النَّارِ...﴾

(Онон ба сӯйи оташ [-и дузах] даъват мекунанд). (Сураи Бақара, ояти 221). Яъне, манзур мардону занони мушрик аст, зеро онҳо бо гуфтор, аъмол, рафтор ва ахлоқашон ба сӯи оташи дӯзах даъват мекунанд. Аммо мардону занони муъмин бо ахлоқ, аъмол ва рафторашон ба сӯи биҳишт даъват менамоянд. Пас, чӣ гуна инҳо ва онҳо баробар шуда метавонанд?

Аммо дар бораи намоз хондан бар мушрикон: Аллоҳ Таъоло дар шаъни мунофиқон чунин фармудааст:

﴿وَلَا تُصَلِّ عَلَى أَحَدٍ مِنْهُمْ مَاتَ أَبَدًا وَلَا تَقُمْ عَلَى قَبْرِهِ إِنَّهُمْ كَفَرُوا بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ وَمَاتُوا وَهُمْ فَاسِقُونَ ﴿٨٤﴾﴾

(Ва ҳаргиз бар ҳеҷ мурдае аз онон намоз нахон ва [барои дуо хондан ва талаби омурзиш] бар сари қабраш наист, [чаро ки] бе тардид, онон ба Аллоҳ Таъоло ва Паёмбараш куфр варзидаанд ва дар ҳоле мурданд, ки нофармон буданд). (Сураи Тавба, ояти 84). Пас, Аллоҳи бузург дар ин ояти карима баён намудааст, ки бар мунофиқ ва кофир намози ҷаноза хонда намешавад; ба сабаби куфрашон ба Аллоҳ ва расулаш. Ҳамчунин дар пушти онҳо намоз

гузорида намешавад ва барои мусалмонон имом қарор дода намешаванд; ба хотири куфрашон ва амонатдор набуданашон ва ба сабаби душмании бузурге, ки миёни онҳову мусалмонон вуҷуд дорад ва инчунин ба сабаби он ки онҳо аз аҳли намозу ибодат нестанд, зеро куфру ширк ҳеҷ амалеро бо худ боқӣ намегузоранд. Аз Аллоҳ офият аз ин ҳолатро масъалат дорем. Аммо дар мавриди хӯрдани забҳкардаҳои мушрикон, Худованди Азза ва Ҷалла дар қатори ҳаром будани худмурда забҳкардаҳои мушриконро низ ҳаром эълон кардааст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَا تَأْكُلُوا مِمَّا لَمْ يُذْكَرِ اسْمُ اللَّهِ عَلَيْهِ وَإِنَّهُ لَفِسْقٌ وَإِنَّ الشَّيَاطِينَ لَيُوحُونَ إِلَى أَوْلِيَائِهِمْ لِيُجَادِلُوكُمْ وَإِنْ أَطَعْتُمُوهُمْ إِنَّكُمْ لَمُشْرِكُونَ ١٢١﴾

(Ва [эй муъминон] аз он чи [ҳангоми забҳ] номи Аллоҳ Таъоло бар он бурда нашудааст, нахӯред, чаро ки он [кори] ҳатман, нофармонӣ аст ва дар ҳақиқат шаётин ба дӯстони худ илқо мекунанд, ки бо шумо [дар ин маврид] муҷодала намоянд. Ва агар аз онон итоат кунед, ҳатман, шумо [низ дар зумраи] мушрикон ҳастед). (Сураи Анъом, ояти 121). Худованди Мутаъол мусалмононро аз хӯрдани худмурда ва забҳи мушрик манъ намуд, зеро он наҷас аст. Пас, забҳи мушрик дар ҳукми худмурда мебошад, ҳатто агар бар он номи Аллоҳро зикр кунад,

зеро тасмияи ӯ ботил аст ва асаре надорад, чун он ибодат аст ва ширк ибодатро нобуд ва ботил месозад, то замоне ки мушрик ба даргоҳи Худованди Мутаъол тавба кунад. Ва Аллоҳ Таъоло таоми аҳли китобро танҳо дар ин фармудаи Худ мубоҳ гардонидааст:

﴿...وَطَعَامُ الَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ حِلٌّ لَكُمْ وَطَعَامُكُمْ حِلٌّ لَهُمْ...﴾

([забоиҳу] ғизои аҳли китоб барои шумо ҳалол аст ва ғизои шумо [низ] барои онон ҳалол аст). (Сураи Моида, ояти 5). Зеро онҳо худро ба дини осмонӣ мансуб медонанд ва иддао мекунанд, ки аз пайравони Мӯсо ва Исо ҳастанд, ҳарчанд дар ин иддаои худ дурӯғгӯянд. Аллоҳ Таъоло дини онҳоро бо фиристодани Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба сӯи тамоми мардум насх ва ботил кардааст. Лекин Аллоҳи Мутаъол таоми аҳли китоб ва занонашонро ба хотири ҳикмати бузург ва асрори ниҳоне, ки аҳли илм онро баён кардаанд, барои мо ҳалол гардонидааст. Бар хилофи мушрикон, ки парастандагони бутҳо ва мурдагон аз қабили анбиёву авлиё ва ғайра ҳастанд, зеро дини онҳо ҳеҷ асле надорад ва ҳеҷ шабоҳате ба ҳақ надорад, балки аз бунёдаш ботил аст, пас забҳи онҳо дар ҳукми худмурда буда, хӯрдани он ҷоиз нест.

Аммо ин ки шахсе ба мухотаби худ бигӯяд:

«Ҷин ба ту осеб расондааст», «Ҷин туро гирифтааст», «Шайтон ихтиёратро аз дастат гирифтааст» ва монанди инҳо, пас ин аз ҷумлаи дашному ҳақорат аст ва ин кор байни мусалмонон ҷоиз нест, ҳамчун дигар навъҳои дашному ҳақорат. Ин гуфтаҳо аз ҷумлаи ширк маҳсуб намешаванд, магар дар сурате, ки гӯяндаи он эътиқод дошта бошад, ҷинҳо бе иҷозат ва хости Аллоҳ бар мардум тасарруф мекунанд. Пас ҳар касе, ки дар бораи ҷин ё дигар махлуқот чунин эътиқод дошта бошад, ба сабаби ин эътиқодаш кофир аст, зеро Аллоҳ Таъоло Молики ҳар чиз ва бар ҳар чиз Қодир аст. Ӯ фоидарасону зараррасон аст ва ҳеҷ чиз вуҷуд надорад, магар бо изн ва машият ва тақдири пешини Ӯ. Чуноне ки Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу ба паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) амр намудааст, ки мардумро аз ин асли бузург огоҳ созад:

﴿قُلْ لَا أَمْلِكُ لِنَفْسِي نَفْعًا وَلَا ضَرًّا إِلَّا مَا شَاءَ اللَّهُ وَلَوْ كُنْتُ أَعْلَمُ الْغَيْبَ لَاسْتَكْثَرْتُ مِنَ الْخَيْرِ وَمَا مَسَّنِيَ السُّوءُ إِنْ أَنَا إِلَّا نَذِيرٌ وَبَشِيرٌ لِقَوْمٍ يُؤْمِنُونَ ١٨٨﴾

([Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ман молики суду зиёни хештан нестам, магар ончиро, ки Аллоҳ Таъоло бихоҳад ва агар ғайбро медонистам, хайр [-у суди] бисёре [барои худ] фароҳам месохтам ва ҳеҷ бадӣ [ва зиёне] ба ман намерасид. Ман [касе] нестам, магар бимдиҳанда ва

башоратбахш [-и дилсӯз] барои гурӯҳе, ки имон доранд»). (Сураи Аъроф, ояти 188). Модоме ки сарвари махлуқот ва беҳтарини онҳо Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барои худ соҳиби ҳеҷ суду зиёне нест, магар он чи Аллоҳ Таъоло бихоҳад, пас ҳоли дигар махлуқот чӣ гуна хоҳад буд?! Ва оятҳо дар ин маънӣ бисёранд.

Аммо пурсидан аз фолбинон, ҷодугарон, мунаҷҷимон ва монанди онҳо, ки иддаои хабар додан аз умури ғайбро мекунанд, кори нораво буда, ҷоиз нест. Ва тасдиқ кардани онҳо аз ин ҳам бадтар ва зишттар аст, балки он аз шуъбаҳои куфр мебошад, зеро Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«مَنْ أَتَى عَرَّافًا فَسَأَلَهُ عَنْ شَيءٍ؛ لَمْ تُقْبَلْ لَهُ صَلَاةٌ أَرْبَعِينَ يَومًا».

"Ҳар кас назди фолбин-пешгӯ равад ва аз ӯ чизе бипурсад, чиҳил рӯз намозаш қабул намешавад". Ин ҳадисро Муслим дар "Саҳеҳ"-аш ривоят кардааст. Ва инчунин дар "Саҳеҳ"-и худ аз Муовия ибни Ҳаками Суламӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки:

«أَنَّ النَّبِيَّ ﷺ نَهَى عَنْ إِتْيَانِ الكُهَّانِ وَسُؤَالِهِم».

"Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз рафтан назди коҳинон ва кумак хостан аз онҳо наҳй фармуданд".

Ва аҳли «Сунан» аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят кардаанд, ки фармуданд:

«مَنْ أَتَى كَاهِنًا، فَصَدَّقَهُ بِمَا يَقُولُ؛ فَقَدْ كَفَرَ بِمَا أُنْزِلَ عَلَى مُحَمَّدٍ ﷺ».

"Ҳар касе назди фолбин рафта ва сухани ӯро тасдиқ мекунад, пас, ба он чи бар Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шудааст (яъне, Қуръон), куфр варзидааст". Ва дар ин маъно ҳадисҳо бисёр аст. Пас, бар мусалмонон воҷиб аст, ки аз пурсидани коҳинону фолбинон ва дигар ҷодугарон, ки ба хабар додан аз ғайб ва фиреб додани мусалмонон машғуланд, парҳез кунанд, хоҳ ин кор ба номи тиб бошад ё ғайри он. Зеро Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ин кор наҳй карда ва аз он ҳушдор додааст. Ба ин гурӯҳ ҳамчунин он чизе, ки баъзе мардум бо номи тиб аз умури ғайбӣ иддао мекунанд, низ ворид мешавад. Вақте саллаи марди бемор ё рӯймоли зани бемор ва ё монанди онро бӯй карда, мегӯяд: «Ин бемор ё ин зани бемор фалон корро кардааст ва фалон чизро сохтааст». Инҳо аз умури ғайбӣ ҳастанд, ки дар саллаи бемор ва монанди он ҳеҷ далеле ба онҳо вуҷуд надорад. Мақсад аз ин кор танҳо фиреб додани мардуми одӣ аст, то бигӯянд, ки ӯ дар тиб ва навъҳои беморӣ ва сабабҳои он донишманд аст. Ва баъзан ба онҳо доруҳое

медиҳад ва гоҳо бо тақдири Худо шифо меёбанд ва онҳо гумон мекунанд, ки ин ба сабаби доруи ӯст. Ва баъзан беморӣ бо сабаби баъзе ҷинҳо ва шайтонҳо ба вуҷуд меояд, ки онҳо ба он шахсе, ки иддаои табибӣ мекунад, хидмат намуда, ӯро аз баъзе умури ғайб, ки аз онҳо огоҳанд, хабардор месозанд. Пас, он шахс ба ин суханон эътимод карда, ҷинҳо ва шайтонҳоро бо ибодатҳои муносибашон розӣ месозад ва дар натиҷа онҳо аз он бемор дур шуда, озору азиятеро, ки ба ӯ мерасонданд, тарк мекунанд. Ва ин амр дар бораи ҷинҳову шайтонҳо ва касоне, ки онҳоро истифода мебаранд, маъруф аст.

Ҳамчунин бар мусалмонон воҷиб аст, ки аз он парҳез намоянд, якдигарро ба тарки он тавсия кунанд, дар ҳама корҳо бар Аллоҳи субҳон эътимод намуда, бар Ӯ таваккул кунанд. Ва истифода бурдани руқяҳои шаръӣ ва доруҳои мубоҳ, инчунин муолиҷа назди табибоне, ки бо сабабҳои ҳиссӣ ва маъқул беморро ташхис мекунанд, боке надорад. Ва аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, ки фармуданд:

«مَا أَنْزَلَ اللهُ دَاءً إِلَّا أَنْزَلَ لَهُ شِفَاءً، عَلِمَهُ مَنْ عَلِمَهُ، وَجَهِلَهُ مَنْ جَهِلَهُ».

"Аллоҳ ҳеҷ дардеро нафиристодааст, магар ин ки барояш дармоне фиристодааст. Ҳар ки

инро бидонад, медонад ва ҳар ки инро надонад намедонад". Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси дигаре мефармояд:

«لِكُلِّ دَاءٍ دَوَاءٌ، فَإِذَا أُصِيبَ دَوَاءُ الدَّاءَ بَرَأَ بِإِذْنِ اللهِ».

«Барои ҳар дард давое ҳаст, пас агар даво ба дард мувофиқ ояд, бо изни Аллоҳ шифо меёбад». Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«عِبَادَ اللهِ، تَدَاوَوا وَلَا تَدَاوَوا بِحَرَامٍ».

"(Эй) бандагони Аллоҳ, табобат кунед ва бо ҳаром табобат накунед". Ва дар ин маъно ҳадисҳо бисёр аст.

Пас, аз Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу мехоҳем, ки аҳволи ҳамаи мусалмононро ислоҳ намояд, қалбу ҷисми онҳоро аз ҳар бадӣ шифо диҳад, онҳоро бар ҳидоят муттаҳид созад ва мову онҳоро аз фитнаҳои гумроҳкунанда ва аз пайравии шайтону дӯстонаш паноҳ диҳад. Ҳамоно Ӯ бар ҳар чиз тавоност ва ҳеҷ қудрату тавоноие нест, магар аз ҷониби Худованди баландмартабаву боазамат.

Ва саллалоҳу ва саллама ва борака ъало абдиҳи ва расулиҳи набийино Муҳаммад ва олиҳи ва асҳобиҳи.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

## Паёми чаҳорум:

## Дар баёни ҳукми ибодат кардан бо дуоҳои бидъӣ ва ширкӣ

Аз Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз ба бародари муҳтарам (.........), Аллоҳ ӯро ба ҳар хайре муваффақ гардонад, омин.

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.

Аммо баъд:

Мактуби ҷаноби олӣ ба ман расид. Худованд шуморо ба ҳидояти Худ тавфиқ диҳад. Дар номаатон ишора кардаед, ки дар кишвари шумо афроде вуҷуд доранд, ки ба вирдҳое пойбандӣ мекунанд, ки Худованд барои онҳо ҳеҷ далеле нозил накардааст; баъзе аз онҳо бидъат ва баъзеи дигарашон ширк мебошанд ва ин вирдҳоро ба Амирулмуъминин Алӣ ибни Абӯтолиб (разияллоҳу анҳу) ва дигарон нисбат медиҳанд. Ва ин авродро дар маҷлисҳои зикр ва ё дар масҷидҳо пас аз намози шом мехонанд ва онро василаи қурбат ба Аллоҳ мепиндоранд, монанди ин гуфторашон: «Ба ҳаққи Аллоҳ, эй мардони Худо, бо ёрии Аллоҳ ба мо мадад расонед ва бо ёрии Аллоҳ мададгори мо бошед». Ва монанди ин гуфтаашон: «Эй авлиё ва эй

бузургон, иҷобат кунед, эй соҳибони мададҳо. Дар назди Аллоҳ шафоат намоед. Ин бандаи шумост, ки дар пешгоҳатон истода, бар дари шумо муътакиф аст ва аз кӯтоҳии худ дар ҳарос аст. Ба фарёди мо бирас, эй Расули Аллоҳ. Моро ғайри шумо ҷое нест, ки биравем ва матлаб аз шумо ҳосил мешавад. Ва шумо аҳли Аллоҳед. Ба ҳаққи Ҳамза – сарвари шаҳидон ва ба ҳаққи ҳар касе аз шумо, ки мададгори мост, ба фарёди мо бирас, эй Расули Аллоҳ». Инчунин онҳо мегӯянд: "Бор илоҳо, дуруд фирист бар он касе, ки ӯро сабаби шикофта шудани асрори ҷабарутии Ту ва зуҳури анвори раҳмонияти Ту гардонидӣ, пас, ӯ ноиб аз ҳазрати раббонӣ ва халифаи асрори зотии Ту гардид."

Ва тамоюли шумо барои равшван сохтани он ки чӣ чиз бидъат асту чӣ чизе ширк ва ин ки оё намоз хондан пушти сари имоме, ки бо ин дуо дуо мекунад, саҳеҳ аст ё на, оё ҳамаи инҳо аз пеш маълум буд?

Ҷавоб: Ҳамду ситоиш барои Аллоҳи якто ва дуруду салом бар касе, ки баъд аз ӯ паёмбаре нест ва бар хонадону асҳобаш ва ҳар ки роҳи онҳоро пеш гириф то рӯзи қиёмат.

Аммо баъд:

Бидон — Худованд туро тавфиқ диҳад — ки Худованд Субҳонаҳу ва Таъоло махлуқотро офарид ва паёмбарон (алайҳиму-с-салоту ва-с-

салом)-ро фиристод, то Худои ягона ва бешарикро ибодат кунанд, на ҳар чизе ғайри Ӯро. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

(Ва ҷинну инсро фақат барои ин офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд]). (Сураи Зориёт, ояти 56).

Ва ибодат, чунонки баёнаш гузашт, ин аст: итоат аз Аллоҳ Таъоло ва Паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам); бо анҷом додани он чи Аллоҳ ва Паёмбараш амр кардаанд ва тарк кардани он чи Аллоҳ ва Паёмбараш аз он наҳй кардаанд, аз рӯи имон ба Аллоҳ ва Паёмбараш ва ихлос дар амал барои Аллоҳ, ҳамроҳ бо муҳаббати комил ба Аллоҳ ва фурӯтании комил танҳо барои Ӯ Таъоло. Чӣ гунае, ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَقَضَى رَبُّكَ أَلَّا تَعْبُدُوا إِلَّا إِيَّاهُ...﴾

(Ва Парвардигорат чунин фармон додааст, ки: «Ҷуз Ӯро напарастед...) (Сураи Исро, ояти 23). Яъне, амр ва васият кард, ки танҳо Ӯро ибодат кунанд. Аллоҳ Таъоло дар ояти дигаре мефармояд:

﴿الْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ ۝٢ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ ۝٣ مَالِكِ يَوْمِ الدِّينِ ۝٤ إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ ۝٥﴾

(Сипос махсуси Аллоҳ Таъоло– Парвардигори ҷаҳониён аст.
Бахшандаи Меҳрубон аст.
Молики рӯзи ҷазост.
[Парвардигоро] Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем). (Сураи Фотиҳа, оятҳои 2-5). Пас, Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло бо ин оятҳо баён намуд, ки танҳо Ӯ сазовори ибодат аст ва танҳо аз Ӯ бояд ёрӣ хост. Ҳамчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّآ أَنزَلۡنَآ إِلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ بِٱلۡحَقِّ فَٱعۡبُدِ ٱللَّهَ مُخۡلِصٗا لَّهُ ٱلدِّينَ ٢ أَلَا لِلَّهِ ٱلدِّينُ ٱلۡخَالِصُ...﴾

(Ин китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, пас, Аллоҳро бо хулуси эътиқод парастиш кун.
Огоҳ бошед, ки дини холис [ва холӣ аз ширк] аз они Аллоҳ Таъоло аст...) (Сураи Зумар, ояти 2-3). Боз Аллоҳ Таъоло дар ҷои дигар мефармояд:

﴿فَادْعُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ وَلَوْ كَرِهَ الْكَافِرُونَ ١٤﴾

([Танҳо] Аллоҳро бо хулуси эътиқод бихонед, ҳарчанд кофирон нохушнуд бошанд). (Сураи Ғофир, ояти 14). Дар ояти дигар омадааст:

﴿وَأَنَّ الْمَسَاجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدْعُوا مَعَ اللَّهِ أَحَدًا ١٨﴾

(Ва ин ки масоҷид аз они Аллоҳ Таъоло аст, пас, касеро бо Аллоҳ Таъоло [ба парастишу

ёрихоҳӣ] нахонед). (Сураи Ҷин, ояти 18). Ва дар ин маънӣ оятҳо зиёданд ва ҳамаи онҳо ба воҷиб будани якто донистани Аллоҳ дар ибодат далолат доранд.

Ва маълум аст, ки дуо бо анвоъаш аз ҷумлаи ибодат аст, пас набояд ҳеҷ кас ғайри Парвардигори худро дуо кунад ва аз ғайри Ӯ мадад ва фарёдрасӣ талабад, бо амал намудан ба ин оятҳои карима ва он чи дар маънои онҳо омадааст. Ин ҳукм ба истисноиумури оддӣ ва сабабҳои ҳиссӣ аст, ки махлуқи зиндаи ҳозир бар онҳо қудрат дорад, зеро ин гуна амалҳо ибодат ба шумор намераванд, балки бо далели нас ва иҷмоъ ҷоиз аст, ки инсон аз инсони зиндаи қодир дар корҳои оддие, ки аз уҳдааш мебарояд, ёрӣ бихоҳад, монанди он ки аз ӯ барои дафъи шарри фарзандаш, ё хидматгораш, ё сагаш ва монанди инҳо ёрӣ бихоҳад. Ва монанди он ки инсон аз инсони зиндаи ҳозир ва қодир, ё ғоиб, тавассути василаҳои маъмулӣ, монанди мукотиба ва амсоли он, дар сохтмони хонааш, ё таъмири мошинаш ва ё монанди инҳо ёри талабад. Ва аз ҷумлаи он: кумакхоҳии инсон аз ёронаш дар ҷиҳод ва ҷанг ва монанди инҳо аст. Ва аз ҳамин боб аст сухани Аллоҳи Таъоло дар қиссаи Мусо (Алайҳи-с-салом), ки мефармояд:

﴿...فَاسْتَغَاثَهُ الَّذِى مِنْ شِيعَتِهِ عَلَى الَّذِى مِنْ عَدُوِّهِ...﴾

(он ки аз дӯстони ӯ буд, алайҳи душманаш аз Мӯсо ёрӣ хост). (Сураи Қасас, ояти 15).

Аммо талаби ёрӣ аз мурдагон, ҷинну малоика ва дарахтону сангҳо аз ҷумлаи ширки акбар аст. Ва ин аз ҷинси амали мушрикони пешин бо маъбудҳояшон мебошад, монанди Уззо ва Лот ва ғайра. Ҳамчунин талаби ёрӣ ва мадад ҷустан аз афроди зиндае, ки дар ҳаққашон эътиқоди валӣ будан доранд, дар корҳое, ки ба ҷуз Худо касе ба он қодир нест, монанди шифои беморон, ҳидояти дилҳо, дохил шудан ба ҷаннат, наҷот ёфтан аз оташи дӯзах ва монанди инҳо.

Оятҳои қаблӣ ва дигар оятҳову ҳадисҳое, ки ба ин маъно омадаанд, ҳама ба зарурати мутаваҷҷеҳ кардани дилҳо ба сӯи Аллоҳ дар ҳама умур ва ихлос дар ибодат танҳо барои Худованди ягона далолат доранд, зеро бандагон барои ин офарида шудаанд ва ба он амр шудаанд, чунон ки дар оятҳои қаблӣ гузашт ва чунон ки дар ин фармудаи Ӯ Субҳонаҳу омадааст:

﴿وَاعْبُدُوا اللَّهَ وَلَا تُشْرِكُوا بِهِ شَيْئًا...﴾

(Ва Аллоҳро бипарастед ва чизеро бо Ӯ шарик нагардонед...) (Сураи Нисо, ояти 36). Худованд мефармояд:

﴿وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ...﴾

(Ва эшон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд, дар ҳоле ки дини худро барои ӯ холис гардонанд...) (Сураи Байина, ояти 5). Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси Муъоз (разияллоҳу анҳу) мефармояд:

«حَقُّ اللهِ عَلَى العِبَادِ أَنْ يَعْبُدُوهُ وَلَا يُشْرِكُوا بِهِ شَيْئًا».

«Ҳаққи Аллоҳ Таъоло бар бандагонаш ин аст, ки танҳо Ӯро ибодат кунанд ва касеро бо Ӯ шарик қарор надиҳанд». Саҳеҳ будани ин ривоят низ мавриди иттифоқ аст. Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси Ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) мефармояд:

«مَنْ مَاتَ وَهُوَ يَدْعُو لِلَّهِ نِدًّا؛ دَخَلَ النَّارَ».

"Ҳар кас дар ҳоле бимирад, ки барои Аллоҳ ҳамтое (шарике) гирифта аст, ба ҷаҳаннам дохил мешавад". Ривояти Бухорӣ. Ва дар Саҳеҳайн аз Ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) вақте ки Муъозро ба Яман фиристод, ба ӯ гуфт:

«إِنَّكَ تَأْتِي قومًا أَهْلَ كِتَابٍ، فَلْيَكُنْ أَوَّلَ مَا تَدْعُوهُم إِلَيهِ شَهَادَةَ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ».

«Ту назди қавме меравӣ, ки аҳли китоб ҳастанд, пас бигзор аввалин чизе, ки онҳоро ба

он даъват мекунӣ, шаҳодати ин бошад, ки ҳеҷ маъбуде ба ҷуз Аллоҳ нест». Ва дар лафзи дигаре чунин омадааст:

«اُدْعُهُمْ إِلَى شَهَادَةِ أَنْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَأَنِّي رَسُولُ اللهِ».

«Онҳоро ба сӯи гувоҳӣ додан фаро хон, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ман фиристодаи Ӯ ҳастам». Ва дар ривояти Бухорӣ чунин омадааст:

«فَلْيَكُنْ أَوَّلَ مَا تَدْعُوهُم إِلَى أَنْ يُوَحِّدُوا اللهَ».

«Пас аввалин чизе, ки онҳоро ба сӯи он даъват мекунӣ, тавҳиди Аллоҳ бошад». Ва дар саҳеҳи Муслим аз Ториқ ибни Ашими Ашҷаъӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт:

«مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ، وَكَفَرَ بِمَا يُعْبَدُ مِن دُونِ اللهِ؛ حَرُمَ مَالُهُ وَدَمُهُ، وَحِسَابُهُ عَلَى اللهِ جَلَّ جَلَالُهُ».

"Ҳар касе "Ло илоҳа иллаллоҳ" гӯяд ва он чи ғайр аз Аллоҳ парастиш мешавад, инкор кунад, мол ва хунаш ҳаром мешавад ва ҳисобаш назди Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу аст". Ва дар ин маъно ҳадисҳо бисёр аст.

Ва ин тавҳид аслу асоси дини Ислом, сарчашмаи ҳамаи умур ва муҳимтарин фаризаҳост. Ва он ҳикмати офариниши сақалайн ва ҳикмати фиристодани тамоми

паёмбарон, (алайҳиму-с-салоту ва-с-салом) аст, чуноне ки оятҳои далолаткунанда бар ин гузаштанд ва аз ҷумлаи онҳо ин фармудаи Аллоҳ Таъоло аст:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنْسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴿٥٦﴾﴾

(Ва ҷинну инсро фақат барои он офаридам, ки Маро ибодат кунанд [ва аз бандагии дигарон сар боз зананд]). (Сураи Зориёт, ояти 56). Ва низ дар ин бора далели дигар ин фармудаи Аллоҳ Таъоло аст:

﴿وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَسُولًا أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ...﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед...) (Сураи Наҳл, ояти 36). Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ مِنْ رَسُولٍ إِلَّا نُوحِي إِلَيْهِ أَنَّهُ لَا إِلَٰهَ إِلَّا أَنَا فَاعْبُدُونِ﴿٢٥﴾﴾

(Ва Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки [ба мардум бигӯяд]: Маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ман нест, пас, танҳо Маро бипарастед). (Сураи Анбиё, ояти 25). Ва Худованди бузург дар бораи Нуҳ, Ҳуд, Солеҳ ва Шуъайб (Алайҳиму-с-салом) фармуд, ки ба қавми худ гуфтанд:

﴿...اعْبُدُوا اللَّهَ مَا لَكُمْ مِنْ إِلَٰهٍ غَيْرُهُ...﴾

(Аллоҳро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуде [ба ҳақ] надоред). (Сураи Аъроф, ояти 59). Ва ин даъвати ҳамаи паёмбарон аст, чунон ки ду ояти пешин ба ин далолат мекунанд. Ва душманони паёмбарон эътироф кардаанд, ки паёмбарон онҳоро амр кардаанд, ки Худоро махсус ибодат кунанд ва маъбудонеро, ки ғайри Ӯ парастида мешаванд, тарк намоянд. Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу дар қиссаи қавми Од мефармояд, ки онҳо ба Ҳуд (алайҳиссалом) гуфтанд:

﴿...أَجِئْتَنَا لِنَعْبُدَ اللَّهَ وَحْدَهُ وَنَذَرَ مَا كَانَ يَعْبُدُ آبَاؤُنَا...﴾

(...Оё сӯйи мо омадаӣ, ки фақат Аллоҳ Таъолоро бипарастем ва он чиро падаронамон мепарастиданд, раҳо кунем?...) (Сураи Аъроф, ояти 70). Инчунин Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар бораи Қурайш, ҳангоме ки Паёмбарамон Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онҳоро даъват намуд, то танҳо Аллоҳро ибодат кунанд ва парастиши он чиро, ки ғайри Ӯ мепарастиданд, аз қабили фариштагон, авлиё, бутҳо, дарахтон ва ғайраро тарк намоянд, фармудааст:

﴿أَجَعَلَ الْآلِهَةَ إِلَٰهًا وَاحِدًا إِنَّ هَٰذَا لَشَيْءٌ عُجَابٌ﴿٥﴾﴾

(Оё ба ҷойи маъбудони мухталиф маъбуде ягона қарор додааст? Воқеан, кори аҷибе аст). (Сураи Сод, ояти 5). Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло

дар бораи онҳо мефармояд:

﴿إِنَّهُمْ كَانُوا إِذَا قِيلَ لَهُمْ لَا إِلَٰهَ إِلَّا اللَّهُ يَسْتَكْبِرُونَ ۝٣٥ وَيَقُولُونَ أَئِنَّا لَتَارِكُوا آلِهَتِنَا لِشَاعِرٍ مَّجْنُونٍ ۝٣٦﴾

(Онон буданд, ки чун ба эшон гуфта мешуд: «Маъбуде [барҳақ] ҷуз Аллоҳ Таъоло нест» саркашӣ [ва такаббур] мекарданд.

ва мегуфтанд: «Оё мо маъбудонамонро ба хотири [сухани] шоири девона раҳо кунем?») (Сураи Соффот, оятҳои 35-36). Ва оятҳои далолаткунанда ба ин маънӣ бисёранд.

Аз оятҳо ва ҳадисҳое, ки зикр кардем, барои шумо равшан мегардад (Аллоҳ ману шуморо дар фаҳми дин ва шинохти ҳаққи Парвардигори оламиён муваффақ гардонад), ки ин дуоҳо ва анвоъи ёрӣ хостан, ки дар суоли худ баён кардед, ҳама аз ҷумлаи ширки акбар аст, зеро ин ибодат барои ғайри Аллоҳ ва талаби корҳоест, ки ҷуз Ӯ касе ба он қодир нест, аз мурдагон ва ғоибон. Ва ин амал аз ширки мардуми пешин зиштар аст, зеро онҳо танҳо дар ҳолати осоиштагӣ ширк меварзиданд. Аммо дар ҳоли сахтиҳо, ибодатро барои Аллоҳ холис мегардонанд, зеро онҳо медонанд, ки танҳо Ӯ (Субҳонаҳу) қодир аст онҳоро аз ин сахтӣ наҷот диҳад, на каси дигаре. Чунон ки Аллоҳ Таъоло дар китоби равшани Худ дар бораи он мушрикон фармудааст:

﴿فَإِذَا رَكِبُواْ فِي ٱلۡفُلۡكِ دَعَوُاْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ فَلَمَّا نَجَّىٰهُمۡ إِلَى ٱلۡبَرِّ إِذَا هُمۡ يُشۡرِكُونَ٦٥﴾

(Вақте [мушрикон] дар киштӣ савор мешаванд, Аллоҳро бо ихлос мехонанд, аммо чун ононро ба хушкӣ мерасонад ва [аз хатари ғарқ шудан] мераҳонад, он гоҳ [боз ҳам] ширк меварзанд). (Сураи Анкабут, ояти 65). Ва Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар ояти дигаре ба онҳо хитоб намуда, мефармояд:

﴿وَإِذَا مَسَّكُمُ ٱلضُّرُّ فِي ٱلۡبَحۡرِ ضَلَّ مَن تَدۡعُونَ إِلَّآ إِيَّاهُۖ فَلَمَّا نَجَّىٰكُمۡ إِلَى ٱلۡبَرِّ أَعۡرَضۡتُمۡۚ وَكَانَ ٱلۡإِنسَٰنُ كَفُورًا٦٧﴾

(Ва он гоҳ ки дар дарё газанде ба шумо мерасад, ҳар киро [ба ҳоҷатхоҳӣ] мехонед, нопадид [ва фаромӯш] мегардад, магар [зоти поки] Ӯ; аммо вақте шуморо [аз хатари марг] раҳонад ва ба хушкӣ расонад, [аз яктопарастӣ] рӯйгардон мешавед; ва инсон ҳамвора носипос аст). (Сураи Исро, ояти 67).

Пас, агар гӯяндае аз ин мушрикони мутааххир бигӯяд: «Мақсади мо ин нест, ки онҳо (авлиёву солеҳон) ба худии худ фоида мерасонанд ва беморони моро ба худии худ шифо медиҳанд, ё ба худии худ ба мо суд мерасонанд ва ё ба худии худ ба мо зиён мерасонанд, балки қасди мо аз ин корҳо ин аст, ки онҳо дар назди Аллоҳ Таъоло моро шафоъат

кунанд.»

Пас, ҷавоб ин аст: Ба чунин шахс бояд гуфта шавад, ки ин ҳамон мақсад ва муроди кофирони пешин аст ва муродашон ин набуд, ки худоёнашон биёфаранд ё ризқ диҳанд, ё худ ба худ манфиате расонанд ё зarареро дафъ кунанд, зеро инро он чи Худованд дар Қуръон дар бораи онҳо зикр кардааст, ботил месозад. Мушрикон низ шафоат ва обрӯи онҳоро мехостанд ва ин ки онҳоро ба Аллоҳ наздик созанд, чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَيَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَا لَا يَضُرُّهُمۡ وَلَا يَنفَعُهُمۡ وَيَقُولُونَ هَٰٓؤُلَآءِ شُفَعَٰٓؤُنَا عِندَ ٱللَّهِ...﴾

(Ва [мушрикон] ба ҷойи Аллоҳ Таъоло чизҳоеро мепарастанд, ки на ба онон зиёне мерасонанд ва на судашон мебахшад ва мегӯянд: «Ин бутҳо [воситаҳо ва] шафоатгарони мо назди Аллоҳ Таъоло ҳастанд...) (Сураи Юнус, ояти 18). Худованд дар посух ба онҳо фармуд:

﴿...قُلۡ أَتُنَبِّـُٔونَ ٱللَّهَ بِمَا لَا يَعۡلَمُ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَلَا فِي ٱلۡأَرۡضِۚ سُبۡحَٰنَهُۥ وَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشۡرِكُونَ﴾

([Эй паёмбар] Бигӯ: «Оё [ба гумони худ] Аллоҳ Таъолоро аз чизе [шарике] огоҳ месозед, ки дар осмонҳо ва замин [барояш қоилед ва худ]

намедонад?» Ӯ муназзаҳ аст ва аз ончи бо вай шарик месозанд, бартар аст). (Сураи Юнус, ояти 18). Пас, Ӯ Таъоло баён намуд, ки на дар осмонҳо ва на дар замин ҳеҷ шафоаткунандаеро дар назди Худ ба он сурате, ки мушрикон қасд доранд, намедонад. Ва он чизе, ки Аллоҳ вуҷуди онро намедонад, вуҷуд надорад, зеро аз Ӯ Таъоло ҳеҷ чизе пинҳон намемонад. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿تَنزِيلُ ٱلْكِتَٰبِ مِنَ ٱللَّهِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَكِيمِ ١ إِنَّآ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ بِٱلْحَقِّ فَٱعْبُدِ ٱللَّهَ مُخْلِصًا لَّهُ ٱلدِّينَ ٢ أَلَا لِلَّهِ ٱلدِّينُ ٱلْخَالِصُ ۚ وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ أَوْلِيَآءَ مَا نَعْبُدُهُمْ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلْفَىٰٓ إِنَّ ٱللَّهَ يَحْكُمُ بَيْنَهُمْ فِى مَا هُمْ فِيهِ يَخْتَلِفُونَ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى مَنْ هُوَ كَٰذِبٌ كَفَّارٌ ٣﴾

(Нузули ин китоб аз ҷониби Аллоҳи шикастнопазири Ҳаким аст.

Ин китобро ба ҳақ бар ту нозил кардем, пас, Аллоҳро бо хулуси эътиқод парастиш кун.

Огоҳ бошед, ки дини холис [ва холӣ аз ширк] аз они Аллоҳ Таъоло аст ва афроде, ки ғайри Аллоҳро [дӯст ва] корсози худ интихоб кардаанд [пиндорашон ин аст, ки]: «Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ Таъоло наздик гардонанд [ва манзалатамонро бештар кунанд]». Аллоҳ Таъоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ

Таъоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард).

(Сураи Зумар, оятҳои 1-3).

Дин дар ин ҷо ба маънои "ибодат" аст, ки он итоати Аллоҳ ва итоати Паёмбараш (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мебошад (чунонки гузашт). Дар зери мафҳуми дуо маъноҳои ёрӣ хостан, хавф, умед, забҳ, назр, ҳамчунин намоз, рӯза ва дигар чизҳое, ки Аллоҳ ва Паёмбараш ба он амр кардаанд, дохил мешаванд. Пас, Худованд Субҳонаҳу баён намуда, ки ибодат танҳо барои Ӯст ва бар бандагон воҷиб аст, ки онро холисона барои Ӯ (Ҷалла Ҷалолуҳу) анҷом диҳанд, зеро амри Ӯ ба Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи ихлоси ибодат, амрест барои тамоми ин уммат.

Сипас Аллоҳ Таъоло баъд аз он дар бораи кофирон чунин фармуд:

﴿...وَٱلَّذِينَ ٱتَّخَذُواْ مِن دُونِهِۦٓ أَوۡلِيَآءَ مَا نَعۡبُدُهُمۡ إِلَّا لِيُقَرِّبُونَآ إِلَى ٱللَّهِ زُلۡفَىٰٓ...﴾

(ва афроде, ки ғайри Аллоҳро [дӯст ва] корсози худ интихоб кардаанд [пиндорашон ин аст, ки]: «Онҳоро фақат ба ин далел мепарастем, ки моро ба Аллоҳ Таъоло наздик гардонанд [ва манзалатамонро бештар кунанд]»). (Сураи Зумар, ояти 3). Худованди Пок дар посухи онҳо фармуд:

﴿...إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ بَيۡنَهُمۡ فِي مَا هُمۡ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي مَنۡ هُوَ كَٰذِبٞ كَفَّارٞ﴾

(Аллоҳ Таъоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард). (Сураи Зумар, ояти 3). Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар ин ояти карима хабар медиҳад, ки кофирон авлиёро ба ҷои Ӯ парастиш намекунанд, магар ба хотири он ки онҳоро ба даргоҳи Аллоҳ наздик созанд; ва ин мақсади кофирони пешин ва имрӯза аст. Ва Аллоҳ Таъоло ин пиндори онҳоро бо ин фармудааш ботил сохтааст:

﴿...إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ بَيۡنَهُمۡ فِي مَا هُمۡ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي مَنۡ هُوَ كَٰذِبٞ كَفَّارٞ﴾

(Аллоҳ Таъоло дар мавориди ихтилофашон миёни онон [ва муваҳҳидони ростин] доварӣ хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло касеро, ки дурӯғгӯи носипос бошад, ҳидоят нахоҳад кард). (Сураи Зумар, ояти 3). Пас Аллоҳ Таъоло дурӯғ будани иддаои онҳоро, ки гӯё худоёнашон онҳоро ба даргоҳи Аллоҳ наздик месозанд ва ҳамчунин куфри онҳоро ба хотири ибодатҳое, ки барои ғайри Ӯ анҷом медоданд, ошкор сохт. Ва ба ин васила ҳар касе, ки заррае ақлу фаҳм

дорад, медонад, ки куфри кофирони пешин танҳо ба хотири он буд, ки онҳо паёмбарону авлиё, дарахтону сангҳо ва дигар махлуқотро миёни худ ва Аллоҳ шафоаткунандагон қарор медоданд. Ва эътиқодашон ин аст, ки онҳо ҳоҷатҳоро бе иҷозат ва ризоияти Аллоҳи Мутаъол бароварда месозанд, ҳамон гуна ки вазирон дар назди подшоҳон шафоат мекунанд. Онҳо Худованди воломақомро ба подшоҳону сардорон қиёс карданд. Онҳо гуфтанд: «Ҳамон гуна ки ҳар кас ба подшоҳ ва раҳбар ҳоҷате дошта бошад, ба воситаи хоссон ва вазирони ӯ шафоат металабад, мо низ ҳамин тавр ба воситаи ибодати паёмбарон ва авлиёи Ӯ ба Аллоҳ наздик мешавем». Ва ин аз ботилтарин ақидаҳост, зеро Ӯ Таъоло ҳеҷ шабеҳе надорад ва бо махлуқонаш қиёс карда намешавад. Ҳеҷ кас дар назди Ӯ шафоат карда наметавонад, магар бо иҷозати Ӯ ва Ӯ шафоат карданро танҳо ба аҳли тавҳид иҷозат медиҳад. Ва Ӯ Таъоло бар ҳар чиз Қодир аст ва ба ҳар чиз Доност ва Ӯ меҳрубонтарини меҳрубонон аст. Аз ҳеҷ кас наметарсад ва ҳаросе надорад, зеро Ӯ Таъоло болои бандагонаш ғолиб аст ва дар ҳаққи онҳо ҳар гуна, ки бихоҳад, тасарруф мекунад. Бар хилофи подшоҳон ва сардорон, зеро онҳо ба ҳар чиз қодир нестанд, аз ин рӯ, ба касоне ниёз доранд, ки дар корҳое, ки аз анҷоми он оҷизанд,

ба онҳо ёрӣ расонанд, аз ҷумлаи вазирону хоссон ва лашкариёнашон. Ҳамчунин ба касоне ниёз доранд, ки ҳоҷатҳои афродеро, ки аз ҳолашон бехабаранд, барояшон бирасонанд, пас ба касоне аз вазирону хоссонашон ниёз доранд, ки дилашонро нарм созанд ва ризояташонро ба даст оранд. Аммо Парвардигори Мутаъол аз тамоми бандагонаш бениёз аст ва Ӯ ба онҳо аз модаронашон меҳрубонтар аст. Ӯ Ҳокими Одил аст, ки ҳама чизро бар асоси ҳикмат, илм ва қудрати Худ дар ҷои муносибаш қарор медиҳад. Пас, ба ҳеҷ ваҷҳ қиёс кардани Ӯ бо офаридаҳояш ҷоиз нест. Аз ин рӯ, Аллоҳ Таъоло дар китоби Худ баён намудааст, ки мушрикон иқрор кардаанд, ки Ӯ Холиқ, Розиқ ва Мудаббир аст ва Ӯст, ки дуои дармондаро иҷобат мекунад, бадиро бартараф месозад, зинда мекунад ва мемиронад ва ғайра, аз афъоли Ӯ Таъоло. Дар ҳақиқат, хусумат байни мушрикон ва паёмбарон дар бораи холис гардонидани ибодат барои Аллоҳи ягона буд, чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَلَئِن سَأَلۡتَهُم مَّنۡ خَلَقَهُمۡ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ...﴾

(Агар аз мушрикон бипурсӣ, чи касе ононро офаридааст, мусалламан, мегӯянд: «Аллоҳ...) (Сураи Зухруф, ояти 87). Дар ояти дигар Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلۡ مَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ أَمَّن يَمۡلِكُ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَمَن يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَمَن يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَۚ فَسَيَقُولُونَ ٱللَّهُۚ فَقُلۡ أَفَلَا تَتَّقُونَ ٣١﴾

([Эй паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Кист, ки аз осмону замин ба шумо рӯзӣ мебахшад? Ё кист, ки бар гӯшҳо ва дидагон ҳоким аст? Ва кист, ки [мавҷуди] зиндаро аз [модаи] беҷон берун меоварад ва [модаи] беҷони мурдаро аз [мавҷуди] зинда хориҷ месозад? Ва кист, ки кори [ҷаҳону ҷаҳониён]-ро тадбир мекунад»? Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ Таъоло». Пас, бигӯ: «Оё парво намекунед»?) (Сураи Юнус, ояти 31). Ва дар ин маънӣ оятҳо зиёданд.

Пештар оятҳое зикр гардид, ки далолат бар он доранд, ки ихтилоф миёни паёмбарон ва умматҳо, танҳо дар мавриди ихлоси ибодат барои Худованди ягона аст, чунон ки Худованд Субҳонаҳу мефармояд:

﴿وَلَقَدۡ بَعَثۡنَا فِي كُلِّ أُمَّةٖ رَّسُولًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجۡتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَ...﴾

(Яқинан, Мо дар ҳар уммате паёмбареро [бо ин паём] барангехтем, ки: «Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут [маъбудони ғайри Аллоҳ Таъоло] дурӣ кунед»...) (Сураи Наҳл, ояти 36). Ва оятҳои дигаре низ дар ин маънӣ омадаанд. Ва Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар мавзеъҳои зиёди Қуръони Карим шаъни шафоатро баён

карда, мефармояд:

﴿...مَن ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦ...﴾

(Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармонаш шафоат кунад?!) (Сураи Бақара, ояти 255). Ва Аллоҳ Азза ва Ҷалла мефармояд:

﴿وَكَم مِّن مَّلَكٖ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ لَا تُغۡنِي شَفَٰعَتُهُمۡ شَيۡـًٔا إِلَّا مِنۢ بَعۡدِ أَن يَأۡذَنَ ٱللَّهُ لِمَن يَشَآءُ وَيَرۡضَىٰٓ ٢٦﴾

(Чи бисёр фариштагоне, ки дар осмонҳо ҳастанд, ки шафоаташон ба ҳеҷ ваҷҳ судманд нахоҳад буд; магар пас аз он ки Аллоҳ Таъоло барои ҳар ки бихоҳад ва хушнуд бошад, иҷозат диҳад). (Сураи Наҷм, ояти 26).

Ва дар васфи фариштагон фармуд:

﴿...وَلَا يَشۡفَعُونَ إِلَّا لِمَنِ ٱرۡتَضَىٰ وَهُم مِّنۡ خَشۡيَتِهِۦ مُشۡفِقُونَ﴾

(ва эшон ҷуз барои касе, ки Ӯ писандад, шафоат намекунанд ва худ аз бими Ӯ ҳаросонанд). (Сураи Анбиё, ояти 28).

Худованд фармудааст, ки Ӯ куфрро (носипоси) аз бандагонаш намеписандад, балки аз онҳо шукрро меписандад. Ва шукр ин тавҳиди Ӯ ва амал кардан ба тоати Ӯст. Ӯ Таъоло мефармояд:

﴿إِن تَكۡفُرُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَنِيٌّ عَنكُمۡۖ وَلَا يَرۡضَىٰ لِعِبَادِهِ ٱلۡكُفۡرَۖ وَإِن تَشۡكُرُواْ يَرۡضَهُ لَكُمۡ...﴾

(Агар носипосӣ кунед, [бидонед, ки] Аллоҳ Таъоло аз шумо бениёз аст ва ҳаргиз носипосии бандагонашро намеписандад ва агар шукри Ӯро ба ҷой оваред, ин корро бароятон меписандад...) (Сураи Зумар, ояти 7).

Имом Бухорӣ дар "Саҳеҳ"-и худ аз Абӯҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят кардааст, ки гуфт: Эй Паёмбари Худо! Аз ҳама хушбахттар ба шафоати ту кист? Паёмбар фармуданд:

«مَنْ قَالَ: لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ خَالِصًا مِنْ قَلْبِهِ».

"Ҳар касе аз самими қалб ва холисона "Ло илоҳа иллаллоҳ" гӯяд". Ё ин ки гуфт:

«مِنْ نَفْسِهِ».

"Аз Худаш".

Ва дар "Саҳиҳ" аз Анас (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки гуфт:

«لِكُلِّ نَبِيٍّ دَعْوَةٌ مُسْتَجَابَةٌ، فَتَعَجَّلَ كُلُّ نَبِيٍّ دَعْوَتَهُ، وَإِنِّي اخْتَبَأْتُ دَعْوَتِي شَفَاعَةً لِأُمَّتِي يَوْمَ الْقِيَامَةِ، فَهِيَ نَائِلَةٌ إِنْ شَاءَ اللَّهُ مَنْ مَاتَ مِنْ أُمَّتِي لَا يُشْرِكُ بِاللَّهِ شَيْئًا».

«Барои ҳар паёмбаре дуои мустаҷобе аст ва ҳар паёмбаре дар (истифодаи) дуои худ шитоб кард. Ва ман дуои худро барои шафоати умматам дар рӯзи қиёмат захира кардаам. Пас он, иншоаллоҳ, ба ҳар касе аз уммати ман, ки дар ҳоле бимирад, ки ба Аллоҳ чизеро шарик

намеорад, хоҳад расид». Ва дар ин маъно ҳадисҳо бисёр аст.

Ҳамаи оятҳо ва ҳадисҳое, ки зикр кардем, далолат бар он доранд, ки ибодат танҳо ҳаққи Аллоҳ аст ва набояд чизе аз он барои ғайри Аллоҳ анҷом дода шавад, на барои паёмбарон ва на барои ғайри онҳо, ва ин ки соҳиби шафоат танҳо Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу аст. Чунон ки Худованд фармудааст:

﴿قُل لِّلَّهِ ٱلشَّفَٰعَةُ جَمِيعٗا...﴾

(Бигӯ: «Шафоат ба тамомӣ аз они Аллоҳ Таъоло аст...) (Сураи Зумар, ояти 44). Ва касе сазовори он намешавад, магар баъд аз фармони Ӯ ба шафоаткунанда ва ризоияташ аз касе, ки барояш шафоат мешавад ва Ӯ Таъоло ҷуз аз тавҳид розӣ намешавад чуноне ки гузашт. Бинобар ин, мушрикон аз шафоъат бенасибанд ва Худованд инро дар қавли Худ возеҳ гардонидааст:

﴿فَمَا تَنفَعُهُمۡ شَفَٰعَةُ ٱلشَّٰفِعِينَ ٤٨﴾

(Пас, шафоати шафоаткунандагон ба онҳо суде намебахшад). (Сураи Муддассир, ояти 48). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...مَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ حَمِيمٖ وَلَا شَفِيعٖ يُطَاعُ﴾

([Дар он рӯз] Ситамгарон на дӯсти

меҳрубоне доранд ва на шафеъе, ки суханаш пазируфта шавад). (Сураи Ғофир, ояти 18).

Ва маълум аст, ки зулм ба таври мутлақ ширк ба Аллоҳ аст, чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَٱلۡكَٰفِرُونَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ﴾

(ва кофирон [ба сабаби куфрашон] ҳамон ситамгоронанд). (Сураи Бақара, ояти 254). Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...إِنَّ ٱلشِّرۡكَ لَظُلۡمٌ عَظِيمٞ﴾

(...яқинан, ширк ситами бузургест).

(Сураи Луқмон, ояти 13).

Аммо он чи дар суол зикр кардед, аз гуфтаи баъзе аз сӯфиён дар масҷидҳо ва ғайра, ки мегӯянд: «Худоё, дуруд бифирист бар касе, ки ӯро сабаби ошкор шудани асрори ҷабарутии Ту ва зуҳури анвори раҳмонии Худат қарор додӣ, пас ӯ ноиби Ҳазрати Раббонӣ ва халифаи асрори зотии Ту гардид... то интиҳо».

Ҷавоб: Ба онҳо гуфта шавад, ки ин калом ва амсоли он аз ҷумлаи такаллуф ва танаттуъ (зиёдаравӣ ва сахтгирии беҷо) аст, ки Паёмбарамон Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз он барҳазар доштаанд; чуноне ки Имом Муслим дар "Саҳеҳ"-и худ аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) ривоят

кардааст, ки Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«هَلَكَ الْمُتَنَطِّعُونَ» قَالَهَا ثَلَاثًا.

«Зиёдаравон ҳалок шуданд» ва ин суханро се бор такрор намуданд.

Имом Хаттобӣ (раҳимаҳуллоҳ) мефармояд: Зиёдарав касест, ки дар чизе ғулув мекунад ва бо такаллуф дар ҷустуҷӯи он аст; тибқи равиши аҳли калом, ки ба корҳои беҳуда даховлат намуда, дар чизҳое, ки ақлашон ба он намерасад, фурӯ мераванд.

Абуссаъодот ибни Асир мегӯяд: Онҳо касонеанд, ки дар сухан амиқравӣ ва ғулув (зиёдаравӣ) мекунанд ва бо амиқтарин қисмати ҳалқашон сухан мегӯянд. Ин вожа аз «натъ» гирифта шудааст, ки он коми болоии даҳон мебошад. Сипас барои ҳар касе, ки дар гуфтор ва кирдор зиёдаравӣ мекунад, истифода шудааст.

Аз гуфтаҳои ин ду имом аз имомони илми луғат, барои шумо ва барои ҳар касе, ки андаке басират дорад, возеҳ мегардад, ки ин кайфият дар дуруду салом фиристодан бар паёмбарамон ва сарварамон Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ҷумлаи такаллуф ва танаттуъ (зиёдаравӣ ва сахтгирӣ)-и наҳйшуда аст. Барои мусалмон дар ин боб амали ҷоиз ин аст, ки равиши дуруст ва собитшуда аз Паёмбар

(Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар сифати саломи дуруд фиристодан ҷустуҷӯ кунад, чун ин ҷустуҷӯяш ӯро ба ҳақиқат мерасонад ва ниёзе ба корҳои номашруъ намемонад.

Аз ҷумла, дар ин бобат Бухорӣ ва Муслим дар "Саҳеҳайн"-и худ аз Каъб ибни Уҷра (разияллоҳу анҳу) ривоят кардаанд, ки саҳобагон (разияллоҳу анҳум) гуфтанд: ё Расули Худо! Худованд моро амр намуда, ки бар шумо дуруд фиристем; пас чи гуна бар шумо дуруд фиристем? Паёмбар фармуд:

«قُولُوا: اللَّهُمَّ صَلِّ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى آلِ مُحَمَّدٍ كَمَا صَلَّيْتَ عَلَى إِبرَاهِيمَ وَعَلَى آلِ إِبرَاهِيمَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ، وَبَارِكْ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى آلِ مُحَمَّدٍ كَمَا بَارَكْتَ عَلَى إِبرَاهِيمَ وَعَلَى آلِ إِبرَاهِيمَ إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ».

«Бигӯед: Аллоҳумма саллӣ ъало Муҳаммад ва ъало оли Муҳаммад, камо саллайта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳима, иннака ҳамидум-маҷид, ва борик ъало Муҳаммад ва ъало оли Муҳаммад, камо боракта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳима, иннака ҳамидум-маҷид».

Ва дар "Саҳиҳайн" аз Абуҳумайди Соъидӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки саҳобагон гуфтанд: эй Расули Аллоҳ, чӣ гуна бар шумо дуруд фиристем? Фармуд:

«قُولُوا: اللَّهُمَّ صَلِّ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى أَزْوَاجِهِ وَذُرِّيَّتِهِ كَمَا صَلَّيْتَ عَلَى آلِ إِبرَاهِيمَ،

وَبَارِكْ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى أَزْوَاجِهِ وَذُرِّيَّتِهِ كَمَا بَارَكْتَ عَلَى آلِ إِبرَاهِيمَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ».

«Бигӯед: Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин ва ъало азвоҷиҳи ва зурриятиҳи, камо саллайта ъало оли Иброҳима, ва борик ъало Муҳаммадин ва ъало азвоҷиҳи ва зурриятиҳи, камо боракта ъало оли Иброҳима, иннака ҳамидум маҷид».

Тарҷума: Бор Худоё, дуруд фирист бар Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ҳамсарон ва фарзандонаш, чунон ки бар авлоди Иброҳим фиристодӣ ва баракат нех бар Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ҳамсарон ва фарзандонаш, чунон ки бар авлоди Иброҳим баракат ниҳодӣ, ҳамоно Ту сутуда ва бузургӣ.

Дар "Саҳеҳ"-и Муслим аз Абумасъуди Ансорӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят шуда, ки гуфт: Башир ибни Саъд гуфт: эй Расули Худо, Худованд моро амр намуда, ки бар шумо дуруд фиристем; пас чӣ гуна бар шумо дуруд фиристем? Пас аз лаҳзаи сукуте фармуд:

«قُولُوا: اللَّهُمَّ صَلِّ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى آلِ مُحَمَّدٍ؛ كَمَا صَلَّيْتَ عَلَى آلِ إِبرَاهِيمَ، وَبَارِكْ عَلَى مُحَمَّدٍ وَعَلَى آلِ مُحَمَّدٍ؛ كَمَا بَارَكْتَ عَلَى آلِ إِبرَاهِيمَ فِي العَالَمِينَ، إِنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ، وَالسَّلَامُ كَمَا عَلِمتُم».

«Бигӯед: Аллоҳумма саллӣ ъало Муҳаммад ва ъало оли Муҳаммад, камо саллайта ъало оли

Иброҳим ва борик ъало Муҳаммад ва ъало оли Муҳаммад, камо боракта ъало оли Иброҳим фил-ъоламина, иннака ҳамидум-мачид. Ва салом фиристодан таврест, ки донистед».

Пас, мусалмон бояд ин алфоз ва амсоли онҳоро, ки аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, дар дуруду саломи худ бар Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) истифода барад, зеро Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба он чизе, ки дар ҳаққи ӯ шоиста аст, аз ҳамаи мардум донотар аст, ҳамон гуна, ки ӯ ба он алфозе, ки дар ҳаққи Парвардигораш сазовор аст, аз ҳамаи мардум донотар мебошад.

Аммо гуфторҳои пуртакаллуф ва навпайдо ва калимаҳое, ки эҳтимоли доштани маънои нодуруст доранд, монанди онҳое, ки дар савол зикр шудаанд, истифодаи онҳо чоиз нест. Зеро дар онҳо такаллуф вучуд дорад ва мумкин аст бо маъноҳои ботил тафсир шаванд. Илова бар ин ки онҳо мухолифи калимаҳое ҳастанд, ки Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) интихоб намуда, умматашро ба сӯи онҳо роҳнамоӣ кардааст. Ва ӯ донотарини мардум, хайрхоҳтарини онҳо ва дуртарини онҳо аз такаллуф аст. Беҳтарин дуруду салом аз чониби Парвардигораш бар ӯ бод.

Умедворам, он чи аз далелҳо дар баёни

ҳақиқати тавҳид ва ҳақиқати ширк ва фарқ байни ҳоли мушрикони пешин ва мушрикони муосир дар ин боб ва дар баёни кайфияти дуруди машруъ бар Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) зикр шуд, барои касе, ки ҷӯяндаи ҳақ аст, басанда ва қонеъкунанда бошад. Аммо касе, ки ба маърифати ҳақ рағбат надорад, пас ӯ пайрави ҳавои худ аст. Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу фармудааст:

﴿فَإِن لَّمۡ يَسۡتَجِيبُواْ لَكَ فَٱعۡلَمۡ أَنَّمَا يَتَّبِعُونَ أَهۡوَآءَهُمۡۚ وَمَنۡ أَضَلُّ مِمَّنِ ٱتَّبَعَ هَوَىٰهُ بِغَيۡرِ هُدٗى مِّنَ ٱللَّهِۚ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٥٠﴾

(Пас, агар [Қурайш] ба дархостат посухе надоданд, бидон, ки онон фақат аз ҳавои нафсашон пайравӣ мекунанд ва кист гумроҳтар аз он ки бидуни раҳнамуде аз сӯи Аллоҳ Таъоло аз ҳавои нафсаш пайравӣ мекунад? Бе тардид, Аллоҳ Таъоло гурӯҳи ситамгорро ҳидоят намекунад). (Сураи Қасас, ояти 50).

Худованд дар ин ояти карима баён кардааст, ки мардум дар мавриди он ҳидоят ва дини ҳақ, ки бо паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фиристодааст, бар ду даста тақсим мешаванд:

Якум: Онҳое, ки фармони Худо ва расулашро пазируфтанд.

Дуввум: Онҳое, ки пайрави ҳавои нафси худ ҳастанд. Аллоҳ Таъоло хабар додааст, ки аз

шахсе, ки пайрави ҳавову ҳавасаш аст ва аз фармудаҳои Худованд итоат намекунад, гумроҳтар кас вуҷуд надорад.

Аз Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу масъалат дорем, ки моро аз пайравии ҳавову ҳавас офият бахшад ва мову шумо ва соири бародаронамонро аз ҷумлаи касоне бигардонад, ки даъвати Аллоҳ ва Расулашро (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) иҷобат мекунанд, шариъаташро бузург медоранд ва аз ҳар он чизе, ки мухолифи шариъати Ӯст, аз қабили бидъатҳо ва ҳавову ҳавасҳо, ҳазар мекунанд. Ӯ Саховатманд ва Меҳрубон аст.

Ва саллалоҳу ъало абдиҳи ва расулиҳи набийино Муҳаммад ва олиҳи ва асҳобиҳи ва атбоъиҳи би иҳсонин ило явмид-дин.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

## Рисолаи панҷум:

## Ҳукми ҷашн гирифтани мавлуди Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва дигар мавлудҳо

Ҳамду сано барои Худо ва дуруду салом бар Паёмбари Аллоҳ ва бар хонадону асҳоб ва пайравони ҳидояташ бод.

Аммо баъд:

Аз ҷониби бисёриҳо савол дар бораи ҳукми ҷашн гирифтани мавлуди Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва дар аснои он барои ӯ бархостан ва бар ӯ салом додан ва дигар чизҳое, ки дар мавлудҳо анҷом дода мешавад, такрор шудааст.

Дар ҷавоб гуфта мешавад: Ҷашн гирифтани мавлуди Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ё каси дигар ҷоиз нест, зеро ин амал аз бидъатҳои навпайдо дар дин аст. Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онро анҷом надодааст, на хулафои рошидини ӯ, на дигар саҳобагон (Худованд аз онҳо розӣ бод) ва на тобеине, ки дар асрҳои беҳтарин ба некӣ аз онҳо пайравӣ кардаанд. Онҳо донотарини мардум ба Суннат буданд ва дар муҳаббат ба Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва дар

пайравӣ аз шариати ӯ аз касоне, ки баъд аз онҳо омадаанд, комилтар буданд. Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар Қуръони Карим мефармояд:

﴿...وَمَآ ءَاتَىٰكُمُ ٱلرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَىٰكُمْ عَنْهُ فَٱنتَهُواْ...﴾

(...ва он чи ки расулуллоҳ ба шумо дод, бигиред ва аз он чи ки шуморо аз он наҳй кард, даст бардоред...)

(Сураи Ҳашр, ояти 7). Инчунин Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу мефармояд:

﴿...فَلْيَحْذَرِ ٱلَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِۦٓ أَن تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾

(пас касоне, ки аз фармонаш сарпечӣ мекунанд, бояд битарсанд аз ин ки андуҳ ва балое бар сарашон биёяд ё ба азобе дарднок гирифтор шаванд). (Сураи Нур, ояти 63). Дар ояти дигаре Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿لَّقَدْ كَانَ لَكُمْ فِى رَسُولِ ٱللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِّمَن كَانَ يَرْجُواْ ٱللَّهَ وَٱلْيَوْمَ ٱلْءَاخِرَ وَذَكَرَ ٱللَّهَ كَثِيرًا ۝٢١﴾

(Бе тардид, дар [ рафтор ва гуфтори] Расулуллоҳ, барои шумо сармашқи некуе аст; барои ҳар ки ба Аллоҳ Таъоло ва рӯзи охират умед дорад ва Аллоҳро бисёр ёд мекунад). (Сураи Аҳзоб, ояти 21). Боз Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلۡأَوَّلُونَ مِنَ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحۡسَٰنٖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُ وَأَعَدَّ لَهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي تَحۡتَهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۚ ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ١٠٠﴾

(Ва пешгомони нахустин аз муҳоҷирону ансор ва касоне, ки ба некӣ аз онон пайравӣ карданд, Аллоҳ Таъоло аз онон хушнуд гашт ва онон [низ] аз Ӯ хушнуд шуданд ва бароящон боғҳое [дар биҳишт] муҳайё кардааст, ки ҷуйборҳо аз зери [дарахтони] он ҷорӣ аст, ҷовидона дар он хоҳанд монд. Ин ҳамон [растагорӣ ва] комёбии бузург аст). (Сураи Тавба, ояти 100). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗا...﴾

(Имрӯз динатонро комил кардам ва неъматро бар шумо тамом намудам ва исломро [ба унвони беҳтарин] дин бароятон баргузидам). (Сураи Моида, ояти 3). Ва дар ин маънӣ оятҳо зиёданд. Аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, ки фармуданд:

«مَنْ أَحْدَثَ فِي أَمْرِنَا هَذَا مَا لَيْسَ مِنهُ فَهُوَ رَدٌّ».

«Ҳар ки ба ин кори мо (шариати исломӣ) чизи наве дохил кунад, ки аз он нест, он амр мардуд аст». Яъне: радшуда ва номақбул аст. Ва

дар ҳадиси дигар Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«عَلَيكُم بِسُنَّتِي وَسُنَّةِ الخُلَفَاءِ الرَّاشِدِينَ المَهْدِيِّينَ مِنْ بَعدِي، تَمَسَّكُوا بِهَا، وَعَضُّوا عَلَيهَا بِالنَّوَاجِذِ، وَإِيَّاكُمْ وَمُحْدَثَاتِ الأُمُورِ، فَإِنَّ كُلَّ مُحْدَثَةٍ بِدْعَةٌ وَكُلَّ بِدْعَةٍ ضَلَالَةٌ».

"Бар шумо лозим аст, ки аз суннати ман ва суннати халифаҳои рошидини ҳидоятёфтаи баъд аз ман пайравӣ кунед, ба он сахт чанг занед ва онро бо дандонҳои курсӣ нигоҳ доред. Ва аз корҳои навпайдо барҳазар бошед, зеро ҳар кори навпайдо бидъат аст ва ҳар бидъат гумроҳӣ аст". Дар ин ду ҳадис аз эҷод кардани бидъатҳо ва амал кардан ба онҳо ҳушдори шадид дода шудааст.

Ва барпо кардани чунин мавлудҳо ин маъноро дорад, ки гӯё Худованд динро барои ин уммат комил накардааст ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) он чиро, ки уммат бояд ба он амал мекард, нарасонидааст, то ин ки мусалмонҳои асрҳои баъдӣ омада, дар шариати Аллоҳ чизҳоеро эҷод карданд, ки Ӯ ба он иҷозат надодааст; ба гумони он ки ин амал онҳоро ба Аллоҳ наздик мекунад. Ва ин, бешубҳа, хатари бузург ва эътироз бар Аллоҳи Субҳон ва Расули Ӯ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст. Зеро Аллоҳ Таъоло динро барои

бандагонаш комил гардонида, неъматашро бар онон тамом кардааст. Ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) паёмро ба таври равшан расонида, ҳеҷ роҳеро, ки ба биҳишт мерасонад ва аз оташ дур мекунад, тарк накардааст, магар ин ки онро барои уммат баён намудааст. Чунон ки дар ҳадиси саҳеҳ аз Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَا بَعَثَ اللهُ مِن نَبِيٍ إِلَّا كَانَ حَقًّا عَلَيهِ أَن يَدُلَّ أُمَّتَهُ عَلَى خَيرِ مَا يَعْلَمُهُ لَهُم، وَيُنْذِرَهُمْ شَرَّ مَا يَعْلَمُهُ لَهُمْ».

"Худованд ҳеҷ паёмбаре нафиристодааст, магар ин ки бар ӯ воҷиб будааст, ки ба умматаш хубиҳоеро, ки барояшон медонад, муаррифӣ кунад ва аз бадиҳое, ки барояшон медонад, умматашро барҳазар дорад". Ин ҳадисро Муслим дар саҳеҳаш ривоят кардааст.

Маълум аст, ки паёмбари мо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) беҳтарин ва хотами паёмбарон аст ва комилтарини онҳо аз нигоҳи таблиғ ва насиҳат мебошад. Пас агар ҷашн гирифтани мавлуд аз дине мебуд, ки Аллоҳ Таъоло аз он розӣ аст, Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онро барои уммат баён мекард, ё онро дар ҳаёти худ анҷом медод, ё асҳобаш (Аллоҳ аз онҳо розӣ бод) онро анҷом медоданд. Пас чун ҳеҷ яке аз инҳо рух

надодааст, маълум мешавад, ки он ҳеҷ иртиботе ба Ислом надорад, балки он аз бидъатҳоест, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) уммати худро аз он барҳазар доштааст, чунонки зикри он дар ҳадисҳо гузашт. Ва оятҳо ва ҳадисҳо дар ин замина бисёр аст.

Ҷамъе аз уламо, бо такя ба далелҳои зикршуда ва ғайри он, мавлудҳоро инкор карда, аз онҳо барҳазар доштаанд. Вале баъзе аз мутааххирин мухолифат карда, онро ҷоиз донистаанд, агар дорои чизе аз мункарот набошад, монанди ғулув дар ҳаққи Расулуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам), омезиши занон бо мардон, истифодаи олоти лаҳву лаъб ва дигар корҳое, ки шариати пок онҳоро манъ мекунад. Ва гумон кардаанд, ки он аз бидъатҳои ҳасана аст.

Қоидаи шаръӣ мегӯяд: Ҳар он чизе, ки мардум дар бораи он ихтилоф мекунанд, бояд ба Қуръон ва Суннати паёмбар Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) муроҷиат шавад. Чуноне ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَأُوْلِي ٱلۡأَمۡرِ مِنكُمۡۖ فَإِن
تَنَٰزَعۡتُمۡ فِي شَيۡءٖ فَرُدُّوهُ إِلَى ٱللَّهِ وَٱلرَّسُولِ إِن كُنتُمۡ تُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۚ ذَٰلِكَ
خَيۡرٞ وَأَحۡسَنُ تَأۡوِيلًا ٥٩﴾

(Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ

Таъоло ва паёмбар ва коргузорон [-у фармондеҳони мусулмони худ] итоат кунед ва агар дар чизе ихтилоф кардед, онро ба [Китоби] Аллоҳ Таъоло ва [Суннати] паёмбар бозгардонед. Агар ба Аллоҳ Таъоло ва рӯзи қиёмат имон доред, [яқин дошта бошед, ки] ин [бозгашт ва Қуръону Суннат бароятон] беҳтар ва хушфарҷомтар аст). (Сураи Нисо, ояти 59). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا ٱخۡتَلَفۡتُمۡ فِيهِ مِن شَيۡءٖ فَحُكۡمُهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِ ...﴾

Ҳар ихтилофе байни шумост, довариаш бо Аллоҳ Таъоло аст. (Сураи Шуро, ояти 10).

Мо ин масъала (ҷашн гирифтани мавлудҳо)-ро ба китоби Худои Субҳон арза доштем ва дарёфтем, ки он моро амр мекунад, то аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар он чи овардааст, пайравӣ намоем ва аз он чи манъ кардааст, барҳазар медорад ва ба мо хабар медиҳад, ки Худои Субҳон дини ин умматро комил гардонидааст. Ва ин ҷашнгирӣ аз он чизҳое нест, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) овардааст. Пас, он аз дине нест, ки Худо барои мо комил гардонидааст ва моро ба пайравӣ аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар он амр кардааст.

Ва мо инро низ ба суннати Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баргардонидем,

дар он наёфтем, ки онро анҷом дода бошанд, ё ба он амр карда бошанд ва ё асҳобашон (разияллоҳу анҳум) онро анҷом дода бошанд. Пас, донистем, ки он аз дин нест, балки аз ҷумлаи бидъатҳои навпайдо ва тақлид ба аҳли китоб аз яҳудиҳо ва насрониҳо дар идҳояшон аст.

Ва ба ин васила, барои ҳар касе, ки андаке басират ва рағбат ба ҳақ дорад ва дар талаби он боинсоф аст, ошкор мегардад, ки ҷашн гирифтани мавлудҳо аз дини Ислом нест, балки он аз ҷумлаи бидъатҳои навпайдо аст, ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Расулаш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба тарки онҳо ва ҳазар кардан аз онҳо фармон додаанд. Шахси оқил ва хирадманд набояд фирефтаи теъдоди зиёди мардуме шавад, ки дар саросари кишварҳо ин корро анҷом медиҳанд. Зеро ҳақ на бо бисёрии анҷомдиҳандагонаш, балки бо далелҳои шаръӣ шинохта мешавад. Чуноне ки Худованди Мутаъол дар бораи яҳуду насоро фармудааст:

﴿وَقَالُواْ لَن يَدۡخُلَ ٱلۡجَنَّةَ إِلَّا مَن كَانَ هُودًا أَوۡ نَصَٰرَىٰۗ تِلۡكَ أَمَانِيُّهُمۡۗ قُلۡ هَاتُواْ بُرۡهَٰنَكُمۡ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ١١١﴾

([Аҳли китоб] Гуфтанд: "Ҷуз яҳудӣ ё масеҳӣ [ҳеҷ кас] ҳаргиз дохили биҳишт нахоҳад шуд. Ин орзуҳои [ботили] онҳост." [Эй паёмбар ба онон] Бигӯ: "Агар рост мегӯед, далели худро

биёваред). (Сураи Бақара, ояти 111). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَإِنْ تُطِعْ أَكْثَرَ مَنْ فِي الْأَرْضِ يُضِلُّوكَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ...﴾

(Ва агар аз бештари мардуми замин итоат кунӣ, аз роҳи Аллоҳ Таъоло гумроҳат мекунанд...) (Сураи Анъом, ояти 116).

Сипас, аксари ин ҷашнҳои мавлуд илова бар бидъат буданашон, аз мункароти дигар низ холӣ нестанд, аз қабили ихтилоти занон бо мардон, истифодаи суруду асбобҳои мусиқӣ, нӯшидани шаробу мухаддирот ва ғайра аз ин гуна шарру фасодҳо низ вуҷуд дорад. Ва гоҳо дар онҳо чизе воқеъ мешавад, ки аз он бузургтар аст ва он ширки бузург мебошад, яъне ғулув кардан дар ҳаққи Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ё ғайри ӯ аз авлиё, ва аз ӯ дуову истиғоса намудан, мадад талабидан ва эътиқод доштан, ки ӯ ғайбро медонад ва амсоли ин аз умури куфрӣ, ки бисёре аз мардум ҳангоми ҷашн гирифтани мавлуди Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва дигарон, ки онҳоро авлиё меноманд, анҷом медиҳанд. Аз Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, ки фармуданд:

«إِيَّاكُم وَالغُلُوَّ فِي الدِّينِ، فَإِنَّمَا أَهْلَكَ مَن كَانَ قَبْلَكُم الغُلُوَّ فِي الدِّينِ».

«Аз ғулув дар дин барҳазар бошед, зеро умматҳои пеш аз шуморо маҳз ғулув дар дин ҳалок кард». Ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси дигаре мефармояд:

«لَا تُطْرُونِي كَمَا أَطْرَتِ النَّصَارَى ابْنَ مَرْيَمَ، إِنَّمَا أَنَا عَبدٌ، فَقُولُوا: عَبدُ اللهِ وَرَسُولُه».

"Дар ситоиши ман зиёдаравӣ накунед, чунончи, насоро дар ситоиши писари Марям зиёдаравӣ карданд, ман бандаи Аллоҳ ҳастам, бинобар ин бигӯед: фиристода ва бандаи Аллоҳ". Ин (ҳадис)-ро Бухорӣ дар "Саҳеҳ"-аш аз ҳадиси Умар (разияллоҳу анҳу) ривоят кардааст.

Аз ҷумлаи аҷоибот ва ғароибот ин аст, ки бисёре аз мардум барои ширкат дар ин ҷашнҳои бидъатӣ ҷаҳду талош мекунанд ва аз онҳо дифоъ менамоянд, аммо аз он чизе, ки Аллоҳ бар онҳо воҷиб гардонидааст, аз қабили ширкат дар намозҳои ҷумъа ва ҷамоат, саркашӣ мекунанд ва ба ин амали худ парво надоранд ва гумон ҳам намекунанд, ки муртакиби гуноҳи бузурге шудаанд. Шаке нест, ки ин аз заъфи имон, камбасиратӣ ва аз сабаби гуноҳону маъсиятҳои зиёдест, ки бар дилҳояшон занг задааст. Аз Аллоҳ барои худамон ва барои соири мусалмонон офият металабем.

Ва аз ҷумлаи чунин корҳо ин аст, ки баъзеҳо

гумон мекунанд, Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ин ҷашн ҳозир мешавад ва аз ин рӯ, барои ӯ бархоста, салом ва хушомадгӯӣ мекунанд. Ин аз бузургтарин амали нораво ва қабеҳтарин ҷаҳолат аст. Зеро Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) то рӯзи қиёмат аз қабри худ берун намеояд, бо ҳеҷ касе аз мардум пайваст намешавад ва дар ҷамъомади онҳо ҳозир намешавад. Балки ӯ то рӯзи қиёмат дар қабри худ қарор дорад ва рӯҳи ӯ дар аълои иллийин, дар назди Парвардигораш, дар дорул-каромат қарор дорад. Чуноне ки Худованди Мутаъол мефармояд:

﴿ثُمَّ إِنَّكُم بَعْدَ ذَٰلِكَ لَمَيِّتُونَ ۝١٥ ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ تُبْعَثُونَ ۝١٦﴾

(Сипас шумо [пас аз тайи мароҳили зиндагӣ] ҳатман, хоҳед мурд.

Он гоҳ бе тардид, дар рӯзи қиёмат барангехта мешавед).

(Сураи Мӯъминун, оятҳои 15-16).

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«أَنَا أَوَّلُ مَنْ يَنْشَقُّ عَنْهُ القَبْرُ يومَ القِيَامَةِ، وَأَنَا أَوَّلُ شَافِعٍ، وَأَوَّلُ مُشَفَّعٍ».

"Ман аввалин касе ҳастам, ки рӯзи қиёмат қабр аз ӯ шикофта мешавад ва ман аввалин шафоаткунанда ва аввалин касе, ки шафоаташ

қабул мешавад, ҳастам". Бар ӯ аз ҷониби Парвардигораш беҳтарин дуруду салом бод.

Пас ин ду ояти карима ва ҳадиси шариф ва дигар оёту аҳодисе, ки ҳаммаъної онҳоянд, ҳамагӣ далолат бар он мекунанд, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва дигар мурдагон, танҳо рӯзи қиёмат аз гӯрҳои худ берун меоянд. Ва ин амрест, ки уламои мусалмон бар он иҷмоъ доранд ва дар ин масъала байни онҳо ҳеҷ ихтилофе нест. Пас, бар ҳар мусалмон воҷиб аст, ки ба ин умур таваҷҷуҳ намояд ва аз он бидъатҳову хурофоте, ки ҷоҳилон ва амсоли онҳо эҷод кардаанд ва Аллоҳ дар бораи онҳо ҳеҷ далеле нозил накардааст, барҳазар бошад. Ва Аллоҳ мададгор аст ва таваккул бар Ӯст ва ҳеҷ тавон ва қудрате ҷуз ба ёрии Ӯ нест.

Аммо дуруду салом фиристодан бар Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) яке аз беҳтарин ибодатҳо ва аъмоли солеҳа аст, чуноне ки Аллоҳ Таъоло фармудааст:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ وَمَلَٰٓئِكَتَهُۥ يُصَلُّونَ عَلَى ٱلنَّبِيِّۚ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ صَلُّواْ عَلَيۡهِ وَسَلِّمُواْ تَسۡلِيمًا ٥٦﴾

(Ба ростӣ, Аллоҳ Таъоло ва фариштагонаш бар Паёмбар дуруд мефиристанд; [пас] эй касоне, ки имон овардаед [шумо низ] бар ӯ дуруд фиристед ва ба шоистагӣ салом гӯед).

(Сураи Аҳзоб, ояти 56). Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَنْ صَلَّى عَلَيَّ وَاحِدَةً؛ صَلَّى اللهُ عَلَيهِ بِهَا عَشْرًا».

«Ҳар ки бар ман як бор дуруд бифиристад, Аллоҳ барояш даҳ бор дуруд мефиристад». Дуруд фиристодан бар Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳамаи вақтҳо ҷоиз, дар охири ҳар намоз муаккад, балки назди ҷамъе аз аҳли илм дар ташаҳҳуди охири ҳар намоз воҷиб аст. Ва суннат будани он дар мавридҳои зиёд таъкид мешавад, аз ҷумла: баъди азон, ҳангоми зикри ӯ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам), дар рӯзи ҷумъа ва шаби он. Чуноне ки аҳодиси зиёде бар ин далолат мекунанд.

Аз Худованд мехоҳем, ки мо ва соири мусалмононро ба фаҳми динаш ва пойдорӣ бар он тавфиқ диҳад ва бар ҳамагон пайравӣ аз Суннат ва дурӣ аз бидъатро иноят фармояд. Ҳароина, Ӯ Саховатманду Карим аст.

Ва саллалоҳу ва саллам ъало набиййино Муҳаммад ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

## Рисолаи шашум:

## Ҳукми ҷашнгирии шаби Исро ва Меъроҷ

Аллоҳро ҳамду сано мегӯям ва дуруду салом бар Паёмбари Аллоҳ ва бар хонадону асҳобаш бод.

Аммо баъд:

Бешубҳа, Исро ва Меъроҷ аз муъҷизаҳои бузурги Худованд аст, ки ба ростгӯии Паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ба бузургии мақоми ӯ дар назди Худованд Ҷалла Ҷалолуҳу далолат мекунад. Ҳамчунин, он аз далелҳои қудрати ошкори Худованд ва бартарии Ӯ Субҳонаҳу ва Таъоло бар тамоми махлуқоташ мебошад. Худованд Субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿سُبۡحَٰنَ ٱلَّذِيٓ أَسۡرَىٰ بِعَبۡدِهِۦ لَيۡلٗا مِّنَ ٱلۡمَسۡجِدِ ٱلۡحَرَامِ إِلَى ٱلۡمَسۡجِدِ ٱلۡأَقۡصَا ٱلَّذِي بَٰرَكۡنَا حَوۡلَهُۥ لِنُرِيَهُۥ مِنۡ ءَايَٰتِنَآۚ إِنَّهُۥ هُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١﴾

(Поку муназзаҳ аст он [Парвардигоре] ки бандааш [Муҳаммад]-ро шабонгоҳ аз Масҷиду-л-ҳаром ба сӯйи Масҷид-ул-ақсо – ки перомунашро баракат додаем – сайр дод, то бархе аз нишонаҳои [қудрати] хешро ба ӯ бинмоёнем. Бе тардид, Ӯ ҳамон шунавои биност. (Сураи Исро, ояти 1).

Аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҳадди тавотур ривоят шудааст, ки ӯ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба осмонҳо уруҷ намуд ва дарҳои он барояш кушода шуд, то ин ки аз осмони ҳафтум гузашт. Пас, Парвардигораш бо ӯ он чиро, ки хост, сухан гуфт ва панҷ вақт намозро бар ӯ фарз гардонид. Худованд дар ибтидо онро панҷоҳ вақт намоз фарз гардонида буд, пас, Паёмбари мо Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пайваста ба Ӯ муроҷиат намуда, сабукиро мехост, то ин ки онро ба панҷ вақт гардонид. Пас он дар адо панҷ аст ва дар савоб панҷоҳ, зеро ҳар як некӣ даҳ баробари он савоб дорад. Ҳамду сипос Худовандрост барои ҳамаи неъматҳояш.

Ва ин шабе, ки дар он Исроъ ва Меъроҷ сурат гирифтааст, дар аҳодиси саҳеҳ таъйини он на дар моҳи Раҷаб ва на дар моҳи дигаре омадааст. Ва ҳар ривояте, ки дар бораи таъйини он вуҷуд дорад, дар назди донишмандони ҳадис аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит нашудааст. Ва Худованд дар фаромӯш гардонидани он барои мардум ҳикмати комиле дорад. Агар ҳам таъйини он собит мешуд, барои мусалмонон ҷоиз набуд, ки онро ба ягон навъи ибодат хос гардонанд ва ё онро ҷашн бигиранд, зеро Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва

асҳобаш (разияллоҳу анҳум) онро ҷашн нагирифтаанд ва ба ҳеҷ чизе хос нагардонидаанд. Агар ҷашн гирифтани он амри машруъ мебуд, ҳатман Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онро бо гуфтор ва ё бо кирдораш барои умматаш баён мекард. Ва агар чизе аз он воқеъ мешуд, ҳатман маъруфу машҳур мегардид ва асҳобашон (разияллоҳу анҳум) онро ба мо нақл мекарданд. Зеро онҳо аз паёмбарашон (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳар чизеро, ки уммат ба он ниёз дорад, нақл кардаанд ва дар ҳеҷ чизе аз дин кӯтоҳӣ накардаанд, балки онҳо дар ҳар кори хайр пешқадам буданд. Пас, агар ҷашн гирифтани ин шаб машруъ мебуд, онҳо дар ин кор аз мардум пешқадамтар мебуданд. Ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хайрхоҳтарини кас барои мардум буд ва рисолатро ба таври комил расонид ва амонатро адо намуд. Пас агар бузургдошти ин шаб ва ҷашн гирифтани он аз дини Аллоҳ мебуд, Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз он ғофил намемонд ва онро пинҳон намекард. Пас, вақте ки ҳеҷ яке аз инҳо рух надодааст, маълум мешавад, ки ҷашн гирифтан ва бузургдошти он ба Ислом ҳеҷ иртиботе надорад. Ва Худованд дини ин умматро комил гардонидааст ва неъматашро бар онҳо тамом кардааст ва касонеро, ки дар

дин чизеро ҷорӣ мекунанд, ки Худованд ба он иҷозат надодааст, инкор намудааст. Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар Китоби равшани Худ фармудааст:

﴿...ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗا...﴾

(Имрӯз динатонро комил кардам ва неъматро бар шумо тамом намудам ва исломро [ба унвони беҳтарин] дин бароятон баргузидам). (Сураи Моида, ояти 3). Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿أَمۡ لَهُمۡ شُرَكَٰٓؤُاْ شَرَعُواْ لَهُم مِّنَ ٱلدِّينِ مَا لَمۡ يَأۡذَنۢ بِهِ ٱللَّهُۚ وَلَوۡلَا كَلِمَةُ ٱلۡفَصۡلِ لَقُضِيَ بَيۡنَهُمۡۗ وَإِنَّ ٱلظَّٰلِمِينَ لَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ٢١﴾

(Оё [мушрикон] маъбудоне доранд, ки бидуни иҷозати Аллоҳ Таъоло [қавонини] дине барои онон муқаррар кардаанд? Агар ҳукми қатъӣ [барои муҳлат додан ба гунаҳкорон] дар миён набуд, [бе диранг] миёнашон доварӣ мешуд ва ситамгорон азобе дарднок [дар пеш] доранд). (Сураи Шуро, ояти 21).

Ва дар ҳадисҳои саҳеҳ аз Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳушдор аз бидъатҳо ва тасреҳ бар он ки онҳо гумроҳӣ ҳастанд, собит шудааст, то умматро аз хатари бузурги онҳо огоҳ созад ва ононро аз анҷом

додани онҳо дур намояд. Аз ҷумла дар Саҳеҳайн аз Оиша (разияллоҳу анҳо) ривоят шуда, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَنْ أَحْدَثَ فِي أَمْرِنَا هَذَا مَا لَيْسَ مِنْهُ؛ فَهُوَ رَدٌّ».

«Ҳар ки ба ин кори мо (шариати исломӣ) чизи наве дохил кунад, ки аз он нест, он амр мардуд аст». Ва дар ривояти Муслим чунин омадааст:

«مَنْ عَمِلَ عَمَلًا لَيْسَ عَلَيهِ أَمْرُنَا؛ فَهُوَ رَدٌّ».

«Ҳар касе дар дини мо амалеро эҷод кунад, ки бар он амри мо нест, пас он амал мардуд аст». Ва дар саҳеҳи Муслим аз Ҷобир (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) рӯзи ҷумъа дар хутбаашон мефармуданд:

«أَمَّا بَعْدَ، فَإِنَّ خَيرَ الحَدِيثِ كِتَابُ اللهِ، وَخَيرَ الهَدْيِ هَدْيُ مُحَمَّدٍ ﷺ، وَشَرَّ الأُمُورِ مُحْدَثَاتُهَا، وَكُلَّ بِدْعَةٍ ضَلَالَةٌ».

«Аммо баъд, беҳтарин сухан Китоби Аллоҳ аст ва беҳтарин ҳидоят, ҳидояти Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст ва бадтарини корҳо навпайдоҳои он аст ва ҳар бидъат гумроҳӣ аст». Насоӣ бо санади "ҷайид" бар ин ҳадис чунин афзудааст:

«وَكُلَّ ضَلَالَةٍ فِي النَّارِ».

"Ва ҳамагуна гумроҳӣ дар оташ аст". Дар "Сунан" аз Ирбоз ибни Сория (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) моро мавъизаи балиғе намуд, ки қалбҳо аз он ба ларза даромад ва ашкҳо аз чашмҳо ҷорӣ шуд. Гуфтем: Эй Расули Худо! Ин гӯё мавъизаи касест, ки бо мо видоъ мекунад. Ба мо васият кун! Фармуд:

«أُوصِيكُم بِتَقْوَى اللهِ وَالسَّمعِ وَالطَّاعَةِ وَإِنْ تَأَمَّرَ عَلَيكُم عَبدٌ، فَإِنَّهُ مَنْ يَعِشْ مِنْكُم فَسَيَرَى اخْتِلَافًا كَثِيرًا، فَعَلَيكُم بِسُنَّتِي وَسُنَّةِ الخُلَفَاءِ الرَّاشِدِينَ المَهْدِيِّينَ مِنْ بَعْدِي، تَمَسَّكُوا بِهَا وَعَضُّوا عَلَيْهَا بِالنَّوَاجِذِ، وَإِيَّاكُم وَمُحْدَثَاتِ الأُمُورِ، فَإِنَّ كُلَّ مُحْدَثَةٍ بِدْعَةٍ وَكُلَّ بِدْعَةٍ ضَلَالَةٌ».

«Шуморо ба тақвои Аллоҳ ва гӯш кардан ва итоат кардан васият мекунам, агарчи бардае бар шумо амир шавад. Ҳар ки аз шумо зинда монад, ихтилофоти бисёре хоҳад дид. Пас, бар шумо лозим аст аз роҳу равиши ман ва равиши халифаҳои рошидини ҳидоятёфтаи баъд аз ман пайравӣ кунед. Ба он маҳкам чанг занед ва онро бо дандонҳои курсӣ нигоҳ доред. Ва аз корҳои навпайдо (дар дин) барҳазар бошед, зеро ҳар навпайдое бидъат аст ва ҳар бидъат гумроҳӣ аст». Ва дар ин маъно ҳадисҳо бисёр аст.

Аз саҳобагони Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва аз салафи солеҳ собит шудааст, ки дар мавриди бидъатҳо биму ҳушдор додаанд.

Зеро бидъат изофае дар дин ва шариатест, ки Аллоҳ ба он иҷозат надодааст ва монандӣ ба душманони Аллоҳ аз яҳуду насоро дар изофакориҳояшон дар дини худ ва бидъат кардани чизҳоест, ки Аллоҳ ба он иҷозат надодааст. Ҳамчунин пайомади он нақс задан ба дини Ислом ва муттаҳам кардани он ба нокомил будан аст. Ва маълум аст, ки дар ин чӣ фасоди бузург, мункари зишт ва мухолифате бо қавли Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу вуҷуд дорад:

﴿...ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ...﴾

(Имрӯз динатонро комил кардам). (Сураи Моида, ояти 3). Ва мухолифати сареҳ ба ҳадисҳои Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам), ки аз бидъатҳо ҳушдор медиҳанд ва аз онҳо дур месозанд.

Умедворам, ки далелҳои зикршуда барои ҷӯяндаи ҳақ дар инкор кардани ин бидъат - бидъати ҷашн гирифтани шаби Исро ва Меъроҷ ва ҳушдор додан аз он, ки ин амал ба ҳеҷ ваҷҳ аз дини Ислом нест, басанда ва қонеъкунанда бошад.

Ва ба хотири воҷиб будани насиҳат ба мусалмонон, баёни он чи Аллоҳ аз дин барояшон муқаррар кардааст ва ҳаром будани пинҳон доштани илм, лозим донистам, ки бародарони мусалмонамро аз ин бидъат огоҳ

созам, ки дар бисёре аз шаҳрҳо паҳн шудааст, то ҳадде, ки баъзе аз мардум онро ҷузъи дин пиндоштаанд.

Аз Аллоҳ Таъоло мехоҳем, ки аҳволи ҳамаи мусалмононро ислоҳ намояд, ба онҳо фаҳми дурусти динро ато фармояд ва мову онҳоро ба чанг задан ба ҳақ, собитқадамӣ бар он ва тарк кардани он чи ки мухолифи он аст, муваффақ гардонад. Ҳамоно Ӯ соҳиби ин кор ва тавоно бар он аст.

Ва саллалоҳу ва саллама ва борака ъало абдиҳи ва расулиҳи набийино Муҳаммад ва олиҳи ва асҳобиҳи.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحمَنِ الرَّحِيمِ

## Рисолаи ҳафтум:

## Ҳукми таҷлили шаби нисфи моҳи Шаъбон

Ҳамду сано Аллоҳро, ки динро барои мо комил гардонид ва неъматашро бар мо тамом кард ва дуруду салом бар паёмбараш Муҳаммад, паёмбари тавба ва раҳмат.

Аммо баъд:

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗا...﴾

(Имрӯз динатонро комил кардам ва неъматро бар шумо тамом намудам ва Исломро [ба унвони беҳтарин] дин бароятон баргузидам). (Сураи Моида, ояти 3). Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿أَمۡ لَهُمۡ شُرَكَٰٓؤُاْ شَرَعُواْ لَهُم مِّنَ ٱلدِّينِ مَا لَمۡ يَأۡذَنۢ بِهِ ٱللَّهُ...﴾

(Оё [мушрикон] маъбудоне доранд, ки бидуни иҷозати Аллоҳ Таъоло [қавонини] дине барои онон муқаррар кардаанд?) (Сураи Шуро, ояти 21). Ва дар Саҳеҳайн аз Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَنْ أَحْدَثَ فِي أَمْرِنَا هَذَا مَا لَيْسَ مِنْهُ؛ فَهُوَ رَدٌّ».

«Ҳар ки ба ин кори мо (шариати исломӣ) чизи наве дохил кунад, ки аз он нест, он амр мардуд аст». Ва дар "Саҳеҳ"-и Муслим аз Ҷобир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар хутбаи ҷумъа мефармуд:

«أَمَّا بَعْدُ: فَإِنَّ خَيرَ الحَدِيثِ كِتَابُ اللهِ، وَخَيرَ الهَدْيِ هَدْيُ مُحَمَّدٍ صَلَّى اللهُ عَلَيهِ وَسَلَّمَ، وَشَرَّ الأُمُورِ مُحْدَثَاتُهَا، وَكُلَّ بِدْعَةٍ ضَلَالَةٌ».

«Аммо баъд: Ба дурустӣ ки беҳтарин сухан Китоби Аллоҳ аст ва беҳтарин роҳу равиш, роҳу равиши Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст ва бадтарини корҳо навпайдоҳои он аст ва ҳар бидъат гумроҳӣ аст». Оятҳо ва ҳадисҳо дар ин маънӣ бисёранд ва онҳо ба таври сареҳ далолат мекунанд, ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дини ин умматро комил ва неъматашро бар онҳо тамом гардонидааст ва паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро аз дунё набурдааст, магар баъд аз он ки паёми ошкорро расонид ва барои уммат ҳамаи он чиро, ки Худованд барои онҳо аз гуфтору кирдор муқаррар фармудааст, баён намуд. Ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) возеҳ сохтанд, ки ҳар он чизе, ки мардум баъди ӯ аз сухан ё амал ибодати наверо дар дин ба вуҷуд

меоранд ва онро ба дини Ислом нисбат медиҳанд, ҳамааш бидъат буда, ба соҳибаш рад карда мешавад, ҳатто агар қасдаш нек бошад. Ин амрро асҳоби Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ҳамчунин уламои Ислом баъди онҳо медонистанд. Пас, онҳо бидъатҳоро инкор карда, аз онҳо барҳазар доштаанд. Ва ҳамзамон ин амалро касоне, ки дар боби бузургдошти Суннат ва инкори бидъат асар таълиф кардаанд, аз ҷумла, Ибни Ваззоҳ, Тартушӣ, Абу Шома ва дигарон зикр намудаанд.

Ва аз ҷумлаи бидъатҳое, ки баъзе мардум пайдо кардаанд, бидъати ҷашн гирифтани шаби нимаи шаъбон ва хос гардонидани рӯзи он ба рӯзадорӣ аст. Ва бар он далеле нест, ки эътимод бар он ҷоиз бошад. Дар фазилати он ҳадисҳои заиф омадааст, ки эътимод кардан бар онҳо ҷоиз нест.

Аммо он чи дар бораи фазилати намоз дар он ворид шудааст, ҳамааш мавзуъ (бофта) аст. Чуноне, ки бисёре аз аҳли илм ба ин амр танбеҳ додаанд ва иншоаллоҳ баъзе аз суханони онҳоро зикр хоҳем кард.

Ва ҳамчунин дар ин бора аз баъзе салаф аз аҳли Шом ва дигарон ривоятҳое ворид шудааст.

Ва ҷумҳури уламо бар он иттифоқ кардаанд, ки ҷашн гирифтани он бидъат аст ва ҳамаи ҳадисҳое, ки дар бораи фазилати он ворид

шудаанд, заиф ва баъзеи онҳо мавзуъ мебошанд. Ва аз ҷумлаи касоне, ки ба ин амр танбеҳ додаанд, Ҳофиз Ибни Раҷаб дар китобаш «Латоиф-ул-маъориф» ва дигарон мебошанд. Ва маълум аст, ки ба ҳадисҳои заиф танҳо дар ибодатҳое амал карда мешавад, ки асли онҳо бо далелҳои саҳеҳ собит шуда бошад. Аммо таҷлили шаби нимаи шаъбон, асоси саҳеҳ надорад, то ба ҳадисҳои заиф ба он такя карда шавад. Ва ин қоидаи бузургро Имом Абул-Аббос Шайхулислом Ибни Таймия (раҳимаҳуллоҳ) зикр кардааст.

Хонандаи азиз, инҷо ман барои шумо, гуфтаҳои баъзе аҳли илмро дар ин масъала нақл мекунам, то дар ин бора басират дошта бошед.

Уламо (раҳимаҳумуллоҳ) иттифоқ доранд, ки воҷиб аст масъалаҳои ихтилофии байни мардум ба Китоби Худованди бузург ва Суннати Паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баргардонида шавад. Пас, он чи ин ду сарчашма ва ё яке аз онҳо ба он масъала ҳукм кардаанд, ҳамон шариатест, ки пайравияш воҷиб аст. Ва ҳар чизе, ки мухолифи он ду бошад, бояд канор гузошта шавад. Ва он ибодатҳое, ки дар он ду наомадааст, бидъат аст ва анҷом додани он амал ҷоиз нест, чи расад ба даъват намудан ба сӯи он ва ташвиқи он. Худованди Мутаъол

мефармояд:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَأُوْلِي ٱلۡأَمۡرِ مِنكُمۡۖ فَإِن تَنَٰزَعۡتُمۡ فِي شَيۡءٖ فَرُدُّوهُ إِلَى ٱللَّهِ وَٱلرَّسُولِ إِن كُنتُمۡ تُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۚ ذَٰلِكَ خَيۡرٞ وَأَحۡسَنُ تَأۡوِيلًا ٥٩﴾

(Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ Таъоло ва паёмбар ва коргузорон [-у фармондеҳони мусалмони худ] итоат кунед ва агар дар чизе ихтилоф кардед, онро ба [Китоби] Аллоҳ Таъоло ва [Суннати] паёмбар бозгардонед. Агар ба Аллоҳ Таъоло ва рӯзи қиёмат имон доред, [яқин дошта бошед, ки] ин [бозгашт ва Қуръону Суннат бароятон] беҳтар ва хушфарҷомтар аст). (Сураи Нисо, ояти 59). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَا ٱخۡتَلَفۡتُمۡ فِيهِ مِن شَيۡءٖ فَحُكۡمُهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِ...﴾

(Ҳар ихтилофе байни шумост, довариаш бо Аллоҳ Таъоло аст...) (Сураи Шуро, ояти 10). Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلۡ إِن كُنتُمۡ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِي يُحۡبِبۡكُمُ ٱللَّهُ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡ...﴾

([Эй паёмбар] Бигӯ: "Агар Аллоҳро дӯст медоред, аз ман пайравӣ кунед, то Аллоҳ Таъоло шуморо дӯст бидорад ва гуноҳонатонро биёмурзад...) (Сураи Оли Имрон, ояти 31). Ва Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу низ мефармояд:

﴿فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤۡمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيۡنَهُمۡ ثُمَّ لَا يَجِدُواْ فِيٓ أَنفُسِهِمۡ حَرَجٗا مِّمَّا قَضَيۡتَ وَيُسَلِّمُواْ تَسۡلِيمٗا ٦٥﴾

(На! Савганд ба Парвардигорат, [эй Муҳаммад] ки онон имон намеоваранд, магар ин ки дар ихтилофоташон туро довар қарор диҳанд ва аз доварии ту дар дили хеш эҳсоси нороҳатӣ накунанд ва комилан таслим бошанд). (Сураи Нисо, ояти 65). Ва оятҳо ба ин маъно зиёданд, ки далели равшан бар фарз будани баргардонидани масъалаҳои ихтилофӣ ба Қуръон ва Суннат ва розигӣ ба ҳукми он ду мебошанд ва ин ки ин амал тақозои имон ва барои бандагон дар дунёву охират беҳтар ва оқибаташ некӯтар аст.

Ҳофиз ибни Раҷаб (раҳимаҳуллоҳ) дар китобаш «Латоифу-л-маъориф» дар ин масъала, пас аз суханони қаблӣ, чунин гуфтааст:

Тобеин аз аҳли Шом, монанди Холид ибни Маъдон, Макҳул, Луқмон ибни Омир ва дигарон шаби нисфи шаъбонро бузург дошта, дар ибодати он саъю кӯшиш мекарданд ва мардум фазилат ва бузургдошти онро аз онҳо гирифтаанд. Гуфта шудааст, ки ба онҳо дар ин маврид ривоятҳои исроилӣ расидааст ва чун ин ақидаи онҳо дар шаҳрҳо машҳур гашт, мардум дар ин бора ихтилоф карданд; гурӯҳе онро аз онҳо қабул карда, дар таъзими он бо эшон

мувофиқат намуданд, ки аз ҷумлаи ин гурӯҳ тоифае аз обидони аҳли Басра ва дигарон буданд. Аксари уламои Ҳиҷоз, аз ҷумла Ато ва Ибни Абӣ Мулайка инро инкор кардаанд. Абдураҳмон ибни Зайд ибни Аслам инро аз фуқаҳои аҳли Мадина нақл кардааст ва ин қавли асҳоби Молик ва дигарон аст. Онҳо гуфтаанд, ки ин ҳамааш бидъат аст.

Ва олимони аҳли Шом дар бораи сифати эҳёи он ба ду қавл ихтилофи назар доранд:

Қавли аввал ин аст, ки зинда доштани он шаб бо ҷамоат дар масҷидҳо мустаҳаб аст. Холид ибни Маъдон, Луқмон ибни Омир ва дигарон дар он шаб беҳтарин либосҳои худро мепӯшиданд, хушбӯйӣ истеъмол мекарданд, сурма мекашиданд ва он шабро дар масҷид шабзиндадорӣ мекарданд. Ва Исҳоқ ибни Роҳавайҳ дар ин амр бо онҳо мувофиқ буд. Дар бораи барпо кардани он дар масҷидҳо бо ҷамоат гуфтааст: «Ин бидъат нест». Инро Ҳарб ал-Кирмонӣ дар «Масоил»-и худ нақл кардааст.

Дуввум: Дар масҷидҳо ҷамъ шудан барои намоз, қиссагӯӣ ва дуо макрӯҳ аст, вале шахс агар дар он ҷо танҳо барои худ намоз бихонад макрӯҳ нест. Ин қавли Авзоъӣ, имоми аҳли Шом, фақеҳ ва олими онҳост. Ва ин қавл, иншоаллоҳ Таъоло, саҳеҳтар аст». Имом Авзоъӣ ҳатто гуфтааст: «Аз Имом Аҳмад дар бораи шаби

нимаи шаъбон сухане маълум нест ва дар бораи мустаҳаб будани шабзиндадории он аз ӯ ду ривоят бароварда мешавад, ки аз ду ривояти ӯ дар бораи шабзиндадории ду шаби ид гирифта шудааст. Зеро ӯ (дар як ривоят) шабзиндадории онро ба таври ҷамоат мустаҳаб надонистааст, чун ки аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва асҳобаш нақл нашудааст. Ва (дар як ривоят) ба хотири амали Абдурраҳмон ибни Язид ибни Асвад, ки аз тобеин аст, онро мустаҳаб донистаанд. Ҳамчунин қиёми шаби нимаи шаъбон дар бораи он аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва асҳобаш чизе собит нашудааст, вале аз гурӯҳе аз тобеин, ки аз фуқаҳои бузурги аҳли Шом буданд, собит шудааст.»

Сухани Ҳофиз ибни Раҷаб (раҳимаҳуллоҳ) ба поён расид ва дар он ӯ ба таври возеҳ баён мекунад, ки аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва аз асҳобаш (разияллоҳу анҳум) дар бораи шаби нимаи шаъбон чизе собит нашудааст.

Аммо назари интихобкардаи Авзоъӣ (раҳимаҳуллоҳ) ва Ҳофиз ибни Раҷаб дар бораи мустаҳаб будани анҷоми он (ибодат) барои афрод, як қавли ғариб ва заиф аст, зеро ҳар чизе, ки машруъ будани он бо далелҳои шаръӣ собит нашудааст, барои мусалмон ҷоиз нест, ки онро

дар дини Аллоҳ эҷод кунад, хоҳ онро танҳо анҷом диҳад ё дар ҷамоат ва хоҳ онро пинҳонӣ кунад ё ошкоро; бинобар маънои ом доштани ин фармудаи Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам):

«مَنْ عَمِلَ عَمَلًا لَيْسَ عَلَيهِ أَمْرُنَا، فَهُوَ رَدٌّ».

«Ҳар ки дар дини мо амалеро эҷод кунад, ки бар он амри мо нест, пас он амал мардуд аст». Ва ба монанди ин далелҳои зиёде дар бораи инкори бидъатҳо ва бим додан аз онҳо вуҷуд дорад.

Ва Имом Абӯбакри Тартушӣ (Худо раҳматаш кунад) дар китоби худ «Ал-ҳаводис ва-л-бидаъ» мефармояд:

"Ибни Ваззоҳ аз Зайд ибни Аслам ривоят кардааст, ки ӯ гуфт: "Мо ҳеҷ яке аз устодон ва фуқаҳои худро дарнаёфтем, ки ба шаби нисфи шаъбон аҳамият диҳанд, ба ҳадиси Макҳул эътибор диҳанд ва ё барои он бар дигар шабҳо фазилате қоил бошанд".

Ба Ибни Абимулайка гуфтанд, ки Зиёди Нумайрӣ мегӯяд: «Савоби шаби нимаи шаъбон монанди савоби Шаби Қадр аст». Ӯ дар ҷавоб гуфт: «Агар ӯро мешунидам ва дар дастам асо мебуд, ҳатман ӯро мезадам». Зиёд қиссагӯ буд, мақсуд тамом шуд.

Ва Аллома Шавконӣ (раҳимаҳуллоҳ) дар

китоби «Ал-фавоид-ул-маҷмуа» чунин гуфтааст:

«Ҳадис: «Эй Алӣ, касе дар шаби нимаи шаъбон сад ракаъат намоз бихонад, ки дар ҳар ракаъат сураи Фотиҳа ва даҳ маротиба «Қул ҳуваллоҳу аҳад»-ро қироат кунад, Аллоҳ ҳама ҳоҷатҳояшро баровардa месозад.» Ин ҳадис сохта аст ва дар лафзҳояш дар бораи савоби анҷомдиҳандааш чунон чизе омадааст, ки инсони соҳибташхис дар сохта буданаш шак намекунад. Ровиёнаш маҷҳул ҳастанд ва аз роҳи дуюму сеюм низ ривоят шудааст, ки ҳамаашон сохта ва ровиёнашон маҷҳул мебошанд. Ва дар «Ал-мухтасар» гуфтааст: Ҳадиси намози нисфи шаъбон ботил аст. Ва Ибни Ҳиббон аз ҳадиси Алӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят кардааст: «Чун шаби нисфи шаъбон бошад, пас, шабашро (бо ибодат) барпо доред ва рӯзашро рӯза гиред», ки он заиф аст. Ва дар «Ал-лаолӣ» гуфтааст: «Ҳадиси “сад ракаъат дар нимаи шаъбон бо даҳ бор хондани сураи Ихлос”, бо вуҷуди фазилати зиёдаш, ки Дайламӣ ва дигарон ривоят кардаанд, мавзуъ (сохта) аст ва аксари ровиёнаш дар се тариқи он маҷҳул (ношинохта) ва заъиф мебошанд». Гуфт: «Дувоздаҳ ракаъат бо (сураи) Ихлос сӣ бор». Мавзуъ, «ва чордаҳ ракаъат» мавзуъ аст.

Ва ба ин ҳадис ҷамоате аз фуқаҳо, монанди

соҳиби (Ал-иҳё) ва дигарон, аз ҷумла баъзе муфассирон фирефта шудаанд ва намози ин шаб – яъне шаби нимаи шаъбон – ба шаклҳои гуногун ривоят шудааст, ки ҳамаи онҳо ботил ва сохта ва бофта мебошанд. Ва ин бо ривояти Тирмизӣ аз ҳадиси Оиша (разияллоҳу анҳо) дар бораи рафтани Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба Бақеъ ва фурӯд омадани Худованд дар шаби нимаи шаъбон ба осмони дунё ва омурзидани (гуноҳони) мардум бештар аз теъдоди мӯи гӯсфандони (қабилаи) Калб, мухолифат надорад, зеро сухан танҳо дар бораи ин намози бофташуда дар ин шаб аст. Бояд донист, ки ин ҳадиси Оиша заъф ва инқитоъ дорад. Ҳамчунин ҳадиси Алӣ, ки пештар дар бораи қиёми шаби ӯ зикр шуд, бо вуҷуди он ки дар худи он низ, чуноне ки зикр кардем, заъф вуҷуд дорад, бо мавзуъ будани ин намоз мухолифат намекунад». Иқтибос тамом шуд.

Ва Ҳофиз Ироқӣ мегӯяд: «Ҳадиси намози шаби нимаи шаъбон бар Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мавзуъ ва дурӯғ аст». Имом Нававӣ дар китоби «Ал-маҷмуъ» гуфтааст: «Намозе, ки бо номи "намози рағоиб" маъруф аст ва он дувоздаҳ ракъат байни намози шом ва хуфтан дар шаби аввали ҷумъаи моҳи раҷаб хонда мешавад ва намози шаби нимаи шаъбон, ки сад ракъат аст, ин ду намоз аз

бидъатҳои зишту написанд мебошанд. Набояд ба зикри онҳо дар китоби «Қут-ул-қулуб» ва «Эҳёи улуми-д-дин» ва на ба ҳадисе, ки дар он ду китоб зикр шудааст, фирефта шуд, зеро ҳамаи ин ботил аст. Ҳамчунин набояд ба баъзе аз имомоне, ки ҳукми ин ду намоз барояшон норӯшан мондааст ва дар бораи мустаҳаб будани онҳо рисолаҳое навиштаанд, фирефта шуд, зеро ӯ дар ин масъала иштибоҳ кардааст».

Шайх Имом Абумуҳаммад Абдурраҳмон ибни Исмоили Мақдисӣ дар бораи ботил будани он ду масъала китоби арзишманде таълиф намуда, дар он бисёр некӯ баён кардааст. Сухани аҳли илм дар ин масъала хеле зиёд аст ва агар мо ҳамаи он чиро, ки дар ин масъала аз суханони онҳо огоҳ шудаем, нақл кунем, сухан хеле тӯлонӣ мешавад. Ва шояд дар он чи зикр кардем, барои толиби ҳақ кифоят ва далели қонеъкунанда бошад.

Аз он чи аз оёт, аҳодис ва суханони аҳли илм гузашт, барои толиби ҳақ равшан мегардад, ки ҷашн гирифтани шаби нимаи шаъбон бо намоз ё ғайри он ва хос гардонидани рӯзи он ба рӯза доштан, назди аксари аҳли илм бидъати мункар буда, дар шариати пок асосе надорад, балки он аз ҷумлаи чизҳоест, ки дар Ислом баъди асри саҳоба (разияллоҳу анҳум) пайдо шудааст ва барои толиби ҳақ дар ин боб ва ғайри он қавли

Худои Мутаъол кифоят аст, ки мефармояд:

﴿...ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ...﴾

(...Имрӯз динатонро комил кардам...) (Сураи Моида, ояти 3). Ва оятҳое, ки дар ин маънӣ омадаанд ва фармудаи Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам):

«مَنْ أَحْدَثَ فِي أَمْرِنَا هَذَا مَا لَيْسَ مِنْهُ فَهُوَ رَدٌّ».

"Ҳар ки ба ин кори мо (шариати исломӣ) чизи наве дохил кунад, ки аз он нест, он амр мардуд аст". Ва дигар ҳадисҳои зиёде, ки дар ин маънӣ омадаанд.

Аз ҷумла, дар "Саҳеҳ"-и Муслим аз Абӯҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«لَا تَخُصُّوا لَيْلَةَ الْجُمُعَةِ بِقِيَامٍ مِنْ بَيْنِ اللَّيَالِي، وَلَا تَخُصُّوا يَوْمَهَا بِالصِّيَامِ مِنْ بَيْنِ الْأَيَّامِ، إِلَّا أَنْ يَكُونَ فِي صَوْمٍ يَصُومُهُ أَحَدُكُمْ».

«Аз миёни шабҳо шаби ҷумъаро ба намоз ва аз байни рӯзҳо рӯзи ҷумъаро ба рӯза ихтисос надиҳед, магар ин ки рӯзае бошад, ки яке аз шумо онро рӯза мегирад». Бо насси ҳадисҳои саҳеҳи Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, ки агар махсус гардонидани шабе ба ибодате ҷоиз мебуд, шаби ҷумъа аз дигар шабҳо сазовортар буд, зеро рӯзи

он аз беҳтарин рӯзеҳост, ки офтоб дар он тулуъ намудааст. Чун Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз махсус гардонидани он шаб ба шабзиндадорӣ аз миёни дигар шабҳо барҳазар доштанд. Ин далолат бар он мекунад, ки ба тариқи авло хос гардонидани ҳеҷ яке аз шабҳои дигар ба навъе аз ибодат ҷоиз нест, магар бо далели саҳеҳе, ки бар ин хос гардонидан далолат кунад.

Ва азбаски шабзиндадорӣ ва талошу кӯшиш дар шаби қадр ва дигар шабҳои Рамазон машруъ аст, Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ин амр таваҷҷуҳ намуда, умматро ба қиёми онҳо ташвиқ кардаанд ва худашон низ ба он амал намудаанд. Чунонки дар “Саҳеҳайн” аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст, ки фармуданд:

«مَنْ قَامَ رَمَضَانَ إِيمَانًا وَاحْتِسَابًا، غُفِرَ لَهُ مَا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ، وَمَنْ قَامَ لَيْلَةَ الْقَدْرِ إِيمَانًا وَاحْتِسَابًا، غُفِرَ لَهُ مَا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ».

«Ҳар ки шабҳои Рамазонро аз рӯйи имон ва дарёфти савоб шабзиндадорӣ намояд, гуноҳони гузаштаи ӯ омурзида мешавад ва ҳар ки шаби қадрро аз рӯйи имон ва дарёфти савоб шабзиндадорӣ намояд, гуноҳони гузаштаи ӯ омурзида мешавад». Агар махсус гардонидани шаби нимаи шаъбон, ё шаби аввали ҷумъаи моҳи раҷаб, ё шаби Исро ва Меъроҷ ба ҷашн ё

ибодате машруъ мебуд, Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) умматро ба он иршод менамуд ва ё худ онро анҷом медод. Ва агар чизе аз ин воқеъ мешуд, асҳоб онро ба уммат нақл мекарданд ва аз онҳо пинҳон намедоштанд. Зеро онҳо беҳтарини мардум ва пас аз паёмбарон (алайҳимуссалом) хайрхоҳтарини мардум ҳастанд. Худованд аз ёрони Расулуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) розӣ бод ва онҳоро низ хушнуд гардонад.

Акнун то инҷо аз суханони уламо донистед, ки аз Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва аз асҳобаш (разияллоҳу анҳум) дар бораи фазилати шаби аввали ҷумъаи моҳи раҷаб ва шаби нимаи шаъбон ҳеҷ чизе собит нашудааст. Пас, маълум мешавад, ки ҷашн гирифтани ин ду шаб бидъати навпайдо дар Ислом аст ва ҳамчунин ихтисос додани онҳо ба ягон навъи ибодат, бидъати мункар мебошад. Ҳамчунин шаби бисту ҳафтуми раҷаб, ки баъзе аз мардум онро шаби Исро ва Меъроҷ мешуморанд, ба ягон ибодате хос гардонидани он ҷоиз нест ва ҳамчунин ҷашн гирифтани он низ бинобар далелҳои пешин ҷоиз намебошад; ин дар суратест, ки агар он маълум бошад, пас чӣ гуна хоҳад буд, дар ҳоле ки қавли дурусти олимон ин аст, ки он маълум нест. Ва қавли онҳое, ки мегӯянд он шаби бисту ҳафтуми раҷаб

аст, қавли ботил буда, дар ҳадисҳои саҳеҳ ҳеҷ асосе надорад. Ва чи хуб гуфтааст он касе, ки гуфтааст:

Беҳтарин корҳои гузашта онҳоянд, ки бар роҳи ҳидоят буданд... ва бадтарин корҳо, амалҳои навпайдошуда - бидъатҳоянд.

Аз Худованд мехоҳем, ки ба мо ва соири мусалмонон тавфиқи пойбандӣ ба Суннат ва пойдорӣ дар онро ато фармояд ва аз ҳар чизе, ки мухолифи он аст, моро нигаҳ дорад. Ӯ Саховатманду Бахшанда аст.

Ва саллалоҳу ва саллама ъало абдиҳи ва расулиҳи набийино Муҳаммад ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.

***

بِسۡمِ اللّٰهِ الرَّحۡمَنِ الرَّحِيمِ

## Рисолаи ҳаштум:

## Танбеҳи муҳим дар бораи дурӯғ будани васияти нисбат додашуда.

## Шайх Аҳмад, хидматгори Ҳарами набавии шариф

Аз Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз ба ҳар касе аз мусалмонон, ки инро мутолиа мекунад, Худованд онҳоро ба Ислом маҳфуз дорад ва мову онҳоро аз шарри дурӯғпароканиҳои ҷоҳилони бадкор паноҳ диҳад, омин.

Салому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ.

Аммо баъд:

Ман бо як навиштаи мансуб ба Шайх Аҳмад, ходими Ҳарами набавии шариф, таҳти унвони «Ин васиятест аз Мадинаи Мунаввара аз ҷониби Шайх Аҳмад, ходими Ҳарами набавии шариф» ошно шудам, ки дар он гуфтааст:

«Шаби ҷумъа Қуръони Каримро тиловат мекардам ва баъд аз қироати Асмоуллоҳ-ил-ҳусно, чун фориғ шудам, омодаи хоб рафтан шудам. Дар хоб соҳиби чеҳраи нуронӣ - Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дидам, ки оятҳои қуръонӣ ва аҳкоми шарифро

овардааст; раҳмате барои оламиён, сарвари мо Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам). Пас, ӯ фармуд: «Эй Шайх Аҳмад». Гуфтам: «Лаббайк, эй Расули Аллоҳ, эй гиромитарини махлуқоти Аллоҳ». Ӯ ба ман гуфт: «Ман аз аъмоли қабеҳи мардум хиҷолатзадаам ва наметавонам бо Парвардигорам ва малоика рӯ ба рӯ шавам, зеро аз ҷумъа то ҷумъа саду шаст ҳазор нафар номусалмон аз дунё гузаштанд». Сипас баъзе аз гуноҳонеро, ки мардум муртакиби он шудаанд, зикр кард. Сипас гуфт: Ин васият раҳматест аз ҷониби Азизу Ҷаббор барои онҳо. Сипас баъзе аз нишонаҳои қиёматро ёдовар шуд, то ин ки гуфт: «Эй Шайх Аҳмад, мардумро аз ин васият огоҳ соз, зеро он бо қалами тақдир аз Лавҳи маҳфуз нақл шудааст. Ҳар кас, ки онро навишта, аз шаҳре ба шаҳре ва аз маконе ба маконе бифиристад, барояш дар ҷаннат қасре бино мешавад ва ҳар кас, ки онро нанависад ва нафиристад, шафоати ман дар рӯзи қиёмат бар ӯ ҳаром мегардад». Ва ҳар кас онро бинависад ва ниёзманд бошад, Аллоҳ ӯро бениёз мегардонад, ё қарздор бошад, Аллоҳ қарзашро адо мекунад, ё гуноҳе бар ӯ бошад, Аллоҳ ба баракати ин васият ӯ ва падару модарашро мебахшад. Ва ҳар ки аз бандагони Худо онро нанависад, рӯяш дар дунё ва охират сиёҳ мегардад. Ва фармуд: «Ба Аллоҳи Бузург се бор савганд, ки ин ҳақиқат аст

ва агар дурӯғгӯ бошам, аз дунё бе имон биравам. Ва ҳар касе онро тасдиқ кунад, аз азоби оташ наҷот меёбад ва ҳар касе онро дурӯғ шуморад, кофир шудааст».

Ин хулосаи он васияти дурӯғинест, ки ба Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нисбат дода мешавад. Мо ин васияти дурӯғинро солҳои зиёд аст, ки борҳо шунидаем, ки гоҳ-гоҳе байни мардум нашр шуда, дар миёни бисёре аз оммаи мардум ривоҷ дода мешавад ва дар лафзҳояш ихтилоф вуҷуд дорад. Яке аз дурӯғгӯён ва паҳнкунандагони ин васиятнома мегӯяд, ӯ (паҳнкунандаи ин дурӯғ) Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар хоб дидааст ва он ҳазрат ин васиятро ба ӯ супоридааст. Аммо дар ин варақаи охирине, ки зикр кардем, дурӯғпардоз иддао кардааст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро ҳангоме ки барои хоб омода мешуд, дидааст. Пас, маънояш ин аст, ки ӯ он Ҳазрат (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар бедорӣ дидааст.

Ин ифтирогар дар ин васиятнома чизҳои зиёдеро иддао кардааст, ки аз равшантарин дурӯғ ва ошкортарин ботил аст. Иншоаллоҳ, ба зудӣ дар ин сухан туро аз онҳо огоҳ хоҳам кард. Ман дар солҳои гузашта низ дар бораи онҳо огоҳӣ дода, ба мардум баён карда будам, ки онҳо

аз равшантарин дурӯғ ва ошкортарин ботил мебошанд. Пас, вақте аз ин нашрияи охирин огоҳ шудам, дар бораи навиштан дар мавриди он дудилагӣ кардам, зеро ботил будани он ошкор ва ҷуръати ифтирогараш дар дурӯғгӯӣ бисёр бузург буд. Ва гумон намекардам, ки ботил будани он дар миёни касе, ки заррае басират ё фитрати солим дорад,ривоҷ ёбад. Валекин бисёре аз бародарон ба ман хабар доданд, ки он дар миёни мардуми зиёдеривоҷ ёфта, онро байни худ радубадал мекунанд ва баъзеашон онро тасдиқ кардаанд. Аз ин рӯ, ман навиштан дар бораи онро бар амсоли худ воҷиб донистам, то ботил будани онро баён намоям ва ошкор созам, ки он бар Паёмбари Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дурӯғ баста шудааст, то касе ба он фирефта нашавад. Ва ҳар касе аз аҳли илму имон ва ё соҳибони фитрати поку ақли солим дар он биандешад, дармеёбад, ки он аз ҷиҳатҳои зиёде дурӯғ ва бӯҳтон аст.

Ва ман аз баъзе хешовандони Шайх Аҳмад, ки ин ифтиро ба ӯ нисбат дода мешавад, дар бораи ин васият пурсидам, ба ман ҷавоб дод, ки он бар Шайх Аҳмад дурӯғ баста шудааст ва ӯ аслан онро нагуфтааст. Ва Шайх Аҳмади мазкур муддате пеш аз ин вафот кардааст ва агар фарз кунем, ки Шайх Аҳмад ё касе, ки аз ӯ бузургтар аст, иддао кунад, ки Паёмбарро (Саллаллоҳу

алайҳи ва саллам) дар хоб ё бедорӣ дидааст ва ӯро ба ин васият амр кардааст, яқинан, медонистем, ки ӯ дурӯғгӯ аст, ё оне, ки ин суханро ба ӯ гуфтааст, шайтон аст, на Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам), ба чандин далелҳо, аз ҷумла:

Аввалан: Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баъд аз вафоташ дар бедорӣ дида намешавад ва касе аз ҷоҳилони сӯфия, ки иддао мекунад, Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар бедорӣ мебинад, ё ин ки ӯ дар маросими мавлуд ҳозир мешавад, ба зишттарин хато роҳ додааст, ба фиребу найранги шадиде гирифтор шудааст, ба иштибоҳи бузурге муртакиб шудааст ва бо Китобу Суннат ва иҷмоъи аҳли илм мухолифат кардааст, зеро мурдагон танҳо дар рӯзи қиёмат аз қабрҳояшон бармехезанд, на дар дунё. Ва касе, ки хилофи инро гӯяд, ӯ дурӯғгӯи ошкор аст, ё хатокорест, ки ба иштибоҳ афтода, ҳаққеро, ки салафи солеҳ шинохтаанд ва роҳе, ки асҳоби Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва пайравони неки онҳо паймуданд, нашинохтааст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿ثُمَّ إِنَّكُم بَعْدَ ذَٰلِكَ لَمَيِّتُونَ ﴿١٥﴾ ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ تُبْعَثُونَ ﴿١٦﴾﴾

(Сипас шумо [пас аз тайи мароҳили зиндагӣ] ҳатман, хоҳед мурд.

Он гоҳ бе тардид, дар рӯзи қиёмат барангехта мешавед). (Сураи Мӯъминун, оятҳои 15-16). Ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«أَنَا أَوَّلُ مَنْ تَنْشَقُّ عَنْهُ الْأَرْضُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ، وَأَنَا أَوَّلُ شَافِعٍ وَأَوَّلُ مُشَفَّعٍ».

«Ман аввалин касе ҳастам, ки рӯзи қиёмат замин аз ӯ шикофта мешавад ва аввалин шафоаткунанда ва аввалин касе, ки шафоаташ пазируфта мешавад, ҳастам». Ва дар ин маънӣ оятҳо ва ҳадисҳо бисёр аст.

Дуюм: Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) сухани хилофи ҳақро намегӯяд, на дар ҳаёташ ва на дар вафоташ. Ва ин васият ба шариати ӯ мухолифати ошкор дорад, ки ин аз ҷиҳатҳои зиёд аст – чуноне ки баёнаш меояд. Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гоҳе дар хоб дида мешавад. Ва касе, ки ӯро дар хоб дар сурати шарифаш бубинад, пас дар ҳақиқат ӯро дидааст, зеро шайтон ба сурати ӯ дарнамеояд, чуноне ки дар ҳадиси саҳеҳи шариф омадааст. Аммо тамоми масъала дар имон, ростгӯӣ, адолат, дақиқӣ, диндорӣ ва амонати соҳиби хоб аст ва ин ки оё Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар сурати аслиаш дидааст ё дар ғайри он.

Агар аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳадисе, ки дар ҳаёташ гуфтааст, аз

тариқи ғайри ровиёни боэътимод, одил ва дақиқназар ривоят шавад, он мавриди эътимод қарор намегирад ва ҳамчун ҳуҷҷат пазируфта намешавад. Ё агар аз тариқи ровиёни боэътимод ва дақиқназар ривоят шавад, вале мухолифи ривояти касе бошад, ки аз онҳо ҳофизааш қавитар ва боэътимодтар аст, ба гунае ки имкони ҷамъ (созиш додан) миёни ду ривоят вуҷуд надошта бошад, пас, яке аз онҳо мансух (бекоршуда) дониста шуда, ба он амал карда намешавад ва дуввумӣ носих (бекоркунанда) буда, ба он амал карда мешавад. Ин дар суратест, ки ин кор бо шартҳои худ имконпазир бошад. Ва агар ҷамъ ва насх имкон надошта бошад, воҷиб аст, ки ривояти шахсе, ки ҳофизааш заифтар ва адолаташ поинтар аст, рад карда шавад ва он ривоят ҳамчун шоз (нодир ва мухолиф) ҳукм шуда, ба он амал карда намешавад.

Пас ин васияте, ки нақлкунандаи он аз Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, вале адолату амонатдории ӯ маълум нест, чӣ гуна қабул шавад? Дар ин ҳолат, чунин васият сазовори он аст, ки рад карда шавад ва ба он таваҷҷуҳе нашавад, ҳатто агар дар он чизе мухолифи шариат набошад. Пас, ҳол чӣ гуна хоҳад буд, агар ин васият дар бар гирандаи умури зиёде бошад, ки ба ботил

будани он далолат мекунанд ва собит месозанд, ки он бар Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дурӯғ баста шудааст ва дар худ шариати динеро ҷой додааст, ки Аллоҳ ба он иҷозат надодааст?

Ва Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَنْ قَالَ عَلَيَّ مَا لَمْ أَقُلْ؛ فَلْيَتَبَوَّأْ مَقْعَدَهُ مِنَ النَّارِ».

"Ҳар касе ба ман чизеро нисбат диҳад, ки онро нагуфтаам, ҷойгоҳи худро дар оташи дӯзах омода созад". Дурӯғпардози ин васиятнома бар Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чизеро гуфтааст, ки он Ҳазрат нагуфтаанд. Ва бар ӯ дурӯғи ошкор ва хатарнокеро бастааст. Пас, ӯ ба ин ваъиди бузург сазовор аст ва агар ба тавба кардан шитоб накунад ва дурӯғ будани ин васиятномаро, ки бар Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баста шудааст, ба мардум ошкор насозад, сазовори ваъид мегардад. Чун ҳар кас, ки ботилеро дар миёни мардум паҳн кунад ва онро ба дин нисбат диҳад, тавбааш аз он дуруст намешавад, магар ин ки онро эълон ва ошкор созад, то мардум бидонанд, ки ӯ аз дурӯғаш баргаштааст ва худро таксиб намудааст; ба далели ин фармудаи Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ يَكۡتُمُونَ مَآ أَنزَلۡنَا مِنَ ٱلۡبَيِّنَٰتِ وَٱلۡهُدَىٰ مِنۢ بَعۡدِ مَا بَيَّنَّٰهُ لِلنَّاسِ فِي ٱلۡكِتَٰبِ أُوْلَٰٓئِكَ يَلۡعَنُهُمُ ٱللَّهُ وَيَلۡعَنُهُمُ ٱللَّٰعِنُونَ ١٥٩ إِلَّا ٱلَّذِينَ تَابُواْ وَأَصۡلَحُواْ وَبَيَّنُواْ فَأُوْلَٰٓئِكَ أَتُوبُ عَلَيۡهِمۡ وَأَنَا ٱلتَّوَّابُ ٱلرَّحِيمُ ١٦٠﴾

(Касоне, ки он чиро аз далоили равшан ва ҳидоят нозил кардаем – пас аз он, ки дар китоби [Тавротва Инҷил] барои мардум баёнаш намудем – пинҳон медоранд, Аллоҳ Таъоло ононро лаънат мекунад ва лаънаткунандагон [аз фариштагону муъминон] лаънаташон мекунанд.

Магар касоне, ки тавба кунанд ва [корҳои ношоистаи худро] ислоҳ намоянд ва [ҳақиқатро] ошкор созанд. Инон ҳастанд, ки тавбаашонро мепазирам ва Ман тавбапазиру меҳрубонам). (Сураи Бақара, оятҳои 159, 160). Худованд Субҳонаҳу ва Таъоло дар ин ояти карима возеҳ сохта, ки тавбаи касе, ки чизе аз ҳақро пинҳон дорад, дуруст намешавад, магар баъд аз ислоҳ ва баён кардани он. Худованд Субҳонаҳу динро барои бандагонаш комил гардонид ва бо биъсати паёмбараш Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва он чи аз шариати комил ба ӯ ваҳй намуд, неъматро бар онҳо тамом кард. Ва ӯро ба сӯи Худ қабзи рӯҳ накард, магар баъд аз комил гардонидан ва баён намудани дин, чунонки Ӯ Таъоло

мефармояд:

﴿...ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗا...﴾

(Имрӯз динатонро комил кардам ва неъматро бар шумо тамом намудам ва Исломро [ба унвони беҳтарин] дин бароятон баргузидам). (Сураи Моида, ояти 3).

Ифтирокунандаи ин насиҳат дар қарни чаҳордаҳум (ҳиҷрӣ) зуҳур карда, мехоҳад дини наверо ба мардум талқин кунад, ки бар асоси он, ҳар кас, ки ташриъи ӯро бипазирад, дохили ҷаннат мешавад ва ҳар кас, ки онро напазирад, аз ҷаннат маҳрум гашта, вориди дӯзах мегардад. Ва мехоҳад ин васиятеро, ки дурӯғ бастааст, аз Қуръон бузургтар ва беҳтар қарор диҳад. Ӯ дар дурӯғи бофтааш мегӯяд: Ҳар ки онро бинависад ва аз шаҳре ба шаҳре ё аз ҷое ба ҷое бифиристад, барояш дар биҳишт қасре сохта мешавад, ва ҳар ки онро нанависад ва нафиристад, дар рӯзи қиёмат аз шафоати Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) маҳрум мегардад. Ва ин аз қабиҳтарин дурӯғҳо ва аз равшантарин далелҳо бар ботил будани ин васият ва нишонаи камҳаёии ифтирокунандаи он ва ҷуръати бузургаш бар дурӯғ аст. Зеро касе, ки Қуръони Каримро навишта, онро аз шаҳре ба шаҳре ё аз ҷое ба ҷое бифиристад, агар ба он

амал накунад, ба ин фазилат ноил намегардад. Пас, чӣ гуна нависандаи ин дурӯғ ва нақлкунандаи он аз шаҳре ба шаҳре ба чунин фазилат ноил мешавад? Ва касе, ки Қуръонро нанавишта ва онро аз шаҳре ба шаҳре нафиристода бошад, аз шафоати Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) маҳрум намешавад, ба шарте ки ба ӯ имон дошта ва пайрави шариаташ бошад. Ва ҳамин як ифтиро дар ин васият, ба танҳоӣ барои исботи ботил будани он ва дурӯғгӯӣ, густохӣ, нодонӣ ва дурии паҳнкунандаи он аз маърифати ҳидояте, ки Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) овардааст, кифоя аст.

Дар ин васият, ба ғайр аз он чи зикр шуд, масъалаҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки ҳамаи онҳо ба ботил ва дурӯғ будани он далолат мекунанд. Ҳатто агар ифтирокунандаи он бар дурустии он ҳазор бор ё бештар аз он қасам хӯрад ва барои исботи ростгӯии худ бар хеш бузургтарин азоб ва сахттарин уқубатро талаб кунад ҳам, ӯ ростгӯ ҳисобида намешавад ва он (васият) низ саҳеҳ нест. Балки савганд ба Аллоҳ, боз ҳам савганд ба Аллоҳ, ки он аз бузургтарин ва қабеҳтарини ботил аст. Ва мо Аллоҳ ва малоикаеро, ки назди мо ҳозиранд, гувоҳ мегирем. Ва ҳар мусалмоне, ки аз ин навишта огоҳ шавад, пас ин шаҳодатест, ки бо он бо

Парвардигорамон (Ҷалла Ҷалолуҳу) рӯ ба рӯ мешавем, ки ин васият дурӯғ ва буҳтон бар Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст. Аллоҳ касеро, ки онро бофтааст, расво гардонад ва ӯро сазовори амалаш ҷазо диҳад.

Ба ғайр аз далелҳои пешин, дар матни ин васият низ умури зиёде вуҷуд дорад, ки бар дурӯғ ва ботил будани он далолат мекунанд, аз ҷумла:

Амри аввал, ин гуфтааш: (Зеро аз ҷумъа то ҷумъаи дигар саду шаст ҳазор нафар бар ғайри дини ислом вафот карданд.) Ин гуфта аз илми ғайб аст ва аз Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баъд аз вафоташон ваҳй қатъ шуда буд ва он Ҳазрат дар замони ҳаёташон ғайбро намедонистанд, пас чӣ гуна баъд аз вафоташон чунин мегӯянд? Дар бораи ин ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ғайбро намедонистанд ин далели Қуръонро меорем, ки Худованд мефармояд:

﴿قُل لَّآ أَقُولُ لَكُمۡ عِندِي خَزَآئِنُ ٱللَّهِ وَلَآ أَعۡلَمُ ٱلۡغَيۡبَ...﴾

([Эй Паёмбар, ба мушрикон] Бигӯ: «Ман намегӯям, ки ганҷинаҳои Аллоҳ Таъоло назди ман аст ва ғайб [низ] намедонам...) (Сураи Анъом, ояти 50). Далели дигар:

﴿قُل لَّا يَعۡلَمُ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ ٱلۡغَيۡبَ إِلَّا ٱللَّهُ...﴾

(Бигӯ: «Касе дар осмонҳо ва замин аз ғайб огоҳ нест, магар Аллоҳ таоло...) (Сураи Намл, ояти 65). Ва дар ҳадиси саҳеҳ аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст, ки фармуданд:

«يُذَادُ رِجَالٌ عَنْ حَوْضِي يَوْمَ القِيَامَةِ، فَأَقُولُ: يَا رَبِّ! أَصْحَابِي أَصْحَابِي، فَيُقَالُ لِي: إِنَّكَ لَا تَدْرِي مَا أَحْدَثُوا بَعْدَكَ، فَأَقُولُ كَمَا قَالَ العَبْدُ الصَّالِحُ: ﴿وَكُنتُ عَلَيْهِمْ شَهِيدًا مَّا دُمْتُ فِيهِمْۖ فَلَمَّا تَوَفَّيْتَنِي كُنتَ أَنتَ ٱلرَّقِيبَ عَلَيْهِمْۚ وَأَنتَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٖ شَهِيدٌ﴾ [المائدة: ١١٧]».

«Рӯзи қиёмат мардоне аз ҳавзи ман дур карда мешаванд, пас мегӯям: Парвардигоро, асҳобам, асҳобам! Пас, ба ман гуфта мешавад: Ту намедонӣ, ки онҳо баъди ту чӣ чизҳое ба миён оварданд. Пас, ман низ мегӯям, ҳамон гуна ки бандаи солеҳ гуфт: (Ва ман то замоне, ки дар миёнашон будам, бар онон гувоҳ будам ва чун маро баргирифтӣ, Ту худ гувоҳ ва нигаҳбони ақида ва аъмолашон гаштӣ. Ва Ту бар ҳар чизе огоҳӣ) (Сураи Моида, ояти 117).

Дуввум: Аз ҷумлаи далелҳои ботил ва дурӯғ будани ин васият ин аст, ки дар он омадааст: «Ҳар кас онро бинависад ва фақир бошад, Худованд ӯро сарватманд мегардонад, ё қарздор бошад, Худованд қарзашро адо мекунад, ё гуноҳе дошта бошад, Худованд ба баракати ин васият гуноҳони ӯ ва падару

модарашро мебахшад» ... то поён. Ва ин аз бузургтарин дурӯғҳост ва равшантарин далелҳо бар дурӯғи ифтирокунандаи он ва беҳаёии ӯ аз Аллоҳ ва бандагонаш мебошад, зеро ин се амр танҳо бо навиштани Қуръони Карим ҳосил намешавад, пас чӣ гуна барои касе, ки ин васияти ботилро навиштааст, ҳосил мешавад? Ин шахси палид фақат мехоҳад мардумро фиреб диҳад ва онҳоро ба ин васият дилбаста созад, то онро бинависанд ва ба ин фазилати дурӯғин дил банданд ва асбоберо, ки Аллоҳ Таъоло барои бандагонаш ташреъ кардааст ва онро василаи расидан ба бениёзӣ, адои қарз ва омӯрзиши гуноҳон қарор додааст, тарк намоянд. Пас, ба Аллоҳ Таъоло аз асбоби хориву зиллат ва пайравии ҳавои нафс ва шайтон паноҳ мебарем.

Севум: Аз ҷумлаи амрҳое, ки бар ботил будани ин васият далолат мекунад, ин гуфтаи ӯ дар он аст: «Ва ҳар кас аз бандагони Аллоҳ, ки онро нанависад, рӯяш дар дунё ва охират сиёҳ мешавад». Ин низ аз зишттарин дурӯғҳо ва аз равшантарин далелҳо бар ботил будани ин васият ва дурӯғгӯ будани ифтирогари он аст. Чӣ гуна дар ақли инсони оқил меғунҷад, ки васиятеро бинависад, ки онро марди ношиносе дар асри чаҳордаҳум оварда, бар Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ифтиро бастааст

ва даъво мекунад, ки ҳар кас онро нанависад, рӯяш дар дунё ва охират сиёҳ мешавад ва ҳар кас онро бинависад, баъди фақр сарватманд мегардад, пас аз ҷамъ шудани қарзҳояш аз он раҳоӣ меёбад ва гуноҳоне, ки муртакиб шудааст, бахшида мешаванд.

Парвардигоро, ин буҳтони бузург аст! Ва ҳамоно далелҳо ва воқеият ба дурӯғи ин ифтирогар, ба ҷуръати бузургаш бар Аллоҳ ва ба камии ҳаёяш аз Аллоҳ ва аз мардум, гувоҳӣ медиҳанд. Пас, онҳо, умматҳои бисёре ҳастанд, ки онроنانавиштаанд ва рӯйҳояшон сиёҳ нашудааст ва дар ин ҷо ҷамъияти бузурге ҳаст, ки шумораашонро ҷуз Аллоҳ касе намедонад, ки онро борҳо навиштаанд, вале на қарзашон адо шудааст ва на фақрашон аз байн рафтааст. Пас, аз каҷии дилҳо ва палидии гуноҳон ба Аллоҳ паноҳ мебарем. Ва инҳо сифатҳо ва ҷазоҳое ҳастанд, ки шариати пок онҳоро барои касе, ки беҳтарин ва бузургтарин китоб, яъне Қуръони Каримро навиштааст, наовардааст. Пас, чӣ гуна инҳо барои касе ҳосил мешавад, ки васияти дурӯғинеро навиштааст, ки дорои анвоъи ботил ва ҷумлаҳои зиёде аз анвоъи куфр мебошад? Субҳоналлоҳ!! Чӣ бурдбор аст Ӯ бар касе, ки ҷуръат намуда, бар Ӯ дурӯғ мебандад.

Далели чаҳорум бар ин ки ин васият ботилтарини ботил ва равшантарин дурӯғ аст,

ин гуфтори ӯ дар он аст: "Ва ҳар кас онро тасдиқ кунад, аз азоби дӯзах наҷот меёбад ва ҳар кас онро дурӯғ шуморад, кофир шудааст". Ва ин низ аз бузургтарин ҷуръат бар дурӯғ ва аз зишттарин ботил аст, зеро ин ифтирогар ҳамаи мардумро даъват мекунад, то ба ифтирои ӯ бовар кунанд ва даъво мекунад, ки онҳо бо ин кор аз азоби оташи дӯзах наҷот меёбанд ва ҳар касе, ки онро дурӯғ шуморад, кофир мешавад. Қасам ба Аллоҳ, ин дурӯғгӯ бар Аллоҳ туҳмати бузурге бастааст ва қасам ба Аллоҳ, ки ноҳақ гуфтааст. Ҳароина, касе, ки онро тасдиқ кунад, худи ӯ сазовори кофир будан аст, на он касе, ки онро дурӯғ мешуморад, зеро он ифтиро, ботил ва дурӯғест, ки ҳеҷ асосе аз ҳақиқат надорад ва мо Аллоҳро шоҳид мегирем, ки он дурӯғ аст ва ифтирокунандаи он дурӯғгӯст, ки мехоҳад барои мардум он чизеро шариат гардонад, ки Аллоҳ ба он иҷозат надодааст ва дар дини онҳо чизеро дохил кунад, ки аз он нест. Ва Аллоҳ динро комил гардонида, онро барои ин уммат чаҳордаҳ аср пеш аз ин ифтиро ба итмом расонидааст. Пас, огоҳ бошед, эй хонандагон ва бародарон ва аз бовар кардан ба ин гуна ифтирооту дурӯғҳо ва аз ривоҷ ёфтани онҳо дар миёни худ парҳез намоед. Зеро ҳақ нуре дорад, ки бар ҷӯяндааш пӯшида намемонад. Пас, ҳақро бо далелаш биҷӯед ва аз аҳли илм дар бораи он

чи ки бар шумо мушкил менамояд, суол кунед. Ва ба савганди дурӯғгӯён фирефта нашавед. Зеро Иблиси лаъин барои падару модаратон Одаму Ҳавво қасам ёд кард, ки ӯ аз хайрхоҳони онҳост, дар ҳоле ки ӯ бузургтарини хоинон ва дурӯғгӯтарини дурӯғгӯён аст. Чунон ки Аллоҳ Таъоло дар бораи ӯ ҳикоят карда, мефармояд:

﴿وَقَاسَمَهُمَآ إِنِّى لَكُمَا لَمِنَ ٱلنَّٰصِحِينَ ٢١﴾

(Ва барои он ду савганд хӯрд, ки: «Ман, ҳатман, хайрхоҳатон ҳастам»). (Сураи Аъроф, ояти 21). Пас, аз ӯ ва аз пайравони ифтирокунандааш барҳазар бошед, зеро ӯ ва онҳо чи басо савгандҳои дурӯғин, паймонҳои хиёнаткорона ва суханони ороста барои фиреб ва гумроҳӣ доранд. Аммо он чи ин ифтирогар дар бораи зоҳир шудани мункарот зикр кардааст, як амри воқеъ аст ва Қуръони Карим ва Суннати мутаҳҳара аз он ба шиддат ҳушдор додаанд ва дар он ду ҳидоят ва кифоят аст.

Аммо дар мавриди нишонаҳои қиёмат, аҳодиси набавӣ он нишонаҳоеро, ки ба вуқуъ хоҳанд пайваст, ба таври возеҳ баён кардаанд ва Қуръони Карим низ ба баъзе аз онҳо ишора намудааст. Пас, ҳар касе, ки хоҳад дар ин бора маълумот пайдо кунад, онро дар ҷойгоҳи худаш дар китобҳои суннат ва таълифоти аҳли илм ва имон хоҳад ёфт. Ва мардум ба баёноти ин

ифтирогар ва талбиси ӯ, ки ҳақро бо ботил меомезад, ниёзе надоранд. Худованд ману шумо ва ҳамаи мусалмононро аз шарри шайтонҳо, фитнаҳои гумроҳкунандагон, каҷравии каҷравон ва аз фиребу найранги душманони ботилпарасти Худо нигоҳ дорад. Ононе, ки мехоҳанд нури Худоро бо даҳонҳои худ хомӯш кунанд ва динро бар мардум ошуфта созанд, дар ҳоле ки Худованд комилкунандаи нури Худ ва ёридиҳандаи дини Худ аст, агарчи душманони Худо аз ҷумлаи шайтонҳо ва пайравони онҳо аз кофирону мулҳидон онро бад бинанд. Ва аз Аллоҳ мехоҳем, ки аҳволи мусалмононро ислоҳ намояд ва пайравӣ аз ҳақ ва истиқомат бар онро барояшон иноят фармояд ва тавба аз ҳама гуноҳон ба сӯи Аллоҳ Субҳонаҳуро барояшон муяссар гардонад. Зеро Ӯ Тавбапазиру Меҳрубон ва бар ҳар чиз қодир аст. Ва Худованд моро басанда аст ва чӣ некӯ ёварест ва нест тавоноӣ (барои дурӣ аз гуноҳ) ва нест қудрате (барои пойдорӣ дар тоъати Худо) магар бо кумаки Аллоҳи Баландмартаба ва Бузург.

Ва ҳамду сано барои Аллоҳ, Парвардигори ҷаҳониён аст ва дуруду салом бар банда ва расули ростгӯву амонатдораш ва бар олу асҳоб ва пайравони некӯкораш то рӯзи ҷазо бод.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحمَنِ الرَّحِيمِ

# Рисолаи нуҳум: Ҳукми ҷоду, фолбинӣ ва он чи ба онҳо марбут аст[1]

Шукру сипос Худованди ягона ва беҳамторо ва салому дуруд бар паёмбаре, ки баъд аз ӯ дигар паёмбаре нест, аммо баъд:

Бо таваҷҷуҳ ба он ки дар ин чанд соли ахир теъдоди ҷодугарон ва фолбинҳое, ки худро табиб вонамуд мекунанд ва бо сеҳру ҷодугарӣ муолиҷа менамоянд, зиёд шудаанд. Ва дар баъзе кишварҳо паҳн гашта, содагон ва ҷоҳилонро фиреб медиҳанд, ман, аз боби насиҳати самимӣ барои Аллоҳ ва бандагонаш, лозим донистам, ки хатарҳои бузурги ин амалро барои Ислом ва мусалмонон баён намоям, зеро он боиси вобастагӣ ба ғайри Аллоҳ мешавад ва мухолифи фармони Ӯ ва Паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст.

Пас бо ёрии Аллоҳ Таъоло мегӯям: Табобат кардан ба иттифоқи ҳамагон ҷоиз аст. Мусалмон, метавонад назди духтури бемориҳои дарунӣ, ҷарроҳӣ, асаб ва монанди он равад, то

[1] Ин васият дар як китобча бо рақами 17 аз ҷониби Раёсати умумии идораҳои таҳқиқоти илмӣ, ифто, даъват ва иршод соли 1402 ҳиҷрӣ нашр шудааст.

беморияшро ташхис дода, бо доруҳое, ки шариат иҷозат додааст ва дар тибби муосир маъруф аст, муолиҷа намояд. Зеро ин аз ҷумлаи сабабҳои оддӣ аст ва мухолифи таваккал бар Худо нест. Худованди Мутаъол ҳам дардро нозил кардааст ва ҳам даворо ва ин нуктаро баъзеҳо медонанд ва баъзеҳо на. Аммо Худованд шифои бандагонашро дар чизе, ки бар онҳо ҳаром кардааст, қарор надодааст.

Пас, барои бемор ҷоиз нест, ки назди коҳинон (онҳое, ки иддаои илми ғайб мекунанд) равад, то аз онҳо дар бораи бемориаш маълумот гирад. Ҳамчунин ҷоиз нест, ки суханони онҳоро тасдиқ кунад, зеро онҳо беасос ва бо тахмину гумон аз ғайб мегӯянд, ё ҷинҳоро даъват мекунанд, то дар амали худ аз онҳо кумак гиранд. Ҳукми чунин ашхос — агар иддаои донистани ғайб кунанд — куфр ва гумроҳӣ аст.

Имом Муслим дар саҳеҳаш ривоят кардааст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَنْ أَتَى عَرَّافًا فَسَأَلَهُ عَنْ شَيْءٍ، لَمْ تُقْبَلْ لَهُ صَلَاةٌ أَرْبَعِينَ يَوْمًا».

"Ҳар кас назди арроф (фолбин-пешгӯянда) равад ва аз ӯ чизе бипурсад, чиҳил рӯз намозаш қабул намешавад".

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

фармуданд:

«مَنْ أَتَى كَاهِنًا فَصَدَّقَهُ بِمَا يَقُولُ، فَقَدْ كَفَرَ بِمَا أُنْزِلَ عَلَى مُحَمَّدٍ ﷺ».

"Ҳар касе назди фолбин рафта ва сухани ӯро тасдиқ мекунад, пас ба он чи бар Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шудааст (яъне, Қуръон) куфр варзидаас"). Ривояти Абудовуд ва аҳли сунани чаҳоргона ин ҳадисро ривоят кардаанд ва Ҳоким онро бо лафзи зерин саҳеҳ донистааст:

«مَنْ أَتَى عَرَّافًا أَوْ كَاهِنًا فَصَدَّقَهُ بِمَا يَقُولُ، فَقَدْ كَفَرَ بِمَا أُنْزِلَ عَلَى مُحَمَّدٍ ﷺ».

"Ҳар касе назди арроф ё фолбин рафта ва сухани ӯро тасдиқ мекунад, пас ба он чи бар Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шудааст, (яъне, Қуръон) куфр варзидааст".

Ва аз Имрон ибни Ҳусайн (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«لَيْسَ مِنَّا مَنْ تَطَيَّرَ أَوْ تُطُيِّرَ لَهُ، أَوْ تَكَهَّنَ أَوْ تُكُهِّنَ لَهُ، أَوْ سَحَرَ أَوْ سُحِرَ لَهُ، وَمَنْ أَتَى كَاهِنًا فَصَدَّقَهُ بِمَا يَقُولُ، فَقَدْ كَفَرَ بِمَا أُنْزِلَ عَلَى مُحَمَّدٍ ﷺ».

«Ҳар ки фолбинӣ кунад ё назди фолбин биравад, ғайб ва пешгӯӣ кунад ё назди касе биравад барояш пешгӯӣ кунад, ё ҳар касе сеҳр кунад ва ё назди соҳир биравад, аз мо нест ва ҳар касе назди коҳин биравад ва ӯро тасдиқ

кунад, пас ба он чи бар Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шудааст, куфр варзидааст». Ривояти Баззор бо иснოди ҷайид (хуб).

Дар ин ҳадисҳои муборак аз рафтан назди аррофон, коҳинон, ҷодугарон ва монанди онҳо, инчунин пурсидан аз онҳо ва тасдиқ кардани суханонашон, наҳй шудааст ва дар онҳо бар ин амалҳо ваъиди сахт (азоби шадид) омадааст.

Ҷоиз нест, ки касе фирефтаи дуруст баромадани баъзе аз гуфтаҳои онҳо шавад ва на ҳам ба теъдоди зиёди одамоне, ки назди онҳо меравaнд. Чун, чунин афрод одамони ҷоҳиланд ва мардум набояд аз онҳо пайравӣ кунанд.

Зеро Расулуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз рафтан ба назди онҳо, пурсидан ва тасдиқ кардани онҳо манъ кардаанд. Зеро ин кори зишту хатарнок аст ва оқибатҳои бад дорад. Онҳо дурӯғгӯёну фасодкоронанд.

Инчунин ин ҳадисҳо далолат бар кофир будани фолбинону ҷодугарон мекунад, зеро онҳо иддао доранд, ки ғайбро медонанд ва ин куфр аст. Онҳо ба ҳадафи худ танҳо дар сурати хидмат кардан ба ҷин ва ибодат кардани онҳо ба ҷои Аллоҳ Таъоло, ки ин худ куфр ва ширк аст, мерасанд. Ва ҳар касе ба иддаои онҳо дар бораи донистани ғайб, бовар кунад, монанди онҳо аст. Ҳамчунин ҳар шахсе, аз касоне, ки

чунин корҳое мекунад, чизе биёмӯзад, Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ӯ безор аст.

Ҳамчунин барои мусалмон ҷоиз нест, ки ба он чи онҳо ба унвони дармон меноманд, мисли, истифода бурдан аз тилисмҳо ё сурб рехтан ё хурофоти ба ин монанд, эътимод кунад. Зеро ин корҳо аз ҷумлаи ҷодугарӣ, фолбинӣ ва фиребгарӣ аст ва ҳар ки инро бипазирад, дар ботил ва куфрашон ёриашон кардааст.

Ҳамчунин барои ҳеҷ яке аз мусалмонон ҷоиз нест, ки назди чунин афрод (коҳинон ва ҷодугарон) рафта, аз онҳо дар бораи ин ки фарзандаш ё наздиконаш бо кӣ издивоҷ мекунанд, ё дар бораи муҳаббат ва вафо ё душманӣ ва ҷудоии байни ҳамсарон ва хонадони онҳо ва монанди ин масъалаҳо бипурсад. Зеро ин аз умури ғайбие аст, ки ҷуз Аллоҳ Таъоло касе аз онҳо огоҳ нест.

Бинобар ин, бар ҳокимон ва ниҳодҳои назоратӣ ва дигар касоне, ки қудрат ва тавон доранд, воҷиб аст, ки аз амали фолбинон ва ҷодугарон ва касоне, ки ба назди онҳо мераванд, ҷилавгирӣ кунанд. Ва ҳар касе, ки дар бозорҳо ва дигар ҷойҳо ба ин кор даст мезанад, аз он ҷилавгирӣ карда ва шадидан ба онҳо ва касоне, ки ба назди онҳо меоянд, инкор кунанд.

Ва сеҳру ҷоду аз амалҳои ҳаром ва куфромез аст. Ҳамон гуна, ки Аллоҳ Таъоло дар бораи ду

фаришта мефармояд:

﴿...وَمَا يُعَلِّمَانِ مِنۡ أَحَدٍ حَتَّىٰ يَقُولَآ إِنَّمَا نَحۡنُ فِتۡنَةٞ فَلَا تَكۡفُرۡۖ فَيَتَعَلَّمُونَ مِنۡهُمَا مَا يُفَرِّقُونَ بِهِۦ بَيۡنَ ٱلۡمَرۡءِ وَزَوۡجِهِۦۚ وَمَا هُم بِضَآرِّينَ بِهِۦ مِنۡ أَحَدٍ إِلَّا بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ وَيَتَعَلَّمُونَ مَا يَضُرُّهُمۡ وَلَا يَنفَعُهُمۡۚ وَلَقَدۡ عَلِمُواْ لَمَنِ ٱشۡتَرَىٰهُ مَا لَهُۥ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنۡ خَلَٰقٖۚ وَلَبِئۡسَ مَا شَرَوۡاْ بِهِۦٓ أَنفُسَهُمۡۚ لَوۡ كَانُواْ يَعۡلَمُونَ﴾

([Вале он ду фаришта] ба ҳеҷ кас чизе ёд намедоданд, магар ин ки [қаблан аз рӯйи хайрхоҳӣ ба ӯ] мегуфтанд: "Мо василаи озмоиш ҳастем, пас, [бо истифода бурдани сеҳр] кофир нашав". Онон [яҳудиён] аз он ду [фаришта] чизҳое меомӯхтанд, ки [битавонанд] тавассути он миёни марду ҳамсараш ҷудоӣ афкананд, ҳол он ки бидуни иҷозати Аллоҳ Таъоло наметавонистанд ба василаи он (сеҳр) ба касе зиёне бирасонанд ва чизе меомӯхтанд, ки [фақат] ба онон зиён мерасонад ва суде намедод ва ҳатман медонистанд, ки ҳар кас [муштоқу] харидори он [ҷодуҳо] бошад, дар охират баҳрае нахоҳад дошт. Агар [ҳақиқатро] медонистанд [мутаваҷҷеҳ мешуданд, ки] чи баду зишт буд он чи худро ба он фурӯхтанд!)

(Сураи Бақара, ояти 102).

Ин оятҳои шариф далолат мекунанд, ки ҷоду куфр аст ва ҷодугарон миёни зану мард ҷудоӣ меандозанд. Ҳамчунин нишон медиҳанд, ки ҷоду худ нафъу зараре расонида наметавонад,

балки танҳо бо иҷозат ва тақдири илоҳӣ таъсир мерасонад, зеро Аллоҳ Таъоло хайр ва шарро офарида аст.

Инчунин ин ояти шариф ба он далолат мекунад, касоне, ки ҷодугариро меомӯзанд, онон чизеро меомӯзанд, ки ба худашон зиён мерасонад, ва барояшон суде намерасонад ва дар назди Аллоҳ Таъоло барояшон подоше нест. Ин ҳушдору таҳдиди бузург баёнгари зиёну зарари бисёр сахти онҳо дар дунё ва охират аст. Онҳо ба арзонтарин баҳо худро фурӯхтаанд. Ба ҳамин далел Аллоҳ Таъоло онҳоро ба ин кор накуҳиш карда, мефармояд:

﴿...وَلَبِئْسَ مَا شَرَوْاْ بِهِۦٓ أَنفُسَهُمْۚ لَوْ كَانُواْ يَعْلَمُونَ﴾

(чи баду зишт буд он чи худро ба он фурӯхтанд!). (Сураи Бақара, ояти 102). Ва "широ" дар инҷо ба маънои фурӯхтан аст.

Зарари ҷоду бисёр бузург ва вазъи шахсоне, ки ин илмро аз мушрикон ба мерос бурдаанд ва ба воситаи онҳо ақлҳои заифро гумроҳ кардаанд, бисёр бузург ва озмоиши сахт аст. Мо аз они Худоем ва ба сӯи Ӯ бозмегардем. Худо бар мо басанда аст ва Ӯ беҳтарин вакил аст.

Аз бадии ҷодугарону фолбинҳо ва дигар коҳинону раммолон, аз Худованд саломатӣ ва эминӣ мехоҳем. Инчунин аз Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мехоҳем, ки ҳама мусалмононро аз

шарри онҳо нигоҳ дорад ва ҳокимони мусалмононро ҳидоят кунад, то аз онҳо эҳтиёт кунанд ва ҳукми Худоро бар онҳо амалӣ созанд, то бандагонаш аз озор ва аъмоли баду норавои онон дар амон бошанд. Ӯ Саховатманд ва Меҳрубон аст.

Худованд Субҳонаҳу ва Таъоло аз рӯи лутфу меҳрубонияш барои бандагонаш роҳҳое муқаррар кардааст, ки бо онҳо метавонанд худро аз бадии сеҳр пеш аз рух доданаш муҳофизат кунанд. Ва инчунин ба онҳо баён намудааст, ки баъд аз рух додани он, чӣ гуна онро муолиҷа кунанд. Ва ҳамаи ин аз рӯйи раҳмату неъмати Ӯст бар бандагон ва аз камоли лутфу эҳсони Ӯ нисбат ба онҳо мебошад.

Дар зер баёни чизҳое аст, ки аз хатари ҷоду пеш аз воқеъ шуданаш эмин нигоҳ медорад ва он чизҳое, ки пас аз воқеъ шуданаш онро табобат мекунад, ки тибқи шариати Ислом ҷоиз аст ва баёни он ба таври зерин аст:

Аввалан: Он чизҳое, ки метавон бо онҳо хатари сеҳрро пеш аз рух доданаш пешгирӣ кард; ва муҳимтарину фоиданоктарини он: паноҳ бурдан ба зикрҳои шаръӣ, дуоҳо ва зикрҳое, ки ба таври саҳеҳ ба мо расидаанд, мебошанд. Аз ҷумла, хондани Оятулкурсӣ - ки он бузургтарин оят дар Қуръони Карим аст - пас аз ҳар намози фарзӣ баъди салом, ки он чунин

аст:

﴿ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ لَا تَأۡخُذُهُۥ سِنَةٞ وَلَا نَوۡمٞۚ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ مَن ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَيۡءٖ مِّنۡ عِلۡمِهِۦٓ إِلَّا بِمَا شَآءَۚ وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ٢٥٥﴾

(Аллоҳ Таъоло [маъбуди ростин аст] ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест; зиндаи поянда [ва қоим ба зот] аст; на хоби сабук [ғанаб, пинак] Ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин; он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармонаш шафоат кунад?! Гузашта ва оянд аи эшон [бандагон]-ро медонад ва [онон] ба чизе аз илми Ӯ иҳота [ва огоҳӣ] намеёбанд, магар он чи худ бихоҳад. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст ва нигаҳ доштани онҳо бар Ӯ [сангину] душвор нест ва Ӯ баландмартаба [ва] бузург аст). (Сураи Бақара, ояти 255). Инчунин дар бораи хондани он ҳангоми хоб, Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси саҳеҳ фармудааст:

«مَنْ قَرَأَ آيَةَ الْكُرْسِيِّ فِي لَيْلَةٍ، لَمْ يَزَلْ عَلَيْهِ مِنَ اللَّهِ حَافِظٌ، وَلَا يَقْرَبُهُ شَيْطَانٌ حَتَّى يُصْبِحَ».

«Ҳар касе Оятулкурсиро дар шаб бихонад, Худованд ӯро муҳофизат мекунад ва шайтон то субҳ ба ӯ наздик намешавад».

Ва аз ҷумла хондани сураи Ихлос:

﴿قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ١﴾

[Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ӯ Аллоҳ Таъоло яктост

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلۡفَلَقِ ١﴾

[Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори сапедадам паноҳ мебарам.

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ١﴾

[Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам. (Сураи Нос, ояти 1). Пас аз ҳар намози фарзӣ, хондани ин се сура се маротибагӣ дар аввали рӯз пас аз намози бомдод ва дар аввали шаб пас аз намози шом.

Аз он ҷумла: хондани ду ояти охири сураи Бақара дар аввали шаб, ки онҳо чунинанд:

﴿ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ لَا نُفَرِّقُ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّن رُّسُلِهِۦۚ وَقَالُواْ سَمِعۡنَا وَأَطَعۡنَاۖ غُفۡرَانَكَ رَبَّنَا وَإِلَيۡكَ ٱلۡمَصِيرُ ٢٨٥﴾

(Расул [-и Аллоҳ Таъоло] ба он чи аз [сӯйи] Парвардигораш бар ӯ нозил шуда, имон овардааст ва муъминон [низ] ҳамагӣ ба Аллоҳ Таъоло ва фариштагону китобҳо ва паёмбаронаш имон овардаанд; [ва суханашон ин аст, ки]: "Миёни ҳеҷ як аз паёмбаронаш [дар имон ба эшон] тафовуте намегузорем" ва

гуфтанд: "Шунидем ва итоат кардем. Парвардигоро, омурзиши Туро [хоҳонем] ва бозгашти [тамоми умур] ба сӯйи Туст). То охири сура.

Аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст, ки мефармояд:

«مَنْ قَرَأَ الآيَتَيْنِ مِنْ آخِرِ سُورَةِ البَقَرَةِ فِي لَيْلَةٍ كَفَتَاهُ».

"Ҳар кас ду ояти охири сураи Бақараро дар шаб бихонад, барояш басанда аст". Ва маънои ин ривоят -Аллоҳу аълам- ин аст, ки ин ду оят ӯро аз ҳар бадӣ ва шар ҳифз мекунад. Аз ҷумла, бисёр гуфтани "Аъузу би калимотиллоҳи томмоти мин шарри мо халақ" дар шабонарӯз, ҳангоми ворид шудан ба ҳар маконе, чи дар хона, ё биёбон, ё дар ҳаво ва чи дар дарё. Зеро Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«مَن نَزَلَ مَنْزِلًا فَقالَ: أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللهِ التَّامَّاتِ مِن شَرِّ ما خَلَقَ، لَمْ يَضُرَّهُ شَيءٌ حتَّى يَرْتَحِلَ مِن مَنْزِلِهِ ذَلِكَ».

«Ҳар ки ба манзиле фуруд ояд ва бигӯяд: "Аъузу бикалимотиллоҳит-томмоти мин шарри мо халақ" (Паноҳ меҷӯям ба калимоти томмаи Худо аз шарри он чи офаридааст), чизе ба ӯ газанд намерасонад, то аз он манзилаш кӯч кунад».

Ва аз ҷумлаи он ин аст, ки мусалмон дар

аввали рӯз ва аввали шаб се маротиба инро бигӯяд:

«بِسْمِ اللهِ الَّذِي لَا يَضُرُّ مَعَ اسْمِهِ شَيءٌ فِي الأَرْضِ وَلَا فِي السَّمَاءِ، وَهُوَ السَّمِيعُ العَلِيمُ».

"Ба номи Аллоҳ, ки ҳамроҳ бо номи Ӯ ҳеҷ чиз дар замину осмон зараре намерасонад ва Ӯ Шунавову Доност."

Зеро Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тибқи ривояти саҳеҳ ба гуфтани он ташвиқ намудааст ва ин зикр сабаби наҷот ва эминӣ аз ҳар гуна бадӣ ва газанде мебошад.

2- Муолиҷаи сеҳр пас аз воқеъ шуданаш, ки он низ аз чанд нукта иборат аст:

Якумаш: Зуд-зуд ба даргоҳи Аллоҳ тазарруъ намудан ва аз Ӯ талаб кардан, ки зарарро бартараф созад ва сахтиро аз байн барад.

Дувумаш: Кӯшиш намудан дар пайдо кардани ҷойи сеҳру ҷоду (дар замин, кӯҳ ё дигар ҷой) аст. Агар он ёфта шавад ва нобуд карда шавад, таъсири сеҳру ҷоду низ аз байн меравад ва ин яке аз муассиртарин роҳҳои муолиҷаи сеҳру ҷоду аст.

Сеюмаш: Руқя хондан бо зикрҳо ва авроди шаръӣ, ки бисёранд, аз ҷумла хондани:

Он чи аз гуфтори Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст:

«اللَّهُمَّ رَبَّ النَّاسِ، أَذْهِبِ الْبَأْسَ، وَاشْفِ أَنْتَ الشَّافِي، لَا شِفَاءَ إِلَّا شِفَاؤُكَ، شِفَاءً لَا يُغَادِرُ سَقَمًا».

"Аллоҳумма раббан-носи азҳибил-баъса ва-шфи анташ-шофӣ ло шифоа илло шифоука шифоан ло юғодиру сақаман."

Тарҷума: Худоё Парвардигори мардум! Дардро бартараф бикун ва шифо бидеҳ, ки танҳо Худат шифодиҳандаӣ, ҳеҷ шифое ҷуз шифои Ту нест. Шифое бидеҳ, ки ҳеҷ дардеро боқӣ нагузорад. Ин дуоро се маротиба мегӯяд.

Ва аз ҷумла дуое, ки Ҷабраил бар Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) руқя хонд, ин буд:

«بِسْمِ اللَّهِ أَرْقِيكَ، مِنْ كُلِّ شَيْءٍ يُؤْذِيكَ، وَمِنْ شَرِّ كُلِّ نَفْسٍ أَوْ عَيْنِ حَاسِدٍ، اللَّهُ يَشْفِيكَ، بِسْمِ اللَّهِ أَرْقِيكَ».

"Бисмиллоҳи арқика мин кулли шайъин юъзика ва мин шарри кулли нафсин ав айнин ҳосидин, Аллоҳу яшфика, бисмиллоҳи арқика."

Тарҷума: Ба номи Аллоҳ туро аз ҳар чизе, ки азиятат медиҳад ва аз шарри ҳар нафс ё чашми ҳасуд, руқя мехонам, Аллоҳ Таъоло шифоят медиҳад. Ба номи Аллоҳ туро руқя мехонам. Инро низ се маротиба такрор мекунад.

Ва аз ҷумлаи ин дуоҳо (махсус барои марде, ки бо ҳамсараш ҳамбистарӣ карда наметавонад, бисёр муфид аст) ин аст, ки ҳафт барги сабзи

дарахти сидрро гирифта, бо санг ё чизи монанд ба он кӯфта дар зарфе онро бирезад, сипас миқдоре аз об бар он изофа кунад, ки барои ғусл кофӣ бошад. Дар он об ин оятҳоро бихонад:

Оятулкурсӣ, ва

﴿قُلۡ يَـٰٓأَيُّهَا ٱلۡكَـٰفِرُونَ ۝١﴾

( Қул ё айюҳалкофирун) [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Эй кофирон! (Сураи Кофирун, ояти 1), ва

﴿قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ۝١﴾

(Қул ҳуваллоҳу аҳад) [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ӯ Аллоҳ Таъоло яктост.» (Сураи Ихлос, ояти 1), ва

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلۡفَلَقِ ۝١﴾

(Қул аъузу бираббил-фалақ) [Эй Паёмбар] Бигӯ: "Ба Парвардигори сапедадам паноҳ мебарам". (Сураи Фалақ, ояти 1), ва

﴿قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ۝١﴾

(Қул аъузу бираббиннос) [Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам.» (Сураи Нос, ояти 1).

Ва оятҳои сеҳру ҷоду, ки дар сураи Аъроф ҳастанд, иборатанд аз ин фармудаи Худованд:

﴿وَأَوۡحَيۡنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنۡ أَلۡقِ عَصَاكَۖ فَإِذَا هِيَ تَلۡقَفُ مَا يَأۡفِكُونَ ۝١١٧ فَوَقَعَ ٱلۡحَقُّ وَبَطَلَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ۝١١٨ فَغُلِبُواْ هُنَالِكَ وَٱنقَلَبُواْ صَٰغِرِينَ ۝١١٩﴾

(Ва [мо] ба Мӯсо ваҳй кардем, ки: «Асои

худро биафкан». Пас, ногаҳон он [асо ба мори бузурге табдил шуд ва] ончиро, ки ба дурӯғ сохта буданд, фурӯ балъид.

Пас, ҳақиқат ошкор гардид ва он чи мекарданд, ботил шуд.

Ва [Фиръавну фиръавниён ҳамагӣ дар] онҷо шикаст хӯрданд ва хор гардиданд). (Сураи Аъроф, оятҳои 117-119).

Ҳамчунин оятҳои сураи Юнус, ки чунин аст:

﴿وَقَالَ فِرۡعَوۡنُ ٱئۡتُونِي بِكُلِّ سَٰحِرٍ عَلِيمٖ ٧٩ فَلَمَّا جَآءَ ٱلسَّحَرَةُ قَالَ لَهُم مُّوسَىٰٓ أَلۡقُواْ مَآ أَنتُم مُّلۡقُونَ ٨٠ فَلَمَّآ أَلۡقَوۡاْ قَالَ مُوسَىٰ مَا جِئۡتُم بِهِ ٱلسِّحۡرُۖ إِنَّ ٱللَّهَ سَيُبۡطِلُهُۥٓ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يُصۡلِحُ عَمَلَ ٱلۡمُفۡسِدِينَ ٨١ وَيُحِقُّ ٱللَّهُ ٱلۡحَقَّ بِكَلِمَٰتِهِۦ وَلَوۡ كَرِهَ ٱلۡمُجۡرِمُونَ ٨٢﴾

(Ва Фиръавн гуфт: «Тамоми ҷодугарони [моҳиру] доноро назди ман биёваред.»

Пас, чун ҷодугарон омаданд, Мӯсо ба онон гуфт: «Ончи [аз васоили ҷоду] мехоҳед, биафканед, [акнун] биафканед.»

Пас, чун афкананд, Мӯсо гуфт: «Он чи овардаед, ҷодуст. Яқинан, Аллоҳ Таъоло онро ботил хоҳад кард. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло кори муфсидонро ислоҳ намекунад.»

Ва Аллоҳ Таъоло бо суханони хеш ҳақро [собиту] пойдор мекунад, ҳарчанд муҷримон кароҳат дошта бошанд).

(Сураи Юнус, оятҳои 79-82).

Ва чанд ояти дигар аз сураи Тоҳо. Аз ҷумла:

﴿قَالُواْ يَٰمُوسَىٰٓ إِمَّآ أَن تُلۡقِيَ وَإِمَّآ أَن نَّكُونَ أَوَّلَ مَنۡ أَلۡقَىٰ ۝٦٥ قَالَ بَلۡ أَلۡقُواْۖ فَإِذَا حِبَالُهُمۡ وَعِصِيُّهُمۡ يُخَيَّلُ إِلَيۡهِ مِن سِحۡرِهِمۡ أَنَّهَا تَسۡعَىٰ ۝٦٦ فَأَوۡجَسَ فِي نَفۡسِهِۦ خِيفَةٗ مُّوسَىٰ ۝٦٧ قُلۡنَا لَا تَخَفۡ إِنَّكَ أَنتَ ٱلۡأَعۡلَىٰ ۝٦٨ وَأَلۡقِ مَا فِي يَمِينِكَ تَلۡقَفۡ مَا صَنَعُوٓاْۖ إِنَّمَا صَنَعُواْ كَيۡدُ سَٰحِرٖۖ وَلَا يُفۡلِحُ ٱلسَّاحِرُ حَيۡثُ أَتَىٰ ۝٦٩﴾

([Ҷодугарон] гуфтанд: «Эй Мӯсо, оё ту [он чиро бо худ дорӣ] меафканӣ ё [мо] нахустин касе бошем, ки меафканад?»

[Мӯсо] Гуфт: «[На] балки шумо бияфканед». Пас, ногоҳ ресмонҳо ва чӯбдастҳои онон аз ҷодуяшон чунон ба назараш расид, ки гӯӣ ба шитоб мехазанд.

Пас, Мӯсо дар дилаш тарсе эҳсос кард.

Гуфтем: «Натарс, [ки] ту, ҳатман, [пирӯз ва] бартарӣ.

Ва он чиро, ки дар дасти рости худ дорӣ, бияфкан, то [тамоми] он чиро, ки сохтаанд, бибалъад. Бе тардид, он чи онон сохтаанд, фақат найранги ҷодугар аст ва ҷодугар ҳар ҷо, ки бошад [ва ҳар чӣ кунад], пирӯз намегардад»). (Сураи Тоҳо, ояти 65-69).

Баъд аз хондани ин оятҳо дар об, се бор аз он менӯшад ва бо боқимондааш ғусл мекунад. Ба ин васила, агар Худо хоҳад, беморӣ аз байн меравад. Агар ниёзе ба истифода бурдани он ду бор ё бештар бошад, боке нест, то замоне ки

беморӣ бартараф шавад.

Ин зикрҳо, таъвизот ва василаҳо бузургтарин сабабҳо барои пешгирӣ аз шарри сеҳру ҷоду ва дигар бадиҳо мебошанд. Ин зикрҳо инчунин пурқувваттарин силоҳ барои бартараф кардани сеҳр пас аз рух додани он маҳсуб мешаванд, барои касе, ки онҳоро бо сидқу имон ва эътимод бар Худо ва такя бар Ӯ ва бо дили кушода ба он чи ки дар он зикр шудааст, риояту мудовимат кунад.

Ин буд он чизе, ки тавонистем аз роҳҳои пешгирӣ ва муолиҷаи сеҳр баён намоем. Худованд тавфиқ диҳандаи ҳақиқӣ аст.

Дар ин ҷо як масъалаи муҳимме ба миён меояд ва он муолиҷаи сеҳр ба воситаи амалҳои ҷодугарон аст, ки тавассути наздикӣ ҷустан ба ҷинҳо бо қурбонӣ кардан ё дигар намудҳои қурбонӣ анҷом мешавад. Ин кор ҷоиз нест, зеро аз амалҳои шайтон, балки аз ширки акбар ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин бо муроҷиат кардан ба коҳинону фолбинон ва ҷодугарон ва истифода бурдан аз гуфтаҳои онон барои муолиҷа кардан ҷоиз нест. Зеро онон кофир, фоҷир ва дурӯғгӯянд, ки иддаои илми ғайбро доранд ва мардумро фиреб мекунанд. Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз рафтан ба назди онон, пурсидан ва бовар кардани онон сахт ҳушдор додааст, чунон ки дар оғози ин

рисола зикр шуд. Пас, ҳазар кардан аз он воҷиб аст. Дар ривояти саҳеҳ аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омадааст, ки аз "нушра" (илоҷи сеҳр бо сеҳр) пурсида шуд, дар посух фармуданд:

«هِيَ مِنْ عَمَلِ الشَّيْطَانِ».

«Он аз амали шайтон аст.» Ривояти Имом Аҳмад ва Абудовуд бо исноди ҷайид (хуб).

"Нушра" кушодан ё муолиҷа кардани сеҳр бо сеҳр аст. Муроди Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз суханаш дар ин ҷо "нушра"-е аст, ки дар даврони ҷоҳилият ба кор бурда мешуд. Яъне, муроҷиат ба ҷодугар барои бардоштани сеҳр, ё бартараф кардани он бо сеҳри дигар аз ҷониби ҷодугари дигар.

Аммо кушодан ва муолиҷа кардани сеҳр бо руқя ва таъвизоти шаръӣ ва дармонҳои мубоҳу ҳалол боке надорад, ҳамон тавре ки пештар гуфта шуд. Дар ин маврид Аллома Ибни Қайим ва Шайх Абдурраҳмон ибни Ҳасан (раҳматуллоҳи алайҳимо) дар "Фатҳул-маҷид" ва дигар олимон низ баён карданд.

Аз Худованди Мутаъол мехоҳем, ки мусалмононро аз ҳама бадиҳо дар амон нигоҳ дорад, динашонро барояшон нигоҳ дорад ва ба онҳо фаҳми дуруст дар дин ато кунад ва аз ҳар он чи ки мухолифи шариати Ӯст, солим нигоҳ

дорад.

Ва саллаллоҳу ва саллама ъало абдиҳи ва расулиҳи Муҳаммад ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

# Рисолаи даҳум: Парҳез кардан аз сохтани масҷидҳо бар болои қабрҳо

Ба номи Аллоҳ, ҳамду сано ва дуруду салом бар Паёмбари Ӯ бод.

Аммо баъд:

Ман аз он чи дар шумораи сеюми маҷаллаи "Робитаи улуми исломӣ" дар боби (Ахбори мусалмонон дар як моҳ) нашр шуд, огоҳ шудам, ки Робитаи улуми исломӣ дар Подшоҳии Урдуни Ҳошимӣ қасд дорад бар ғоре, ки ба тозагӣ дар деҳаи Раҳиб кашф шудааст, масҷиде бино кунад ва он ҳамон ғорест, ки гуфта мешавад, аҳли Каҳф, ки зикрашон дар Қуръони Карим омадааст, дар он хобидаанд. Интиҳо.

Бо дарназардошти воҷиб будани насиҳат барои Аллоҳ ва бандагонаш, лозим донистам, ки дар худи ҳамон маҷалла ба Иттиҳодияи улуми исломӣ дар Подшоҳии Урдуни Ҳошимӣ сухане ироа намоям, ки мазмунаш насиҳат додан ба Иттиҳодия аст, то аз иҷрои қасди худ дар мавриди сохтани масҷид бар болои ғори зикршуда худдорӣ намояд. Зеро бино кардани масҷидҳо бар болои қабрҳои паёмбарон ва солеҳон ва осори онҳо аз ҷумлаи амалҳоест, ки

шариати комили исломӣ аз он манъ ва барҳазар дошта, анҷомдиҳандаи онро лаънат кардааст, зеро он аз василаҳои ширк ва зиёдаравӣ дар ҳаққи паёмбарон ва солеҳон мебошад. Воқеият гувоҳи он аст, ки он чи шариат овардааст, дуруст буда, далеле аз ҷониби Худованди Бузург аст ва инчунин далели равшану ҳуҷҷати қотеъ бар ростгӯии Паёмбари Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар он чизе, ки аз ҷониби Худованд оварда ва ба уммат расонидааст, мебошад. Ва ҳар касе, ки дар аҳволи ҷаҳони ислом ва он ширку зиёдаравие, ки ба сабаби бино кардани масҷидҳо бар болои қабрҳо, бузургдошти онҳо, фарш кардан ва зиннат додани онҳо ва таъйин кардани хидматгорон барои онҳо ба вуҷуд омадааст, андеша кунад, яқинан дарк хоҳад кард, ки ин амалҳо аз василаҳои ширк буда, манъ кардан ва барҳазар доштан аз бино кардани онҳо аз ҷумлаи некиҳои шариати исломӣ мебошад.

Ва аз ҷумлаи он чи дар ин бора омадааст, ҳадисест, ки Бухорӣ ва Муслим (раҳматуллоҳи алайҳимо) аз Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят кардаанд, ки гуфт: Расули Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд:

«لَعَنَ اللَّهُ الْيَهُودَ وَالنَّصَارَى، اتَّخَذُوا قُبُورَ أَنْبِيَائِهِمْ مَسَاجِدَ، قالَتْ عَائِشَةُ: يُحَذِّرُ مَا صَنَعُوا، قالَتْ: وَلَوْلَا ذَلِكَ لَأُبْرِزَ قَبْرُهُ، غَيْرَ أَنَّهُ خُشِيَ أَنْ يُتَّخَذَ مَسْجِدًا».

Аллоҳ лаънат кунад яҳудиён ва насрониёнро, ки қабрҳои паёмбаронашонро масҷид қарор доданд". Оиша гуфт: "(Паёмбар бо ин сухан) аз коре, ки онҳо карда буданд, ҳушдор медод. Ва агар ин хавф намебуд, қабраш ошкор карда мешуд, вале хавф аз он буд, ки масҷид гирифта шавад". Ҳамчунин дар саҳеҳайн ривоят аст, ки Умми Салама ва Умми Ҳабиба (Худованд аз онҳо розӣ бод) ба Расули Аллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) аз калисое, ки дар сарзамини Ҳабаша дида буданд ва тасвирҳое, ки дар он буд, нақл карданд, Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) гуфт:

«أُولَئِكَ إِذَا مَاتَ فِيهِمُ الرَّجُلُ الصَّالِحُ؛ بَنَوْا عَلَى قَبْرِهِ مَسْجِدًا، وَصَوَّرُوا فِيهِ تِلْكَ الصُّوَرَ، أُولَئِكَ شِرَارُ الْخَلْقِ عِنْدَ اللَّهِ».

"Онҳо чун марди солеҳе аз миёнашон вафот мекард, бар қабри ӯ масҷиде месохтанд ва он суратҳоро дар он тасвир мекарданд, онон бадтарин махлуқот дар назди Аллоҳ ҳастанд".

Дар Саҳеҳи Муслим аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Панҷ рӯз пеш аз вафоташон Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мефармуд:

«إِنِّي أَبْرَأُ إِلَى اللَّهِ أَنْ يَكُونَ لِي مِنْكُمْ خَلِيلٌ، فَإِنَّ اللَّهَ قَدِ اتَّخَذَنِي خَلِيلًا، كَمَا اتَّخَذَ إِبْرَاهِيمَ خَلِيلًا، وَلَوْ كُنْتُ مُتَّخِذًا مِنْ أُمَّتِي خَلِيلًا، لَاتَّخَذْتُ أَبَا بَكْرٍ خَلِيلًا،

أَلَا وَإِنَّ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمْ كَانُوا يَتَّخِذُونَ قُبُورَ أَنْبِيَائِهِمْ وَصَالِحِيهِمْ مَسَاجِدَ، أَلَا فَلَا تَتَّخِذُوا الْقُبُورَ مَسَاجِدَ، فَإِنِّي أَنْهَاكُمْ عَنْ ذَلِكَ».

«Ман ба даргоҳи Аллоҳ бароат ҷустаам, ки аз миёни шумо дӯсти наздике дошта бошам, зеро Аллоҳ Таъоло маро дӯсти хеш гардонидааст, чунончи, Иброҳимро дӯсти худ гардонида буд. Агар қарор мешуд, ки аз миёни умматам касеро ба дӯстӣ интихоб кунам, бешак Абубакрро дӯсти худ интихоб мекардам.

Огоҳ бошед, ки пешиниёни шумо қабрҳои паёмбарону солеҳони худро масҷид қарор медоданд, шуморо ҳушдор медиҳам, ки қабрҳоро масҷид қарор надиҳед, ман шуморо аз ин кор бозмедорам». Ва дар ин боб ҳадисҳо зиёданд.

Пешвоёну уламои бузурги мусалмонон, аз ҳамаи мазҳабҳои чаҳоргона ва дигарон, ба таври возеҳ дар бораи манъ будани масҷид сохтан бар болои қабрҳо баён кардаанд ва аз он барҳазар доштаанд; то ба суннати Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) амал намоянд ва умматро насиҳат карда, онро аз гирифтор шудан ба он чизе, ки пешиниён аз яҳуду насорои ғулувкунанда ва амсоли онҳо аз гумроҳони ин уммат ба он гирифтор шуда буданд, барҳазар доранд.

Бинобар ин, бар Иттиҳодияи улуми исломӣ

дар Урдун ва бар дигар мусалмонон воҷиб аст, ки ба Суннат пойбанд бошанд, аз роҳу равиши имомон пайравӣ кунанд ва аз он чизе, ки Аллоҳ ва Паёмбараш аз он барҳазар доштаанд, ҳазар намоянд, зеро ислоҳ, саодатмандӣ ва наҷоти бандагон дар дунё ва охират дар ҳамин аст. Ва баъзе аз мардум дар ин боб ба ин фармудаи Худованди Мутаъол дар қиссаи Асҳоби Каҳф истидлол кардаанд:

﴿...قَالَ ٱلَّذِينَ غَلَبُواْ عَلَىٰٓ أَمۡرِهِمۡ لَنَتَّخِذَنَّ عَلَيۡهِم مَّسۡجِدٗا﴾

([Ба нишонаи бузургдошт] Бар [ғори] эшон парастишгоҳе месозем) (Сураи Каҳф, ояти 21).

Ва ҷавоб ин чунин аст: Аллоҳи пок хабар додааст, ки раҳбарон ва соҳибони қудрати он замон ин суханро гуфтаанд ва ин на аз рӯи ризоият ва тасдиқи онҳост, балки аз рӯи мазаммат, айбҷӯӣ ва безорӣ ҷустан аз кирдори онҳост. Ва далели ин гуфта он аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод), ки ин оят бар ӯ нозил шудааст ва ӯ донотарини мардум ба таъвили он мебошад, уммати худро аз масҷид қарор додани қабрҳо манъ кардааст. Онҳоро аз он барҳазар дошта ва касеро, ки ин корро анҷом медиҳад, лаънат ва мазаммат кардааст.

Агар ин кор раво мебуд, Расули Аллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар ин бора ин қадар таъкиди сахт намекарданд ва муболиға

намуда, то ҷое, ки анҷомдиҳандаи онро лаънат карданд ва хабар доданд, ки ӯ аз бадтарин махлуқот назди Аллоҳ Таъоло аст. Ва ин барои шахси ҳақиқатҷӯ кифоя ва қонеъкунанда аст. Ҳатто агар фарз кунем, ки сохтани масҷидҳо бар болои қабрҳо барои умматҳои пеш аз мо ҷоиз буд, барои мо пайравӣ кардан ба онҳо дар ин кор раво нест. Зеро шариати мо носихи шариатҳои қаблӣ аст ва Паёмбари мо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) охирин паёмбар буда, шариаташ комилу умумист. Ӯ моро аз сохтани масҷидҳо бар болои қабрҳо манъ кардааст. Пас, мухолифат бо ӯ барои мо ҷоиз нест ва бар мо воҷиб аст, ки аз ӯ пайравӣ кунем, ба он чи овардааст, чанг занем ва ҳар он чиро, ки аз шариатҳои қадимӣ ва одатҳои писандидаи анҷомдиҳандагонаш мухолифи он аст, тарк намоем, зеро ҳеҷ шариате комилтар аз шариати Аллоҳ ва ҳеҷ раҳнамуде беҳтар аз раҳнамуди Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нест.

Аз Аллоҳ Таъоло мехоҳем, ки моро ва ҳамаи мусалмононро ба собитқадамӣ бар дини Ӯ ва пойбанд будан ба шариати Паёмбараш Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) муваффақ гардонад, дар гуфтору аъмол, дар зоҳиру ботин ва дар тамоми умур, то замоне ки бо Аллоҳ Ҷалла Ҷалолуҳу рӯ ба рӯ шавем.

Бегумон Ӯ Шунаво ва Наздик аст.

Саломи дуруди Аллоҳ бар банда ва фиристодааш Муҳаммад ва олу асҳобаш ва бар касоне, ки то рӯзи қиёмат аз ҳидояти ӯ пайравӣ мекунанд, бод.

***

بِسْمِ اللهِ الرَّحمَنِ الرَّحِيمِ

## Рисолаи ёздаҳум:
## Дафни мурдагон дар масҷидҳо

Ба номи Худо ва сипосу ситоиш мар Ӯро, дуруду салом бар Расули Аллоҳ ва хонадонаш ва касоне, ки аз равиши ӯ пайравӣ карданд. Аммо баъд:

Ман рӯзномаи «Хуртум»-ро, ки дар таърихи 17/4/1415 ҳ. нашр шудааст, мутолиа намуда, дар он баёнияеро дар бораи дафни Сайид Муҳаммад Ҳасан Идрисӣ дар канори падараш дар масҷидашон дар шаҳри Умми Дурмон... ва ғайра дарёфтам.

Ва аз ин нигоҳ, ки Худованд насиҳатро барои мусалмонон воҷиб ва пешгирӣ аз мункарро зарур донистааст, лозим донистам огоҳ созам, ки дафн кардан дар масҷидҳо ҷоиз нест, балки он василае ба сӯи ширк аст ва аз аъмоли яҳуду насоро ба ҳисоб меравад. Аллоҳ онҳоро ба хотири ин рафторашон мазаммат карда ва Паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онҳоро лаънат кардааст, чуноне ки дар Саҳеҳайн аз Оиша (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«لَعَنَ اللَّهُ الْيَهُودَ وَالنَّصَارَى، اتَّخَذُوا قُبُورَ أَنْبِيَائِهِمْ مَسَاجِدَ».

"Аллоҳ лаънат кунад яҳудиён ва насрониёнро, ки қабрҳои паёмбаронашонро масҷид қарор доданд". Ва дар саҳеҳи Муслим, аз Ҷундуб ибни Абдуллоҳ, аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки фармуданд:

«أَلَا وَإِنَّ مَنْ كَانَ قَبْلَكُمْ كَانُوا يَتَّخِذُونَ قُبُورَ أَنْبِيَائِهِمْ وَصَالِحِيهِمْ مَسَاجِدَ، أَلَا فَلَا تَتَّخِذُوا الْقُبُورَ مَسَاجِدَ؛ فَإِنِّي أَنْهَاكُمْ عَنْ ذَلِكَ».

"Огоҳ бошед! Ҳамоно касоне, ки пеш аз шумо буданд, қабрҳои паёмбарон ва солеҳонашонро масҷид (ибодатгоҳ) қарор медоданд. Огоҳ бошед! Пас, қабрҳоро масҷид (ибодатгоҳ) нагиред, зеро ман шуморо аз ин кор манъ мекунам." Дар ин маъно ҳадисҳо бисёр аст.

Бинобар ин, бар мусалмонон дар ҳама ҷо, ҳам бар ҳукуматҳо ва ҳам бар мардум, воҷиб аст, ки аз Худо битарсанд ва аз он чизе, ки Ӯ манъ кардааст, бипарҳезанд ва мурдаҳои худро берун аз масҷидҳо дафн кунанд. Чуноне ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва саҳобагону пайравони некукорашон мурдаҳоро берун аз масҷидҳо дафн мекарданд.

Аммо вуҷуд доштани қабри Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ду ёраш Абӯбакр ва Умар (разияллоҳу анҳумо) дар масҷиди он Ҳазрат (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам), далел бар ҷоиз будани дафни мурдаҳо дар масҷидҳо намешавад. Зеро он Ҳазрат

(Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар хонаи худ – яъне, дар хонаи Оиша (разияллоҳу анҳо) – дафн шуданд. Сипас ду ёраш ҳамроҳи ӯ дафн шуданд. Вақте ки Валид ибни Абдулмалик дар ибтидои қарни аввали ҳиҷрӣ масҷидро ҳангоми таъмир васеъ кард, ҳуҷра дар дохили масҷид қарор гирифт. Аҳли илм ин корашро инкор карданд, вале ӯ бар он назар буд, ки ин кор монеи тавсиа намешавад ва ин ки амр возеҳ аст ва шубҳае дар он нест.

Ва аз ин барои ҳар як мусалмон равшан мешавад, ки: Ӯ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ду ёраш (разияллоҳу анҳумо) дар масҷид дафн нашудаанд ва дохил кардани онҳо ба масҷид ба сабаби васеъкунии масҷид сурат гирифтааст, ки ин амал далел бар ҷоиз будани дафн дар масҷидҳо намебошад. Зеро онҳо дар масҷид нестанд, балки дар хонаи Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дафн шудаанд. Ва амали Валид ҳам барои касе дар ин масъала ҳуҷҷат шуда наметавонад, балки ҳуҷҷат дар Китоб ва Суннат ва дар иҷмои салафи уммат аст. (Аллоҳ аз онҳо розӣ бод) ва моро аз ҷумлаи пайравони некукори онҳо гардонад.

Барои насиҳат ва иброи зимма дар таърихи 14/5/1415 ҳ. таҳрир гардид.

Худованд тавфиқдиҳанда аст. Дуруду саломи Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад (Саллалоҳу

алайҳи ва саллам) ва бар аҳли байту асҳоб ва пайравонашон, ки ба некӣ аз онҳо пайравӣ мекунанд, бод.

***

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

## Рисолаи дувоздаҳум: Баёни куфр ва гумроҳии касе, ки гумон мекунад баромадан аз шариати Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барои ҳар кас ҷоиз аст

Ҳамду ситоиш Парвардигори ҷаҳониёнро ва дуруду салом бар охирин паёмбарон ва расулон, паёмбари мо Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва бар тамоми хонадон ва асҳобаш.

Аммо баъд:

Ман мақолаеро, ки дар рӯзномаи «Аш-Шарқ-ул-Авсат» дар шумораи (5824), санаи 5/6/1415 ҳ. нашр шудааст, мутолиа кардам, ки онро шахсе бо номи Абдулфаттоҳ ал-Ҳоик таҳти унвони «Фаҳми хато» навиштааст.

Хулосаи мақола чунин аст: ӯ он чизеро инкор мекунад, ки дар дини Ислом ба таври зарурӣ, бо далели нас ва иҷмоъ маълум аст, яъне умумияти рисолати Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҳамаи мардум. Ӯ иддао мекунад, ки ҳар касе аз Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пайравӣ накарда ва ба ӯ итоат накардааст, балки яҳудӣ ё насронӣ боқӣ мондааст, бар дини ҳақ аст. Сипас, ӯ нисбат ба Парвардигори ҷаҳониён — Субҳонаҳу — ҷуръат

карда, ҳикмати Ӯро дар азоб додани кофирон ва гунаҳкорон зери шубҳа бурда, онро амали беҳуда шуморидааст.

Ӯ матнҳои шаръиро таҳриф намуда, онҳоро дар ғайри макони худ қарор дода, мувофиқи хоҳишоти худ тафсир кардааст. Ҳамчунин муаллиф аз далелҳои шаръӣ ва матнҳои сареҳе, ки ба умумияти рисолати Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ба куфри касе, ки дар бораи ӯ шунида ва аз ӯ пайравӣ накардааст ва ин ки Аллоҳ Таъоло дине ҷуз Исломро намепазирад, далолат мекунанд, рӯй гардонда, то бо суханонаш ҷоҳилонро фиреб диҳад. Ин амали ӯ куфри ошкор, баргаршт аз дини Ислом (ридда) ва дурӯғ баровардани Аллоҳи Субҳонаҳу ва Таъоло ва Паёмбараш (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст, чунонки инро аҳли илм ва имон, ки ин мақоларо хондаанд, медонанд.

Бар ҳоким воҷиб аст, ки ӯро ба додгоҳ супорад, то аз ӯ тавба талаб намоянд ва мувофиқи тақозои шариати пок дар ҳаққи ӯ ҳукм кунанд.

Худованд Субҳонаҳу ва Таъоло умумияти рисолати Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва зарурати пайравӣ аз ӯро бар ҳамаи инсонҳо ва ҷиниён баён кардааст ва аз ин амр ҳар мусалмоне, ки андаке аз илм баҳра дорад,

бехабар нест.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلۡ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيۡكُمۡ جَمِيعًا ٱلَّذِي لَهُۥ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ يُحۡيِۦ وَيُمِيتُۖ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِ ٱلنَّبِيِّ ٱلۡأُمِّيِّ ٱلَّذِي يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَكَلِمَٰتِهِۦ وَٱتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ ١٥٨﴾

(Бигӯ: «Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ Таъоло ба сӯйи ҳамаи шумо ҳастам. Ҳамон [Парвардигоре], ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст, маъбуде [барҳақ] ҷуз Ӯ нест; зинда мекунад ва мемиронад, пас, ба Аллоҳ Таъоло ва фиристодааш – он паёмбари дарснохондае, ки ба Аллоҳ Таъоло ва суханонаш бовар дорад, имон биёваред ва аз Ӯ пайравӣ кунед, бошад, ки ҳидоят шавед») (Сураи Аъроф, ояти 158). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَأُوحِيَ إِلَيَّ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانُ لِأُنذِرَكُم بِهِۦ وَمَنۢ بَلَغَۚ...﴾

[ва ин Қуръон [аз ҷониби Ӯ] бар ман ваҳй шудааст, то ба василаи он ба шумо ва ҳар ки [ин паём ба ӯ] мерасад, ҳушдор диҳам.] (Сураи Анъом, ояти 19). Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿قُلۡ إِن كُنتُمۡ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِي يُحۡبِبۡكُمُ ٱللَّهُ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ذُنُوبَكُمۡۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٣١﴾

([Эй паёмбар] Бигӯ: "Агар Аллоҳро дӯст

медоред, аз ман пайравӣ кунед, то Аллоҳ Таъоло шуморо дӯст бидорад ва гуноҳонатонро биёмурзад; ва Аллоҳ Таъоло омурзандаи меҳрубон аст) (Сураи Оли Имрон, ояти 31). Дар ояти дигаре мефармояд:

﴿وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ۝٨٥﴾

(Ҳар ки дине ғайр аз Ислом баргузинад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёнкорон аст) (Сураи Оли Имрон, ояти 85). Ва дар ояти дигар омадааст:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا كَآفَّةٗ لِّلنَّاسِ بَشِيرٗا وَنَذِيرٗا...﴾

([Эй Паёмбар] Мо туро ҷуз башоратбахш ва бимдиҳандае барои ҳамаи мардум нафиристодаем...) (Сураи Сабаъ, ояти 28). Боз Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا رَحۡمَةٗ لِّلۡعَٰلَمِينَ۝١٠٧﴾

(Ва [эй Муҳаммад] туро ҷуз раҳмате барои ҷаҳониён нафиристодем) (Сураи Анбиё, ояти 107). Дар ҷои дигар Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...وَقُل لِّلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡأُمِّيِّـۧنَ ءَأَسۡلَمۡتُمۡۚ فَإِنۡ أَسۡلَمُواْ فَقَدِ ٱهۡتَدَواْۖ وَّإِن تَوَلَّوۡاْ فَإِنَّمَا عَلَيۡكَ ٱلۡبَلَٰغُۗ وَٱللَّهُ بَصِيرُۢ بِٱلۡعِبَادِ﴾

(ва ба аҳли китоб [яҳудиён ва масеҳиён] ва мушрикон бигӯ: "Оё шумо ҳам таслим шудаед"? Агар таслим шаванд, ҳатман ҳидоят ёфтаанд ва

агар рӯйгардон шуданд [ва сарпечӣ карданд, ғамгин машав, зеро] ту вазифае ҷуз расондан [-и ваҳй] надорӣ; ва Аллоҳ Таъоло ба [аҳволи] бандагон биност) (Сураи Оли Имрон, ояти 20). Ва Аллоҳ Субҳонаҳу мефармояд:

﴿تَبَارَكَ ٱلَّذِى نَزَّلَ ٱلْفُرْقَانَ عَلَىٰ عَبْدِهِۦ لِيَكُونَ لِلْعَٰلَمِينَ نَذِيرًا ١﴾

(Пурбаракат [ва бузургвор] аст, касе, ки Қуръонро [ки ҷудокунандаи ҳақ ва ботил аст] бар бандааш нозил кард, то бимдиҳандаи ҷаҳониён бошад) (Сураи Фурқон, ояти 1).

Бухорӣ ва Муслим аз Ҷобир (разияллоҳу анҳу) ривоят кардаанд, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«أُعْطِيتُ خَمْسًا لَمْ يُعْطَهُنَّ أَحَدٌ قَبْلِي: نُصِرْتُ بِالرُّعْبِ مَسِيرَةَ شَهْرٍ، وَجُعِلَتْ لِيَ الْأَرْضُ مَسْجِدًا وَطَهُورًا، فَأَيُّمَا رَجُلٍ مِنْ أُمَّتِي أَدْرَكَتْهُ الصَّلَاةُ، فَلْيُصَلِّ، وَأُحِلَّتْ لِيَ الْمَغَانِمُ، وَلَمْ تَحِلَّ لِأَحَدٍ قَبْلِي، وَأُعْطِيتُ الشَّفَاعَةَ، وَكَانَ النَّبِيُّ يُبْعَثُ إِلَى قَوْمِهِ خَاصَّةً، وَبُعِثْتُ إِلَى النَّاسِ عَامَّةً».

"Ба ман панҷ чиз дода шудааст, ки пеш аз ман ба ҳеҷ паёмбаре дода нашудааст: Тарс (руъб), аз масофаи як моҳа душманонам дучори тарсу ваҳм мешаванд;

замин барои ман масҷид ва пок қарор дода шудааст, бинобар ин ҳар куҷо ки вақти намоз фаро расад, уммати ман ҳамонҷо намозашро мегузорад;

ғаниматҳо барои ман ҳалол гардонида шуданд, дар ҳоле ки барои ҳеҷ касе пеш аз ман ҳалол набуданд; ҳамчунин ба ман ҳаққи шафоат дода шудааст.

Ва Паёмбарони пеш аз ман танҳо ба қавми хеш фиристода мешуданд, вале ман ба ҳамаи мардум фиристода шудаам".

Ин баёни ошкорест, ки рисолати Паёмбарамон Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) барои тамоми башар умумӣ ва шомил буда, ҳамаи шариатҳои пешинро насх кардааст. Ва ҳар касе, ки аз Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) пайравӣ накунад ва аз ӯ итоат нанамояд, кофир ва осӣ буда, сазовори азоби Ӯст. Дар ин маврид Худованд мефармояд:

﴿...وَمَن يَكۡفُرۡ بِهِۦ مِنَ ٱلۡأَحۡزَابِ فَٱلنَّارُ مَوۡعِدُهُۥ...﴾

(...ва ҳар касе аз гурӯҳҳо[-и мухталифи мушрикон], ки ба он куфр биварзад [ва инкораш кунад], оташи дӯзах ваъдагоҳи ӯст...) (Сураи Ҳуд, ояти 17). Дар ояти дигар Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿...فَلۡيَحۡذَرِ ٱلَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنۡ أَمۡرِهِۦٓ أَن تُصِيبَهُمۡ فِتۡنَةٌ أَوۡ يُصِيبَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٌ﴾

(... пас касоне, ки аз фармонаш сарпечӣ мекунанд, бояд битарсанд аз ин ки андуҳ ва балое бар сарашон биёяд ё ба азобе дарднок

гирифтор шаванд) (Сураи Нур, ояти 63). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَن يَعۡصِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَيَتَعَدَّ حُدُودَهُۥ يُدۡخِلۡهُ نَارًا خَٰلِدٗا فِيهَا وَلَهُۥ عَذَابٞ مُّهِينٞ ١٤﴾

(Ва ҳар ки аз Аллоҳ Таъоло ва паёмбараш нофармонӣ намояд ва аз ҳудуди Ӯ таҷовуз кунад, вайро дар оташе ворид мекунад, ки ҷовидона дар он хоҳад монд ва барояш азоби хоркунанда [дар пеш] аст) (Сураи Нисо, ояти 14). Дар ояти дигаре низ мефармояд:

﴿...وَمَن يَتَبَدَّلِ ٱلۡكُفۡرَ بِٱلۡإِيمَٰنِ فَقَدۡ ضَلَّ سَوَآءَ ٱلسَّبِيلِ﴾

(Касе, ки куфрро ба [ҷойи] имон баргузинад, мусалламан роҳи ростро гум кардааст) (Сураи Бақара, ояти 108). Дар ин маънӣ оятҳо зиёданд.

Ва Аллоҳ Таъоло итоати Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро бо итоати Худ қарин сохта, баён доштааст, ки ҳар ки дине ғайр аз Исломро бипазирад, зиёнкор аст ва аз ӯ на товоне ва на бадале пазируфта намешавад. Ӯ Таъоло мефармояд:

﴿وَمَنْ يَبْتَغِ غَيْرَ الْإِسْلَامِ دِينًا فَلَنْ يُقْبَلَ مِنْهُ وَهُوَ فِي الْآخِرَةِ مِنَ الْخَاسِرِينَ﴾

(Ҳар ки дине ғайр аз Ислом баргузинад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёнкорон аст) (Сураи Оли Имрон, ояти 85). Ва Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿مَنْ يُطِعِ الرَّسُولَ فَقَدْ أَطَاعَ اللَّهَ...﴾

(Ҳар ки аз паёмбар итоат кунад, дар ҳақиқат, аз Аллоҳ Таъоло итоат кардааст) (Сураи Нисо, ояти 80). Инчунин Худованд мефармояд:

﴿قُلْ أَطِيعُوا اللَّهَ وَأَطِيعُوا الرَّسُولَ فَإِنْ تَوَلَّوْا فَإِنَّمَا عَلَيْهِ مَا حُمِّلَ وَعَلَيْكُمْ مَا حُمِّلْتُمْ وَإِنْ تُطِيعُوهُ تَهْتَدُوا...﴾

(Бигӯ: «Аз Аллоҳ Таъоло ва паёмбар итоат кунед, пас, агар сарпечӣ кардед, паёмбар масъули чизест, ки бар ӯ таклиф шудааст [иблоғи ваҳй] ва шумо низ масъули чизе ҳастед, ки ба он таклиф шудаед; аммо агар аз ӯ итоат кунед, ҳидоят мешавед») (Сураи Нур, ояти 54). Аллоҳ Таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ وَالْمُشْرِكِينَ فِي نَارِ جَهَنَّمَ خَالِدِينَ فِيهَا أُولَئِكَ هُمْ شَرُّ الْبَرِيَّةِ ۝٦﴾

(Бе гумон, касоне аз аҳли китоб ва мушрикон, ки кофир шуданд, ҷовидона дар оташи ҷаҳаннам хоҳанд монд. Онон бадтарин офаридагон ҳастанд) (Сураи Байина, ояти 6).

Муслим дар "Саҳеҳ"-аш ривоят кардааст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ؛ لَا يَسْمَعُ بِي أَحَدٌ مِنْ هَذِهِ الْأُمَّةِ، يَهُودِيٌّ وَلَا نَصْرَانِيٌّ، ثُمَّ يَمُوتُ وَلَمْ يُؤْمِنْ بِالَّذِي أُرْسِلْتُ بِهِ؛ إِلَّا كَانَ مِنْ أَهْلِ النَّارِ».

"Савганд ба зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ҳеҷ кас аз ин уммат, хоҳ яҳудӣ ва хоҳ насронӣ бошад, (хабари паёмбарии) манро шунавад, сипас бимирад ва ба он чи ман фиристода шудаам, имон наоварад, ба таҳқиқ аз аҳли ҷаҳаннам хоҳад буд".

Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бо кирдору гуфтори худ ботил будани дини касонеро, ки ба дини Ислом надаромадаанд, баён намуданд; чунончи, бо яҳуду насоро, ҳамчунин бо дигар кофирон ҷангиданд ва аз касоне аз онҳо, ки ҷизя медоданд, онро қабул намуданд, то монеи расидани даъват ба дигарон нашаванд ва то ҳар касе аз онҳо, ки бихоҳад, бидуни тарс аз қавмаш, ки ӯро боздоранд, монеъ шаванд ё бикушанд, ба Ислом дохил шавад.

Бухорӣ ва Муслим аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят кардаанд, ки гуфт: Замоне ки мо дар масҷид будем, Расули Аллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) берун омаданд ва фармуданд:

«انْطَلِقُوا إِلَى يَهُودَ، فَخَرَجْنَا مَعَهُ حَتَّى جِئْنَا بَيْتَ الْمِدْرَاسِ، فَقَامَ النَّبِيُّ ﷺ، فَنَادَاهُمْ فَقَالَ :يَا مَعْشَرَ يَهُودَ، أَسْلِمُوا تَسْلَمُوا، فَقَالُوا: قَدْ بَلَّغْتَ يَا أَبَا الْقَاسِمِ، فَقَالَ لَهُمْ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: ذَلِكَ أُرِيدُ، أَسْلِمُوا تَسْلَمُوا، فَقَالُوا: قَدْ بَلَّغْتَ يَا أَبَا الْقَاسِمِ، فَقَالَ لَهُمْ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ: ذَلِكَ أُرِيدُ، ثُمَّ قَالَهَا الثَّالِثَةَ...».

«(Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд:) «Ба сӯи яҳудиён биравед». Пас, мо ҳамроҳи ӯ рафтем, то ба Байт-ул-мидрос (омӯзишгоҳ ва мадрасаи яҳудиён) расидем. Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бархоста, онҳоро нидо кард ва фармуд: «Эй ҷамоати яҳуд, ислом биёваред, то саломат бимонед». Онҳо гуфтанд: «Паёми худро расондӣ, эй Абулқосим». Расулуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба онҳо фармуд: «Ман ҳаминро мехоҳам, ислом биёваред, то саломат бимонед». Онҳо боз гуфтанд: «Паёми худро расондӣ, эй Абулқосим». Расулуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба онҳо фармуд: «Ман ҳаминро мехоҳам». Сипас бори сеюм низ ҳаминро фармуд...» Ҳадис.

Мақсад ин аст, ки Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба назди диндорони яҳуд ба омрӯзишгоҳашон рафтанд ва ононро ба Ислом даъват намуданд ва ба онон фармуданд: «Ислом биёваред, то саломат бимонед» ва ин суханро барояшон такрор намуданд.

Ҳамчунин номаашро ба Ҳирақл фиристода, ӯро ба Ислом даъват намуд ва огоҳ сохт, ки агар сарпечӣ кунад, гуноҳи касоне, ки ба сабаби сарпечии ӯ аз Ислом рӯй мегардонанд, бар гардани ӯст. Бухорӣ ва Муслим дар "Саҳеҳ"-ҳои худ ривоят кардаанд, ки Ҳирақл номаи Расули

Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)-ро талаб кард ва онро хонд, ки дар он чунин омада буд:

«بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ، مِنْ مُحَمَّدٍ رَسُولِ اللَّهِ إِلَى هِرَقْلَ عَظِيمِ الرُّومِ، سَلاَمٌ عَلَى مَنِ اتَّبَعَ الْهُدَى، أَمَّا بَعْدُ: فَإِنِّي أَدْعُوكَ بِدِعَايَةِ الْإِسْلَامِ، أَسْلِمْ تَسْلَمْ، وَأَسْلِمْ يُؤْتِكَ اللَّهُ أَجْرَكَ مَرَّتَيْنِ، فَإِنْ تَوَلَّيْتَ، فَإِنَّ عَلَيْكَ إِثْمَ الْأَرِيسِيِّينَ وَ

"Ба номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон. Аз Муҳаммад, расули Худо, ба Ҳирақл, бузурги Рум. Салом бар касе, ки аз ҳидоят пайравӣ кунад. Аммо баъд: Ман туро ба даъвати Ислом фаро мехонам. Ислом биёвар, то саломат бимонӣ. Ислом биёвар, Худо подоши туро ду баробар ато фармояд. Пас, агар рӯй гардонӣ, гуноҳи раъият бар гардани туст". Ва

﴿يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ تَعَالَوۡاْ إِلَىٰ كَلِمَةٖ سَوَآءِۭ بَيۡنَنَا وَبَيۡنَكُمۡ أَلَّا نَعۡبُدَ إِلَّا ٱللَّهَ وَلَا نُشۡرِكَ بِهِۦ شَيۡـٔٗا وَلَا يَتَّخِذَ بَعۡضُنَا بَعۡضًا أَرۡبَابٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِۚ فَإِن تَوَلَّوۡاْ فَقُولُواْ ٱشۡهَدُواْ بِأَنَّا مُسۡلِمُونَ ٦٤﴾

([Эй аҳли китоб, ба сӯйи сухане биёед, ки миёни мо ва шумо одилона аст [ва инҳирофе аз ҳақ дар он нест]: ки ҷуз Аллоҳро напарастем ва чизеро [дар қудрату тадбир] бо Ӯ шарик насозем ва бархе аз мо бархи дигарро ба ҷой Аллоҳ Таъоло [ба парастиш] нагиранд]. Агар онон [аз ин даъват] рӯй гардонанд, пас, [эй муъминон, ба эшон] бигӯед: Гувоҳ бошед, ки мо таслим [-и авомири илоҳӣ] ҳастем). (Сураи Оли

Имрон, ояти 64).

Сипас, вақте ки онҳо рӯй гардонданд ва аз дохил шудан ба Ислом ибо варзиданд; Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва асҳобаш (разияллоҳу анҳум) бо онҳо ҷангиданд ва бар онҳо ҷизяро воҷиб гардониданд.

Дар баробари таъкиди гумроҳии онҳо ва ин ки онҳо баъди насх шудани дини пешин бо дини Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар дини ботил қарор доранд, Худованд ба мусалмон амр фармудааст, ки дар ҳар рӯз, дар ҳар намоз ва дар ҳар ракъат аз Ӯ бихоҳад, то ӯро ба роҳи рости саҳеҳ ва мақбул, ки ҳамон Ислом аст, ҳидоят кунад. Ва ӯро аз роҳи касоне, ки мавриди ғазаб қарор гирифтаанд, дур дорад, яъне яҳудиён ва амсоли онҳо, ки медонанд бар ботил ҳастанд ва бар он пофишорӣ мекунанд. Ва ӯро аз роҳи гумроҳон дур дорад; ононе, ки бе илм ибодат мекунанд ва гумон доранд, ки бар роҳи ҳидоят ҳастанд, ҳол он ки худ дар гумроҳӣ қарор доранд. Ва онҳо: насрониён ва касоне аз умматҳои дигар ҳастанд, ки монанди онҳо дар гумроҳӣ ва ҷаҳолат ибодат мекунанд. Ва ҳамаи ин барои он аст, то мусалмон ба яқин бидонад, ки ҳар дине ғайр аз Ислом ботил аст ва ҳар касе, ки Аллоҳро бар асоси ғайри Ислом ибодат мекунад, гумроҳ аст. Ва ҳар касе, ки ба ин эътиқод надошта бошад, аз ҷумлаи мусалмонон

нест. Ва далелҳо дар ин боб аз Қуръон ва Суннат бисёр аст.

Пас, бар соҳиби мақола – Абдулфаттоҳ – воҷиб аст, ки ба тавбаи насуҳ шитоб кунад ва мақолае бинависад, ки дар он тавба карданашро эълон намояд. Ва ҳар ки ба даргоҳи Аллоҳ тавбаи содиқона кунад, Аллоҳ тавбаи ӯро қабул мекунад, зеро Аллоҳи Субҳон мефармояд:

﴿...وَتُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ﴾

(Ва эй муъминон, ҳамагӣ ба сӯи Аллоҳ Таъоло тавба кунед; бошад, ки растагор гардед) (Сураи Нур, ояти 31). Худованд мефармояд:

﴿وَٱلَّذِينَ لَا يَدۡعُونَ مَعَ ٱللَّهِ إِلَٰهًا ءَاخَرَ وَلَا يَقۡتُلُونَ ٱلنَّفۡسَ ٱلَّتِي حَرَّمَ ٱللَّهُ إِلَّا بِٱلۡحَقِّ وَلَا يَزۡنُونَۚ وَمَن يَفۡعَلۡ ذَٰلِكَ يَلۡقَ أَثَامًا ٦٨ يُضَٰعَفۡ لَهُ ٱلۡعَذَابُ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَيَخۡلُدۡ فِيهِۦ مُهَانًا ٦٩ إِلَّا مَن تَابَ وَءَامَنَ وَعَمِلَ عَمَلًا صَٰلِحًا فَأُوْلَٰٓئِكَ يُبَدِّلُ ٱللَّهُ سَيِّـَٔاتِهِمۡ حَسَنَٰتٖۗ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا ٧٠﴾

(Ва касоне ҳастанд, ки бо Аллоҳ Таъоло маъбуде дигар намехонанд ва касе, ки Аллоҳ Таъоло [куштанашро] ҳаром кардааст, ҷуз ба ҳақ намекушанд ва зино намекунанд. Ва ҳар ки ин [гуноҳон]-ро муртакиб шавад, кайфари гуноҳи [хеш]-ро мебинад, 68.

Рӯзи қиёмат азобаш дучандон мегардад ва бо хорӣ дар он [азоб] ҷовидон мемонад, 69.

Магар касе, ки тавба кунад ва имон оварад ва

коре шоиста анҷом диҳад. Пас, инонанд, ки Аллоҳ Таъоло бадиҳояшонро ба некиҳо табдил мекунад ва Аллоҳ Таъоло ҳамвора омурзгору меҳрубон аст, 70). (Сураи Фурқон, оятҳои 68-70). Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«الإِسْلَامُ يَهْدِمُ مَا كَانَ قَبْلَهُ، وَالتَّوبَةُ تَهْدِمُ مَا كَانَ قَبْلَهَا».

"Ислом он чиро, ки пеш аз он анҷом шудааст, нобуд месозад ва тавба он чиро, ки пеш аз он анҷом шудааст, нобуд месозад". Инчунин дар ҳидиси дигаре Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудааст:

«التَّائِبُ مِنَ الذَّنْبِ كَمَنْ لَا ذَنْبَ لَهُ».

"Тавбакунанда аз гуноҳ монанди касест, ки гуноҳ надорад".

Ва дар ин маънӣ оятҳо ва ҳадисҳо бисёр аст.

Ва (дар охир) аз Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло мехоҳам, ки ҳақро бароямон ҳақ нишон диҳад ва пайравӣ аз онро бароямон муяссар гардонад. Ва ботилро ботил нишон диҳад ва дурӣ ҷустан аз онро бароямон муяссар гардонад. Ва бар мо ва бар нависанда Абдулфаттоҳ ва бар ҳамаи мусалмонон тавбаи насуҳро ато фармояд ва ҳамаи моро аз фитнаҳои гумроҳкунанда ва пайравӣ аз ҳавову ҳавас ва шайтон паноҳ диҳад. Ҳамоно Ӯ соҳиби ин кор ва тавоно бар он аст.

Ва саллалоҳу ва саллама ъало набийино Муҳаммад ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи ва ман табиъаҳум бииҳсонин ило явми-д-дин.

❃❃❃

# Феҳраст


Номаи аввал ........ 2

Ақидаи дуруст ва он чи мухолифи он аст ........ 2

Асли аввал: Имон ба Аллоҳ Таъоло ........ 6

Асли дуввум: Имон ба фариштагон ........ 21

Асли севум: Имон ба китобҳо, ки он низ ду чизро дар бар мегирад: ........ 23

Асли чаҳорум: Имон ба паёмбарон ........ 26

Асли панҷум: Имон ба рӯзи қиёмат. ........ 27

Асли шашум: Имон ба қадар ........ 28

Эътиқодоти мухолифи ақидаи дуруст ........ 34

Рисолаи дувум: Дар баёни ҳукми кумак хостан аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ........ 45

НОМАИ СЕЮМ ........ 65

Дар баёни ҳукми кумак хостан аз ҷин ва шайтонҳо ва назр кардан барои онҳо. ........ 65

Паёми чаҳорум: ........ 89

Дар баёни ҳукми ибодат кардан бо дуоҳои бидъӣ ва ширкӣ. ........ 89

Рисолаи панҷум: ........ 118

Ҳукми ҷашн гирифтани мавлуди Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва дигар мавлудҳо ........ 118

Рисолаи шашум: ........ 131

Ҳукми ҷашнгирии шаби Исро ва Меъроҷ ........ 131

Рисолаи ҳафтум: ........ 139

Ҳукми таҷлили шаби нисфи моҳи Шаъбон ........ 139

Рисолаи ҳаштум: ........ 155

Танбеҳи муҳим дар бораи дурӯғ будани васияти нисбат додашуда. ........ 155

Шайх Аҳмад, хидматгори Ҳарами набавии шариф. 155

Рисолаи нуҳум: Ҳукми ҷоду, фолбинӣ ва он чи ба онҳо марбут аст (1) ........ 173

Рисолаи даҳум: Парҳез кардан аз сохтани масҷидҳо бар болои қабрҳо ........ 192

Рисолаи ёздаҳум: Дафни мурдагон дар масҷидҳо ... 199

Рисолаи дувоздаҳум: Баёни куфр ва гумроҳии касе, ки гумон мекунад баромадан аз шариати Муҳаммад (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барои ҳар кас ҷоиз аст. ........ 203

❇❇❇

tg397v4.0 - 27/06/2026

رئاسة الشؤون الدينية
بالمسجد الحرام والمسجد النبوي

رسالة الحرمين

# Message of The Two Holy Mosques

Guidance content for the visitors of the Holy Mosque and the Prophet's Mosque in languages.